**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ**

**Бо ҳуқуқи дастнавис**

**ТДУ 911.3:331 (575.3)**
**ТКБ 65.04:60.7 (2 тоҷик)**
**Ҳ – 30**

**ҲАҚНАЗАРОВ УМАРАЛИ НУРАЛИЕВИЧ**

# ХУСУСИЯТҲОИ ИҚТИСОДӢ-ГЕОГРАФИИ МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ ДАР МИНТАҚАҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060901 – Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ

**РОҲБАРИ ИЛМӢ:**
номзади илмҳои иқтисод, дотсент
Ҷӯраев Алишер

**ДУШАНБЕ – 2023**

**Мундарича**

Номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ **.........................................3**
Муқаддима.................................................... ................................ 4-11
**БОБИ I. ТАВСИФИ УМУМИИ МАФҲУМИ МУҲОҶИРАТ, НАЗАРИЯ ВА МЕТОДОЛОГИЯИ ОН ........................................ 12-46**
1.1 Назария ва методологияи муҳоҷирати меҳнатӣ ……………..........12-25
1.2. Таърихи муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ......................... 25-36
1.3. Тавсифи иқтисодӣ-географии муҳоҷирати меҳнатӣ, сабаб ва шаклҳои он ........................................................................................ 37-46
**БОБИ II. МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДӢ БОЗОРГОНӢ .............................47-107**
2.1. Сабаб ва омилҳои муҳоҷирати меҳнатӣ, ҷиҳатҳои мусбӣ ва манфии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ..........................................................47-75
2.2. Проблемаҳои мавҷудаи муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон .........................................................................................76-96
2.3. Омода намудани кадрҳои баландихтисос ва дастгирии иҷтимоии аҳолӣ ..............................................................................................96-107
**БОБИ III. ХУСУСИЯТҲОИ ИҚТИСОДӢ – ГЕОГРАФӢ ВА ДУРНАМОИ МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ ДАР МИНТАҚАҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН .....................................................108-139**
3.1. Хусусиятҳои иқтисодӣ – географии муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (ВМКБ, вилояҳои Суғд, Хатлон ва ноҳияҳои тобеи марказ) ................................................................ 108-119
3.2. Сиёсати муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.........119-133
3.3. Дурнамои муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон...........................................................................133-139
**ХУЛОСА ВА ТАВСИЯҲО...........................................................140-145**
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО).........................................148-159**
**ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ...........................................................................................160-161**

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**АМИ ҶТ** – Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**ВКД ҶТ** – Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**ВМКБ** – Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон;

**ИДМ** – Иттиҳоди давлатҳои Мустақил;

**ИМА** – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико;

**КМПКб** – Комитети марказии Партияи Коммунистии болшевикон;

**ҶСШ** – Ҷумҳурии Сотсиалистии Шуравӣ;

**КВД** – Корхонаи воҳиди давлатӣ;

**ҶБВ** – Ҷанги Бузурги Ватанӣ;

**ТҚК** – Тадқиқоти Қувваҳои Корӣ;

**АИД** – Ашхоси  интиқолёфтаи дохилӣ;

**РОБА –** Роҳи оҳани Байкалу Амур;

**РИ** – Раёсати иттилоотӣ;

**ММД** – Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ;

**НБО** – Нерӯгоҳи барқии обӣ;

**НТМ** – Ноҳияҳои тобеи марказ;

**СУС** – Созмони умумиҷаҳонии савдо;

**ҶСШК** – Ҷамъияти саҳомии шакли кӯшода;

**ҶСП** – Ҷамъияти саҳомии пӯшида;

**ҶДММ** – Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд;

**ҶСК** – Ҷамъияти саҳомии кушода;

**С.** – саҳифа;

**саҳ.** – саҳифа;

**с.** – сол;

**ш.** – шаҳр;

**ғ.** – ғайра.

# МУҚАДДИМА

**Муҳиммияти мавзуи таҳқиқот.** Пош хурдани Иттиҳоди Шӯравӣ яке аз сабабҳои асосии тағйир ёфтани вазъи сиёсӣ ва иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гардид, ки он ба сатҳи зиндагӣ, даромад, хароҷоти аҳолӣ, таносуби бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ таъсири назаррас расонид. Шароити рақобати шадиди иқтисоди бозоргонӣ ва афзоиши босуръати аҳолӣ, вазъи бекорӣ, нарасидани ҷойҳои корӣ, дараҷаи пасти музди меҳнат ва дигар омилҳо боиси коҳиш ёфтани сатҳи иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои ҷумҳурӣ ва муҳоҷирати меҳнатии берунмарзии аҳолӣ гардид. Аз тарафи дигар таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки яке аз роҳҳои самарабахши беҳтар намудани дараҷаи таъминоти моддии аҳолӣ муҳоҷирати меҳнатӣ ба ҳисоб меравад.

Муҳоҷирати меҳнатӣ дар худ самтҳои ба кор шомил шудани аҳолиро таҷассум намуда, самти ҳаракати аҳолии қобили меҳнатро дар байни ҳудудҳои географӣ (ноҳия, вилоят, мамлакат, қитъа ва ғ.) бо мақсади амалӣ намудани фаъолияти меҳнатӣ муаян менамояд. Аз тарафи дигар оқибатҳои муҳоҷирати меҳнатӣ хоҳ мусбӣ ё манфӣ ҳамеша хусусиятҳои хоси худро доро мебошанд. Дар робита ба ин масъала зарурияти омӯзиши хусусиятҳои иқтисодӣ-географии муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъсири онҳо ба бозори меҳнат муҳим аст. Агар дар шароити кунунӣ муҳоҷирати меҳнатӣ амалӣ нагардад, он метавонад Тоҷикистонро ба мушкилиҳои зиёд рӯбарӯ гардонад. Яъне ҳангоми маҳдуд кардани шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ он метавонад боиси зиёд гардидани шумораи бекорон, кам шудани даромади аҳолӣ ва таназзул ёфтани иқтисодиёти мамлакат шавад, аз ҷониби дигар, вазъи иқтисодии мамлакат имконияти пурраи истифодаи захираҳои меҳнатии мавҷударо надорад. Ҳаминтавр, раванди муҳоҷирати меҳнатӣ дар паст намудани шиддати бозори меҳнат ва нигоҳдории сатҳи иқтисодиёти ҷумҳурӣ мусоидат менамояд. Бинобар

омӯзиши раванди муҳоҷирати меҳнатӣ ва роҳандозӣ намудани тадбирҳои самарабахши он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти барзиёдии захираҳои меҳнатӣ ва истифодаи самараноки он аз муҳим будани омӯзиши ин масъала дарак медиҳад.

Ҳамин тариқ, муҳиммияти мушкилоти зикршуда, тафовути ҳудудӣ дар сатҳи зиндагонии аҳолӣ ва вазъи иқтисодии минтақаҳои ҷумҳурӣ, ноустувории бозори меҳнат, номуайянии омори муътамад яке аз сабабҳои асосии объекти таҳқиқот интихоб намудани муҳоҷирати меҳнатӣ дар шароити минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва интихоби мавзуи таҳқиқотии рисолаи илмӣ гардид.

**Дараҷаи омӯхта шудани мавзуъ.** Муҳоҷирати аҳолӣ объекти доимии таҳқиқоти олимону муҳаққиқон ва коршиносон мебошад. Солҳои охир таҳқиқот оид ба муҳоҷирати меҳнатӣ, ки дар Тоҷикистон ва давлатҳои ИДМ падидаи оммавӣ гардидааст, хеле афзоиш ёфтааст. Дар адабиёти географӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ нисбати омӯзиши хусусиятҳои географии муҳоҷирати меҳнатӣ, танзими он, равандҳои муҳоҷират, сиёсати давлатии идоракунии муҳоҷират ва ғайра як қатор таҳқиқотҳои илмӣ гузаронида шудааст. Аз ҷумла, мавзуи рафти муҳоҷирати меҳнатӣ ва роҳҳои ҳалли он дар асарҳои олимони хориҷи кишвар Ионцев, А.В[1]. ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Муҳоҷирати меҳнатии байналмилалӣ бошад, дар асар ва рисолаҳои илмии як қатор олимон, аз ҷумла М.Б. Денисенко[2], ва дигарон инъикос ёфтааст. Ҷанбаҳои иқтисодию назариявӣ муҳоҷират дар асарҳои олимони ИДМ аз ҷумла Ионцев, В.А[3]. Рибаковский, Л.Л.[4]; ва ғайра масъалаҳои танзими давлатии муҳоҷират мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

[1] Ионцев В.А. Международная миграция населения на постсоветском пространстве: двадцать лет удач, ошибок и надежд/В.А. Ионцев. - М.: Верди 2011- 220с.
[2] Денисенко М.Б., Калмыкова Н.М. Демография/М.Б. Денисенко, Н.М. Калмыкова. - М.: ИНФРА, 2008. - С. 204.
[3] Ионцев В.А., Денисенко Б.А., Хореев Б.С. Миграциология. - МГУ, 1989. - С.4-10
[4] Рыбаковский Л.Л. Проблемы новой миграционной политики в России/ Л.Л. Рыбаковский, А.Г.Гришанова, Н.И.Кожевникова.- М.,- 2009.-367с.

Аз муҳаққиқони ватанӣ бошад Исломов, С.И[5]., Султонов, З.С[6]., Улмасов, Р.У[7]., Олимова, С[8]., Ҳакимов, П.[9], Исломов Ф.С.[10], Маҳмадбеков, М.Ш.[11], Бабаев, А.А[12]., Назарова, Г.Ш[13]., Гулмирзоев, Қ.Ҳ[14]. ва дигарон ба таҳқиқи масъалаҳои марбут бар муҳоҷирати меҳнатӣ машғул мебошанд.

Аммо масъалаҳои иқтисодӣ-географии муҳоҷирати меҳнатӣ дар ҳудуди минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло аз назари илмӣ дурус омӯхта нашудааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.**

Диссертатсия дар доираи равияи илмии кафедраи географияи иқтисодӣ ва иҷтимоии факултети географияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба мавзуи «Хусусиятҳои иқтисодӣ – географии муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида шуда, омода гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** муайян намудани омил ва хусусиятҳои иқтисодӣ-географии муҳоҷирати меҳнатӣ дар шароити минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди бозоргонӣ мебошад.

---

[5] Исломов С.И. Численность и размещение населения / С.И. Исломов // Социальные и экономические аспекты демографии населения. - Душанбе, 2005. - С. 5-15., Исламов С.И., Мирджалолова М. Демография Таджикистана в переходной экономике. - Душанбе, 1999. - 124 с. 71.

[6] Ниг.: Султанов З.С. Солиева Л.Ф. 1. Особенности миграционных процессов в Республике Таджикистан// Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. - Душанбе, Сино. - 2014. - №2/7 (147). - С. 241 -246.

2. Султанов З.С. Солиева Л.Ф. Система управления миграцией: средства помощи и развития (Опыт развитых стран)// Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. - Душанбе, Сино. - 2014. - №2/8(149). - С. 132 - 138.

[7] Ниг.: Улмасов Р.У. Развитие государственного регулирования временной трудовой эмиграции из Таджикистана в Российскую Федерацию: дис. … д-ра. геогр. наук. – Душанбе, 2010. – 67 с. (383)

[8] Ниг.: Олимова С. Трудовая миграция: информационное аналитическое обеспечение миграционных процессов в Республике Таджикистан - Душанбе Ирфон, 2007. - 94 с. 124. С.

[9] Ниг.: Ҳакимов П. Внутренняя миграция населения как фактор социально-экономического развития: на материалах Республики Таджикистан: дис. … кан. геогр. наук. – Душанбе, 2011. – 48 с. (179)

[10] Исламов Ф. С. Тенденция демографического развития Республики Таджикистан / АН РТ. Ин-т демографии. - Душанбе, 2005. - 182 с. 72.

[11] Ниг.: Маҳмадбеков М.Ш. Миграционные процессы: сущность, основные тенденции и их особенности в современном обществе: опыт Таджикистана: дис. … кан. геогр. наук. – Душанбе, 2010. – 62 с. (165)

[12] Ниг.: Бабаев А.А. Бабаев А.А. 1) Современные проблемы миграции населения в регионах с высоким темпом роста населения (на материалах Республики Таджикистан): Автореф. дис. канд.эк. наук. - Душанбе, 2012.- С.10. (163).

2) Бабаев А.А. Трудовая миграция: роль денежных переводов трудовых мигрантов в развитии предпринимательства/А.А. Бабаева. - Душанбе, 2011. -145с.

[13] Ниг.: Назарова, Г.Ш. Экономико-географические аспекты управления внешней трудовой миграцией в Республике Таджикистан и пути их совершенствования: дис. … кан. геогр. наук. – Душанбе, 2018. – 28 с. (153)

[14] Ниг.: Гулмирзоев К.Х. Географические аспекты регулирования внешней трудовой миграции (на материалах Республики Таджикистан): автореф. дис. … кан. геогр. наук. – Душанбе, 2019. – 39 с. (160).

**Вазифаҳои таҳқиқон.** Бо мақсади расидан ба ҳадафи гузошташуда ҳали вазифаҳои зерин гузошта шудааст:

- омӯхтани фикру ақидаи олимони соҳаи география ва иқтисодиёт оид ба назария, методологияи таҳқиқот ва таърихи муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- муайян намудани омилҳои иқтисодӣ-географии муҳоҷирати меҳнатӣ, сабаб ва хусусиятҳои он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- арзёбӣ намудани ҷиҳатҳои мусбӣ ва манфии муҳоҷирати меҳнатӣ;

- таҳлили масъалаҳои кунунии муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- муайян кардани омилҳое, ки ба такмил, омода кардани кадрҳои соҳибтахассус ва дастгирии иҷтимоии аҳолӣ мусоидат мекунанд;

- таҳқиқи хусусиятҳои иқтисодӣ-географии муҳоҷирати меҳнатӣ бо дарназардошти таъсири онҳо ба вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳои Тоҷикистон;

- коркарди тавсияҳо ҷиҳати дурнамо ва сиёсати муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Объети таҳқиқот** муҳоҷирати меҳнатии аҳолӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (ВМБК, вилоятҳои Суғд, Хатлон ва НТМ) мебошад.

**Предмети таҳқиқотро** хусусиятҳои ба худ хоси иқтисодӣ-географии муҳоҷирати меҳнатии аҳолӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки пажуҳиши мукаммали илмӣ оид ба хусусиятҳои иқтисодӣ-географии муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, пешниҳод ва хулосаҳои дар рисола дарҷшуда, ба такмили танзими муҳоҷирати меҳнатӣ ҳамчун омили муайянкунандаи рушди иқтисодӣ, сатҳи зиндагонии аҳолӣ, вазъи бозори меҳнат дар минтақаҳои ҷумҳурӣ равона гардидаанд. Дар раванди таҳқиқот натиҷаҳои зерини назариявӣ

ва амалӣ ба даст оварда шудааст, ки навгонии инлмии онро муайян мекунанд:

1. Дар асоси ақидаи олимони варзидаи соҳаи география, демография ва иқтисодиёт, назария ва методологияи таҳқиқот инчунин хусусиятҳои иқтисодӣ-географии муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯхта шуда, вобаста ба шароитҳои иқтисодӣ-иҷтимоии минтақаҳои мамлакат таҳлилу баррасӣ гардидаанд.

2. Омилҳои иқтисодӣ-географӣ, сабаб ва намудҳои муҳоҷирати меҳнатӣ вобаста ба хусусиятҳои хоси онҳо ошкор карда шудаанд.

3. Ҷанбаҳои мусбат ва оқубатҳои манфии муҳоҷирати меҳнатӣ дар шароити минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди бозоргонӣ арзёбӣ шудаанд.

4. Проблемаҳои мавҷудаи муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардида, омилҳое, ки ба такмил ва омода кардани кадрҳои соҳибтахассус ва дастгирии иҷтимоии аҳолӣ мусоидат мекунанд, муайян карда шудаанд.

5. Хусусиятҳои иқтисодӣ-географии муҳоҷирати меҳнатӣ бо дарназардошти таъсири онҳо ба вазъи иҷтимоӣ-иктисодии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуда, тавсияҳо ҷиҳати дурнамо ва сиёсати муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудаанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот**. Ҳангоми таҳқиқот ба мо муйясар шуд, ки сохтори умумии вазъи муҳоҷирати меҳнатиро дар минтақаҳои ҷумҳурӣ дақиқтар муайян намуда, механизмҳои иқтисодӣ-иҷтимоие, ки ба муҳоҷирати меҳнатӣ дар мамлакат монеъ мешаванд, дурустар дарк намоем. Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки самти таҳқиқот ба муайян ва коркарди механизми илман асоснокшудаи хусусиятҳои иқтисодӣ-географии муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ нигаронида шудааст. Аҳамияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки дар асоси он сиёсати мувофики муҳоҷират ва дурнамои

он барои минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон коркард карда шавад. Маводи диссертатсияро ҳамчунин мутахассисони соҳаҳои гуногун метавонанд дар омӯзиши равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода намоянд. Натиҷаҳои илмии бадастомадаро метавон дар таълими фанҳои географияи аҳолӣ, демография, сотсиология, географияи иқтисодӣ-иҷтимоии Тоҷикистон ва дигар фанҳо дар муассисаҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурд.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Зимни анҷом додани таҳқиқоти илмӣ аз ҷониби муаллиф як қатор тавсияҳои амалӣ пешниҳод шудаанд, аз ҷумла:

1. Муҳоҷирати меҳнатӣ аз назари илмӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, назарияи олимони соҳавӣ тавсиф ва дар асоси таҳлилҳои илмӣ муайян карда шуд, ки он категорияи гуногунҷабҳа буда, механизми дурусти татбиқи он таҳқиқ ва пешниҳод шудааст.

2. Асосҳои назариявии ҷараёни муҳоҷирати меҳнатӣ дар давраи муосир таҳқиқ гардида, усулҳо, механизм ва тартиби интиқолшудани муҳоҷирон бо дарназардошти фарқияти минтақаҳо таҳлил карда шуданд;

3. Сабаб ва оқибатҳои муҳоҷирати меҳнатӣ ва мушкилотҳои мавҷудаи он, асосноксозии омода намудани кадрҳои баландихтисос ва дастгирии иҷтимоии аҳолӣ дар минтақаҳои ҷумҳури ба таври илмӣ пешниҳод шудааст.

4. Таҳқиқоти сотсиологӣ воқеияти масъаларо оид ба нақши муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақаҳо барои беҳтар гардидани некуаҳволии хонаводаҳо асоснок намуд;

5. Тавсияҳо ҷиҳати дурнамо ва сиёсати муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудаанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо.** Эътимоднокии таҳқиқоти диссертатсионӣ тавассути истифодаи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, таҳлили барнома ва қонунҳо, омӯзиши адабиёти умумӣ ва махсус оид ба таҳқиқот ва рисолаҳои як қатор олимон, ки нуктаҳои назари

илмии муосирро оид ба равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ инъикос менамояд, ба даст оварда шудааст.

Эътимоднокии таҳқиқоти диссертатсионӣ, инчунин аз истифодаи заминаҳои васеъи таҷрибавӣ, ки дар шакли маълумотҳои гуногуни оморӣ, ҷамъбасти маводи таҳлилгардида бармеояд. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти рисолаи илмӣ ба он хотир эътимодноканд, ки онҳо дар асоси таҳлили Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, сомонаи расми www.prezident.tj. ва ғайра ба даст омадаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ** Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 25.00.24 – Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2021, таҳти №7 тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.**

Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ асоснок карда мешаванд. Ҳамчунин, тарзи навишт, гузориши масъала, мазмуни диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд. Ҳамзамон, аз тарафи муаллифи диссертатсия бо мақола ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ пешниҳодҳо ҷиҳати такмил бахшидани самаранок истифодаи захираҳои меҳнатӣ ва самтҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ироа гардидааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои рисола.** Рисола дар кафедраи географияи иқтисодӣ-иҷтимоии факултети географияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ омода ва мавриди муҳокимаи илмӣ қарор гирифтааст. Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар мақолаҳои муаллиф, дар маҷаллаҳои

тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар маҷаллаву маҷмӯаҳо ба нашр расидаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсия ва симпозиумҳо ба тариқи маърӯза аз ҷониби муаллифи рисола пешниҳод гардидаанд:

**ҷумҳуриявӣ:**

– «НБО-и Роғун кафолати истиқлолияти энергетикии Тоҷикистон» маърӯза дар мавзуи « Сиёсати шуғл ва кафолати иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ». – Душанбе 27.03.2019. – 219 – 226 с.

– «НБО-и Роғун кафолати истиқлолияти энергетикии Тоҷикистон» маърӯза дар мавзуи «Ба шуғл фарогирию паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Душанбе , 27.03.2019. – С 107-109.

– «Бистсолаи омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ» инчунин 80–солагии профессори кафедраи географияи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ Алишер Ҷӯраев дар мавзуи «Рушди илмҳои табиатшиносӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» – маърӯза дар мавзуи «Сиёсати муҳоҷирати меҳнатӣ ва ҳалли он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» – Душанбе, 2021. –328-337 с.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Оид ба мавзуи рисола ва муҳтавои асосии он аз ҷониби муҳаққиқ 7 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия, 3 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Таҳқиқоти рисола аз номгӯйи ихтисорот ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, 3 боб, 9 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд. Он фарогири 16 – ҷадвал, 7– диаграма ва 3– харита буда, ҳаҷми умумии диссертасия 171 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

# БОБИ I. ТАВСИФИ УМУМИИ МАФҲУМИ МУҲОҶИРАТ, НАЗАРИЯ ВА МЕТОДОЛОГИЯИ ОН

## 1.1. Назария ва методологияи муҳоҷирати меҳнатӣ.

Таҳқиқоти ҷанбаҳои асосии равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар тули садсолаҳо сурат пазируфтааст ва олимони соҳаҳои гуногуни илм бо истифода аз равишҳои мухталифи қонуниятҳо рушди онро ошкор намуда, саҳми худро ба қадри тавоноии хеш гузоштаанд.

Бахусус дар солҳои 60-ум як қатор корҳои илмии Переведенсев, В.И. ба ҷанбаҳои методии муҳоҷират бахшида шуда буд, ки муҳаққиқ онро чун муҳаррики маконӣ муайян кардааст[15]. Дар таҳқиқҳои охири худ ӯ муҳоҷиратро ба маънии васеъи ин мафҳум баррасӣ намуда, чун маҷмӯи ҳамагуна ҷойивазкунии одамон дар макон ва аз маънои маҳдуд-интиқоли одамон, ки тағйири ҷойи истиқомати онҳо ба муҳлати нисбатан тӯлонӣ робита дорад, муайян менамояд.

Дар асари худ Коситов, О. зери унвони «Муҳоҷирати аҳолии ҶШС Тоҷикистон», равандҳои муҳоҷиратро дар Тоҷикистон тавсиф намуда, ба омӯзиши омилҳои асосии муҳоҷират, иқтисодӣ, этникӣ, демографӣ, табиӣ ва ғайра таваҷҷуҳи зиёд зоҳир мекунад. Ӯ дар асоси маводҳои омори расмии давлатӣ ҷой ва моҳияти ҳар як олимро асоснок намуда, таваҷҷуҳи бештар ба тавсифи ҳаракати аҳолии деҳот медиҳад[16].

Аксари олимони ҷомеашинос ва демографҳо се шакли ҳаракати аҳолиро тазаккур медиҳанд: иҷтимоӣ, табиӣ ва муҳоҷиратӣ[17].

Дар таҳқиқотҳои Рыбаковский, Л.Л. баъзе аз ҷанбаҳои иҷтимоию иқтисодии масъалаи муҳоҷират мавриди таҳлил қарор дода шуда, таърифи илмӣ ва асосии он оварда мешавад[18].

[15] Ниг.: Переведенцев, В.И. Методы изучения миграции населения. Академия наук СССР, Институт международного рабочего движение. М, 1975. – С. 73.
[16] Ниг.: Коситов, О. зери унвони «Муҳоҷирати аҳолии ҶШС Тоҷнкистон», Душанбе 2001. – С. 47.
[17] Ниг.: Бреев, Б.Д. «Проблемы миграции и трудовых ресурсов», Масква, 1970. – С. 137.
[18] Ниг.: Рыбаковский, Л.Л. «Миграция населения», чоп.5: -М, 2001. – С. 42.

Бреев, Б.Д. аз нуқтаи назари ташаккули қувваҳои корӣ се шакли мутаҳаррикии аҳолиро ҷудо менамояд: ҳудудӣ, соҳавӣ ва тахассусӣ.

Рибаковский, Л.Л. чунин мешуморад, ки дар сурати ҷудо намудани се шакли ҳаракати аҳолӣ, имкони дар бораи ҳар яке аз ин шаклҳо тасаввуроти муайян доштан ба вуҷуд меояд. Масалан, ҳаракати иҷтимоӣ хусусиятҳои касбӣ, таҳсилотӣ, байнисоҳавӣ ва байнисекторро дорад. Ҳаракати иҷтимоӣ чун рушди иҷтимоӣ ва тағйири мавқеъи иҷтимоӣ ба назар мерасад. Дар самти аввал баланд шудани сатҳу савияи дониши тахассусӣ ва таҳсилот дар назар дошта шуда, дар самти дуюм - интиқолоти иҷтимоӣ ва тағйири ихтисос мадди назар мегардад[19].

Ҳаракати иҷтимоӣ танҳо тавсифоти сифатии аҳолиро тағйир медиҳад. Вале дар қиёс бо муҳоҷират, ки онҳо ба ҳам шабоҳати зиёд доранд, вай на танҳо як бахши маҷмуъро, балки кулли маҷмуъро фаро мегирад.

Дар маҷмуъ муҳоҷират чун ҳаракати механикии аҳолӣ пайдо гашта, тақсимшавии ҳудудии онро тағйир медиҳад.

Баъзе олимон кушидаанд, ки муҳоҷиратро аз рӯйи ҳудуд, хусусиятҳои географӣ ва макон таснифот намоянд.

Масалан, А.У. Хомра ҳаракатҳои соҳавӣ, ҳудудӣ, тахассусӣ ва иҷтимоиро эътироф мекунад. Чунин муносибатро нисбат ба муайян намудани муҳоҷират васеъ шарҳ медиҳад[20].

Аммо ба ақидаи Бреев, Б.Д. муҳоҷират метавонад аз нуқтаи назари ҳудудӣ, соҳавӣ ва тахассусӣ баррасӣ гардад. Ин муаллифон истилоҳи «мутаҳаррикӣ»-ро (яъне аз як ҷой ба ҷои дигар рафтан) ба «муҳоҷират» иваз намудаанд[21].

Ба гурӯҳи дуюм ҳамон таърифи муҳоҷиратро мансуб медонанд, ки танҳо интиқоли ҳудудии аҳолиро дар бар мегирад.

---

[19] Ниг.: Рыбаковский, Л.Л. «Миграция населения», чоп.5: -М, 2001.- С. 49.
[20] Ниг.: Хомра, А.У. «Определение и классификация форм миграции населения». Киев 1974 нашри 2. С. 118
[21] Ниг.: Бреев, Б.Д. «Проблемы миграции и трудовых ресурсов», Масква, 1970. 142

Ба гурӯҳи сеюм он таъриферо мансуб медонанд, ки ба чунин мафҳумҳои мутафовут чун интиқол ва муттаҳаррикӣ розӣ нестанд. Масалан, Кисляков, Н.А. чунин мешуморад, ки дар муайян сохтани моҳияти муҳоҷират бояд аз ду тафсир, ки яке аз онҳо муҳоҷиратро чун шакли ҳаракати географӣ арзёбӣ мекунад, кор гирифта шавад[22].

Заславская, Т.П. муҳоҷиратро чун серҳаракатии географӣ муайян намуда, муҳоҷирати аҳолиро шакли хусусии муттаҳаррикӣ номида аст[23].

Муттаҳаррикӣ чун мафҳуми умумии муҳоҷирати эҳтимолӣ ва воқеи ба вуҷуд меояд. Муттаҳаррикӣ ин омодагии эҳтимолии аҳолӣ барои тағйири макони ҳудудии худ аст.

Дар айни замон Рыбаковский, Л.Л. тазаккур медиҳад, ки муҳоҷират муттаҳаррикӣ нест, балки интиқол (кучбандӣ)-и амалӣ мебошад. Ҳол он ки муттаҳаррикӣ, дар навбати худ, на кучбандӣ, балки омода будан ба он аст. Мафҳумҳои «муттаҳаррикии ҳиҷратӣ» ва «интиқолёбии ҳудудӣ (кучидан)» ҳаммаъно нестанд. Ин ду воҳидҳои мухталифи раванди муҳоҷират мебошанд. Хулосаҳо дар бораи муттаҳаррикии ҳиҷрати аҳолӣ ба ҳаракати қувваҳои корӣ ва муттаҳаррикии захираҳои корӣ муносибати мустақим доранд[24].

Мафҳуми серҳаракатии ҳиҷрат намудҳои гуногуни муҳоҷиратро дар бар мегирад: доимӣ, муваққатӣ, мавсимӣ ва мокувор. Дар консепсияи серҳаракатии ҳиҷратии аҳолӣ тасаввуроти назарӣ дар бораи серҳаракатии аҳолӣ яке аз шартҳои муҳим ва ҳамзамон ҳамчун муттаҳаррики асосӣ қабул шудааст.

Аз нуқтаи назари муалиф таснифоти муҳоҷирати аҳолӣ ба тариқи зайл дар ҷадвали зерин оварда шудааст.

---

[22] Ниг.: Кисляков, Н.А «Очерки по истории Каратегина» Сталинабад, 1954. С. 45.
[23] Ниг.: Заславская, И «Миграция сельского населения», Масква, 1970. С. 83.
[24] Ниг.: Рыбаковский, Л.Л. Методологические вопросы прогнозирования населения. - М., 1978. -С.14.

Ҷадвали 1.1.1

**Таснифоти муҳоҷирати аҳолӣ:**




**Манбаъ: таҳияи муалиф дар асоси китоби дарсии Раҳмонов Ш.Т “Географияи аҳолӣ – Душанбе, 2011”.**

Мазмуни асосии консепсияи серҳаракатии ҳиҷрати аҳолӣ дар чорчубаи муносибати иқтисодию маскунсозӣ ба тарзи зайл тавсиф мегардад:

-шаклҳои гуногуни ҳаракати аҳолӣ - табиӣ, иҷтимоӣ ва ҳудудӣ, ки вобастагии мутақобила доранд;

-серҳаракатии ҳиҷрат ба тарзи воқеӣ бо рушди ҷамъиятӣ заминасозӣ мегардад. Аз ин рӯ, пеши роҳи онро гирифтан маънӣ надорад, баръакс онро истифода бояд кард;

-қонуни мутаҳаррикии аҳолӣ хусусияти воқеӣ дорад ва бо пешравии ҷамъияти ҳаракати муҳоҷират ҳамоно ҳар чӣ бештар ва дар маҷмӯъ ба зарурати иҷтимоию иқтисодӣ табдил ёфта, чун қоида, афзоиш меёбад.

Қисми таркибии консепсияи серҳаракатии ҳиҷрати аҳолӣ мафҳуми «низоми муҳоҷират» мебошад, ки серҳаракатии умумии аз нав тақсимкунии ҳудудии аҳолиро дар худ меғунҷонад. Пас аз пошхурии Иттиҳоди Шӯравӣ, мавзӯи муҳоҷирати аҳолӣ яке аз мавзуъҳои қобили таваҷҷуҳ дар саҳифаҳои нашрияҳои рӯзмарра ва илмӣ гардида буд. Муносибатҳои фарҳангию иҷтимоӣ, этникӣ ва меҳнатӣ дар кишварҳои дар гузашта шомили Иттиҳоди Шӯравӣ мавзӯи як идда таҳқиқҳои илмӣ қарор гирифта буданд.

Ҳамчунин, таҳқиқҳои гуногунҷабҳа дар асарҳои илмӣ ва таҳқиқотҳои олимони тоҷик низ мушоҳида мегардад. Дар ин робита, қабл аз ҳама асарҳои Исломов, С.И. Умаров, Х. Улмасов, Р. Зокиров, Г. Николаева, Л.Ю. Коситов, О. Маҳмадбеков, М.Ш. Ҳакимов, П. Исломов, Ф.С. Олимова, С. Зокиров, Т.Н. Абдуллоев, Р. Бобохонов, М. ва дигаронро тазаккур додан зарур аст.

Вале бо вуҷуди муҳимияти таҳқиқҳо, ки ба масъалаи муҳоҷират бахшида шудаанд, омӯзиши ин мавзӯи бисёрҷабҳаро наметавон анҷомёфта шуморид, зеро қисми зиёди ҷанбаҳои он фаро гирифта нашудаанд. Он таваҷҷуҳи бузурге, ки аз ҷониби географҳо, иқтисодшиносон, сиёсатшиносон, ҷомеашиносон ба масоили муҳоҷират

зоҳир мегардад, собит месозад, ки омӯзиши мавзӯи муҳоҷират яке аз унсурҳои зарурии дарки қонуниятҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии рушди башарият боқӣ мемонад.

Дар шароити кунуни таҳқиқи муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа ин маҷмӯи интиқолоти маскуноти мобайнии бебозгашт ва баргарданда аст. Теъдоди зиёди таърифҳои ин падида мавҷуд аст. Муҳоҷиратро ҳамчун мутаҳаррикӣ, яъне аз як ҷой ба ҷои дигар омада маконӣ шудан маънидод кардан мумкин аст ва онро гузариши ҷисмии фард аз як минтақа ба дигар минтақа меҳисобанд. Инчунин, кӯч бастани одамон бо сабабҳои гуногун ба хориҷа чун яке аз шаклҳои ҳаракати аҳолӣ бо дигар намудани макони зист ба масофа ва замони дур ё наздик дониста мешавад.

Чуноне, ки Рыбаковский, Л.Л. зикр карда буд, дар илми демография ва дигар илмҳо, ки ба омӯзиши муҳоҷират сару кор доранд, ҳеҷ як мафҳум ин қадар ташреҳоти мухталиф надорад, чунончи муҳоҷират. Бисёр будани худи таърифҳо, ки аксаран нишонаҳои хусусияти ҳаракати ҳудудиро дар маҷмуъ ва худи муҳоҷиратро дар алоҳидагӣ омехта мекунанд, ба таври мувофиқ ё ин мафҳумро беандоза васеъ ё бо яке аз нишонаҳои «дуюм дараҷа» шарҳ медиҳанд[25].

Ба масоили зайл оид ба ҳаҷми муҳоҷират, ҳаракат, ҷараён ва ҷараёни бозпаси муҳоҷират ва оид ба тавсифи муҳоҷирон аз рӯи чунин нишондиҳандаҳо эътибор дода шавад:

1 – Ҳаҷми муҳоҷират дар ҳудудӣ минтақа бо дараҷаи шабоҳат надоштан бо маҳалли воҳиди ин ҳудуд фарқ мекунад.

а) Ҳаҷми муҳоҷират бо миқдори одамон фарқ мекунад.

б) Ҳаҷми муҳоҷират бо мушкилоти бартарафсозии ҳолатҳои халалрасон иртибот дорад.

в) Ҳаҷми муҳоҷират бо ноустувории иқтисодӣ вобаста аст.

г) Бо истиснои ба роҳ мондани назорати ҷиддӣ, ҳарду ҳаҷм ва коэфитсиенти муҳоҷират бо мурури замон афзоиш меёбад.

---

[25] Ниг.: Рыбаковский, Л.Л. «Миграция населения», чоп.5: -М, 2001. С. 59.

д) Аз ҳаҷм ва коэфитсиент муҳоҷират бо рушди кишвар, минтақаи алоҳида вобаста аст.

2 – Муҳоҷират дар чаҳорчубаи ҷараёни муайян сурат мегирад.

а) Дар муқобили ҳама гуна ҷараён ҷараёни бозпас ба миён меояд.

б) Самара бахшии ҷараён (таносуби ҷараён ва ҷараёни бозпас ё салдои аз нав тақсимшавии аҳолӣ ба ҷараёни бозпас таъсир мсрасонад) баланд аст, агар омилҳои асосӣ дар рушди ҷараёнҳои ҳиҷрат барои маҳалҳои баромад омилҳои манфӣ бошанд.

в) Самарабахшии ҷараён ва ҷараёни бозпас тамоюли паст будан дорад, агар ҷараён ба ҳарду самт якранг бошад.

г) Самарабахшии муҳоҷират баланд хоҳад шуд, агар ҳолатҳои халалдиҳандаи бузург вуҷуд дошта бошад.

3- Муҳоҷирати селективӣ (беҳсозии насл).

а) Муҳоҷир аз ибтидо барои омилҳои мусбӣ дар мавзеи сукунат масъул аст ва дар мавриди селективӣ (беҳсозии насл) будан тамоюли мусбат дорад.

б) Муҳоҷир аз ибтидо барои омилҳои манфӣ дар маҳалҳои баромад масъул аст ва тамоюли селексияи манфӣ дорад, ё ки омилҳои манфӣ тамоми гурӯҳҳои аҳолиро такон медиҳанд, онҳо метавонанд барои беҳсозии насл таъсири манфӣ расонанд.

в) Дараҷаи мусбат бо мушкилоти ҳолатҳои халалдиҳанда афзоиш меёбад.

г) Тақвияти майл ба муҳоҷират дар давраи муайяни зиндагӣ дар селективӣ будани муҳоҷирон муҳим аст.

Дар адабиётҳои Аврупои Ғарбӣ асосҳои назарияи муҳоҷират чунин маънидод карда мешавад:

1. Муҳоҷират ва фосила. Аксари муҳоҷирон ба масофаи кутоҳ, маъмулан ба шаҳрҳои бузург тағйири макон мекунанд.
2. Муҳоҷирати зинадор. Шаҳрҳои босуръат рушдёбанда бо муҳоҷирон аз деҳоти атроф пур карда мешаванд. Дар навбати худ

ҷойҳои холишударо муҳоҷирон аз минтақаҳои нисбатан дур ишғол мекунанд.

3. Ҷараён ва акси ҷараён. Ҳар як ҷараёни муҳоҷират ҷараёни акси ҷубронкунандаро ба миён меорад.

4. Тафовутҳои деҳаю шаҳр дар ноил будан ба муҳоҷират дар муқоиса бо бошандагони деҳот.

5. Ҳайати муҳоҷирон аз рӯи ҷинс. Мардҳо нисбат ба занҳо ба муҳоҷират майли бештар доранд.

6. Технологияи иртиботӣ ва муҳоҷират. Ҷараёнҳои ҳиҷрати аҳолӣ тамоюли устувор ба самте афзоиш доранд, ки ин натиҷаи рушди васоити нақлиёт, саноат ва тиҷорат мебошад.

7. Яке аз омилҳои асосии муҳоҷират омили иқтисодӣ мебошад. Қонунҳои номусоиди иқтисодӣ ва андозбандии вазнин, сабабҳои муҳоҷират шуда метавонанд. Вале ҳеҷ яке аз ҷараёнҳои муҳоҷират мувофиқи бузургии ҳаҷм бо ҷараёнҳои муҳоҷират, ки дар асоси хоҳиши аксарияти муҳоҷирон ба воситаи ҳиҷрат беҳ намудани сатҳи зиндагӣ ба миён омадааст, баробар шуда наметавонад[26].

Сабабҳои иқтисодӣ дар миёни дигар омилҳо бартарӣ дошта, ба муҳоҷират таъсири зиёд мерасонанд.

Методи асосии омӯзиши омории муҳоҷират бақайдгирии бевоситаи ҳар як ҳаводиси алоҳидаи ҳаракати муҳоҷирон, ҳам дар макони собиқ ва ҳам дар макони ҳозираи муҳоҷирон мебошад. Бо ин роҳ шумораи воридшудагон ва хориҷшудагон барои давраи мушаххас, ҳайати муҳоҷирон ва самтҳои муҳоҷират муайян карда мешаванд.

Методи дигари омӯзиши омории муҳоҷират дар асоси ба қайд гирифтани ҷойи таваллуди ҳар як шахс ҳангоми гузаронидани баҳисобгирии аҳолӣ амалӣ карда мешавад.

---

[26] Ниг.: Маҳмадбеков, М.Ш. Миграционные процессы: сущность, основные тенденции и их особенности в современном обществе» (опыт Таджикистана), Диссертация на соискание ученой степени кандидата политических наук, Душанбе 2010 г. с. 112.

Методҳои ғайримустақим аз тариқи ҳисоби ҳаҷм ва самтҳои муҳоҷират, истифодаи маводи омории соҳаи кор (меҳнат) ва нақлиётро дар назар доранд.

Методҳои омӯзиши омории интихобӣ дар мавриди муҳоҷирати бебозгашт (кӯчидан) ва бобозгашт (мавсимӣ, меҳнатӣ) васеъ истифода мегардад. Бо усули пурсиши муҳоҷирон варақаҳо пур карда мешаванд. Ҷамъоварии иттилоот дар бораи муҳоҷирати аҳолӣ хусусияти яквақтӣ дорад, вале муҳоҷират ин равандест, ки дар замони тӯлонӣ ба амал меояд. Барои рафъи ин ихтилоф методҳои таҳқиқотӣ, такрор ва арзёбиҳои коршиносӣ истифода карда мешаванд. Ҷамъбасти иттилоотии аввалия дар бораи муҳоҷират интихоби методҳои риёзӣ, васоити техникӣ, тарзи гурӯҳбандӣ ва пешниҳоди натиҷаҳои ба даст омадаро дар назар дорад.

Давлатҳое, ки қувваҳои кории худро ба давлатҳои пешрафтаи дунё мефиристанд, шумораи бекоронро дар дохили кишвар кам намуда, ҷиҳати молиявии давлати худро ғанӣ мегардонанд.

Масалан, дар замони ҳозира рафти муҳоҷират аз ҷиҳати мазмун, шакл ва умумияти худ ба муҳоҷирати меҳнатии асри XX шабоҳат надорад ва куллан фарқ мекунад. Масъалаҳои асосӣ оид ба муҳоҷират инҳо мебошанд:

муҳоҷирати меҳнатӣ тамоми қитъаҳои оламро фаро гирифта, он хусусияти умумибашариро касб намудааст;

агар дар солҳои 50-70-уми асри XX шумораи асосии муҳоҷирон аз давлатҳои суст тараққикарда ба давлатҳои аз ҷиҳати истеҳсолот пешрафта дида мешуд, ҳоло бошад мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки аз солҳои 1980 сар карда, баръакс ҷойивазкунии қувваҳои корӣ, дар давлатҳои тараққикардаи дунё бештар ба амал меояд. Дар замони муосир бошад, муҳоҷирати меҳнатии байналмилалӣ аз давлатҳои суст тараққикарда ба давлатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафтаи ҷаҳон ба амал меояд;

Омилҳои асосии иқтисодӣ – географии муҳоҷиратро дар миқёси курраи замин омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва демографӣ ташкил медиҳад.

Мувофиқи нишондодҳои Созмони Милали Муттаҳид (СММ) дар солҳои охир 3,4% аҳолии ҷаҳон берун аз маҳали зисти худ кор ва фаъолият менамоянд, ки шумораи онҳо ба 258 млн. расидааст[27].

Давлатҳои ҷаҳонро новобаста аз сатҳи тараққиёти иқтисодии онҳо лозим аст, ки барои танзим намудани муҳоҷирати аҳолӣ лоиҳаи барномаҳои миллӣ, созишномаҳои дуҷонибаи байнидавлатӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ оид ба муҳоҷирон дар қаламрави якдигар таъмин намоянд.

Дар даҳсолаи авали асри XXI шумораи муҳоҷирони қонунӣ ва ғайриқонунӣ дар давлатҳои тараққикардаи дунё рӯз то рӯз меафзояд. Мувофиқи маълумотҳои тадқиқоти байналмилалии муҳоҷират шумораи муҳоҷирон дар давлатҳои Аврупо ба 20 млн. нафар расидааст, ки қисми зиёдашро гурезагон аз давлатҳои Сурия (16,5%), Афғонистон ва Ироқ (12%) ташкил медиҳад. Мувофиқи маълумотҳои омории Хадамоти федералии муҳоҷират дар Федератсияи Русия 13 млн. нафар муҳоҷири меҳнатӣ аз ҷумла 4,274,690 нафарашро муҳоҷирони Осиёи Марказӣ ташкил медиҳанд, дар ИМА бошад ин нишондиҳанда ба 14 млн.нафар мерасад[28].

---

[27] Ниг.: Трудовая миграция в Таджикистане: Социальные и экономические аспекты // Материалы международной научной конференции. Душанбе 2011, 150 с.

[28] Ниг.: Гулмирзоев, К.Х. Внешняя трудовая миграция в Таджикистане в условиях трансформационного периода, Монография. – Душанбе, 2021.-158 с.

Диаграмаи 1.1.1

**Ҳаҷми муҳоҷирати давлатҳои Осиёи Марказӣ дар Федератсияи Русия бо %**




**Манбаъ: http://sibyurist.ru/litsenzionnyj-dogovor/migranty-iz-tsentralnoj-azii-v-rossii-statistika-2021 (05.09.2022).**

Айни замон, шумораи бекорон дар ҷаҳон ба 197 мил. нафар ё 6,2 % расидааст. Дар шароити ҳозира бозори меҳнат дар ҷаҳон ба кадрҳои баландихтисос эҳтиёҷ дорад, лекин мамлакатҳое ҳастанд. ки барои онҳо коргарони оддӣ лозим аст ва шаҳрвандони онҳо барои ин корҳоро иҷро кардан ба музди ночиз розӣ нестанд (ба монанди ИМА, Федератсияи Русия, давлатҳои Аврупо) ва ғайра. Чи тавре, ки дар боло қайд гардид шумораи муҳоҷирон дар Аврупо ва ИМА рӯз то рӯз афзоиш ёбад ҳам, имрӯз дар як қатор давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон (Аврупо 11,9%, ИМА 7,1%, Русия 5,4%) аҳолии бекор низ зиёд аст[29].

Дар замони муосир дар ҷаҳон чунин шароит ва низоми иқтисодию сиёсие ташаккул ёфтааст, ки бисёр масъалаҳои гуногунро ҳам муҳоҷирон ва ҳам мамлакатҳо бояд якҷоя ҳал намоянд. Яке аз ин масъалаҳо муҳоҷират ба шумор меравад, ки ҳамчун масъалаи доғи рӯз дар асри XXI мебошад. Ба он бисёри давлатҳо дучор гардидаанд ва бо мақсади ба танзим овардани муҳоҷирати аҳолӣ ва ҳифзи иҷтимоию ҳуқуқии

[29] Ниг.: Гулмирзоев, К.Х. Внешняя трудовая миграция в Таджикистане в условиях трансформационного периода, Монография. – Душанбе, 2021.-158 с.

муҳоҷирон аз ҷониби давлатҳои интиқолдиҳанда ва қабулкунандаи муҳоҷирон созмонҳо ва ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ, ҷамъиятӣ ва ғайридавлатӣ тадбирҳои амалӣ андешида шуда истодааст. Лекин рӯз то рӯз афзудани шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ дар тамоми олам ва паҳлуҳои зиёд доштанаш ҳалли ин проблемаро ниҳоят душвор мегардад.

Дар шароити имрӯза Тоҷикистон ҳамчун давлати мустақил, ки дар арсаи байналмилалӣ қадамҳои устувори худро гузошта истодааст, оид ба ҳалли масъалаи муҳоҷират худро дар канор гирифта наметавонад. Чунки ҷараёни муҳоҷирати байналмилалӣ дар сарзамини Тоҷикистони муосир низ ногузир аст ва шумораи муҳоҷирон рӯз то рӯз афзоиш меёбад. Мувофиқи тадқиқотҳои мушахаси иҷтимоӣ ва сиёсӣ аз вазъияти имрӯзаи Тоҷикистон, чунин хулоса баровардан лозим аст, ки дар ибтидои асри XXI дар ҷумҳурӣ рӯз то рӯз шумораи муҳоҷирон меафзояд. Новобаста аз оне, ки дар ҳаёти мамлакат тағйиротҳои куллӣ ба вуҷуд омада ва Тоҷикистон дар пешрафту тараққиёт қадамҳои устувор гузошта истодааст. Тоҷикистон дар замони муосир оид ба ҳалли масъалаҳои муҳоҷират бояд фаъол бошад, чунки дар замони ҷаҳонишавӣ муҳоҷират чунин як падидае, ки боиси дур шудани насли нав аз арзиш ва урфу одатҳои миллӣ, ки бунёди ҳастии миллатанд, кушиш ба харҷ дода истодааст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки имрӯз аксарияти ҷавонони мо ба муҳоҷирати меҳнатӣ рӯй овардаанд, ки ин зуҳурот дар дигаргун намудани руҳияи онҳо нақши муҳим мебозад.

Муҳоҷират, яке аз проблемаҳои муҳими аҳолӣ буда, на танҳо чун ҳаракати механикии аҳолӣ, балки чун раванди ҷамъиятии мураккаб, ки ба ҷанбаҳои зиёди ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ дахл мекунад, баррасӣ мегардад.

Муҳоҷирати аҳолӣ дар таърихи башарият нақши барҷаста дошта, равандҳои сокиншавӣ, мавриди истифода қарор додани заминҳо, рушди

қувваҳои истеҳсолӣ, ташаккул ва омӯзиши қавму нажод, забон ва халқҳо ба он иртибот доранд. Зарурати омӯзиш ва дарки илмию фаҳмиши хусусиятҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва дигар масъалҳои муҳоҷират, таъсири он ба вазъи сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодии кишвар, соҳаҳои фарҳангию равонӣ ва ахлоқӣ дар давраи кунуни пеш омадааст. Ин ва дигар оқибатҳои муҳоҷират дорои хусусиятҳои мусбӣ ва манфӣ мебошанд.

Дуруст аст, ки дар даҳсолаҳои охир ҳодисаҳои маҳдудкунии ҳуқуқ, рафтори нораво, нажотпарастии милатгароёна нисбати мухоҷирон дар тамоми дунё афзоиш ёфта истодааст. Мутаасифона, чунин рафтор нисбати муҳоҷирини тоҷик низ раво дида мешаванд ва маҳз ҳамин омилҳо боиси пайдоиши назари манфӣ ба масъалаи муҳоҷират гаштааст. Бояд қайд намуд, ки мо ба муҳоҷират танҳо аз дараҷаи дарду ғаму кулфат нанигарем ва бештар ба ҷиҳатҳои мусбии он такя кунем, зеро чунин нигоҳ бисёриҳоро аз мубориза барои пайдо намудани мавқеи худ дар зиндагӣ боз медорад.

Дар чунин шароит бояд ба онҳое, ки роҳи муҳоҷиратро пеш мегиранд, ҷанбаҳои манфиатноки масъаларо низ расонид. Муҳоҷиронро қаблан аз лиҳози забонӣ ва ошнои бо фарҳангу тамаддуни кишвари воридшавии муҳоҷирон бояд омода намуд. Ҳамаи омилҳои муҳоҷират дар маҷмуъ ҳатман мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифта, зарурати доман паҳн кардани муҳоҷиратро дар Ҷумҳури Тоҷикистон бояд муайян созем. Бинобар ин, эҳтиёҷ барои таҳқиқи асосҳои назариявӣ ва масоили амалии муҳоҷирати меҳнатӣ дар шароити муосир барои Ҷухурии Тоҷикистон ба вуҷуд меояд. Муайян намудани таъсири муҳоҷират, моҳият ва хусусиятҳои асосии он, қувваҳои ҳаракатдиҳанда ва муайян кунандаи рафтори муҳоҷирони меҳнатӣ, масъалаҳои асосие ба ҳисоб мераванд, ки бояд омӯхта шаванд. Инчунин, баррасии масъалаи муҳоҷират дар давраи кунуни вобаста ба ҳолатҳои гуногун масъалаи муҳим аст. Дигаргуниҳои ҷамъиятии даҳсолаи охир вазъияти сиёсӣ ва иҷтимоиро дар фазои пасо Шуравӣ комилан тағйир дода, миллионҳо

одамонро муҳоҷирони иҷборӣ гардонид. Дар тафовут бо кишварҳои пешрафта, ки замони авҷи муҳоҷиратро сипари карданд ва бо муҳоҷирати доимӣ вобаста нестанд, Тоҷикистон ба анбӯҳи мутаассили муҳоҷират дар шароите рӯ ба рӯ гардидааст, ки иқтисодӣ он баъди ҷанги шаҳрвандӣ дар вартаи буҳрони қарор дошт.

Омили муҳими дигар, ин омили демографӣ мебошад, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон суръати баланди афзоиши табиии аҳолӣ хос аст, ки ин ба мушкилии барзиёди захираҳои меҳнатӣ, шиддатнокии ҷараёни муҳоҷирати хориҷӣ ва дохилӣ тақвият мебахшад. Дар солҳои охир муҳоҷират хусусияти ҳамаҷонибаи иҷтимоию иқтисодӣ касб намуда, ба ҳаёти ҷамъиятҳои маҳалии тағйирот ворид менамояд ва ба сиёсати ҷории кишварҳои соҳибистиклол таъсир мерасонад. Муҳимтар аз ҳама, хусусиятҳои шахсии онҳоеро, ки маҷбур шудаанд ба ҳудудҳои дигар аз пайи зиндагии ором ва ояндаи беҳтар ҳиҷрат кунанд, тағйир медиҳад[30].

Муҳоҷирати аҳолӣ дар рушди иқтисодии давлатҳо саҳми муҳиммеро мебозад, аз ин лиҳоз сиёсати муфиди иқтисодию сиёсии давлатҳо бе бақайдгирии ин падида, номумкин аст.

## 1.2. Таърихи муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Таҳқиқи сарчашмаҳои асосии раванди муҳоҷирати меҳнатӣ дар тӯли садсолаҳо оғоз ёфта, олимони соҳаҳои мухталифи илм бо истифода аз равияҳои гуногун ҷиҳати муайян намудани қонунмандиҳои рушди он саҳми худро гузоштаанд. Бахусус, омӯзиши масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ аз ҷониби муҳаққиқони аврупоӣ дар нимаи дуюми асри XIX вусъат пайдо кардааст. Бори аввал роҷеъ ба мардиқориҳои куҳистонӣ дар навиштаҳои худ сайёҳи машҳур Федченко, А.П. соли 1871 тазаккур медиҳад. Теъдоди зиёди қаротегиниҳо ба ҳайси коргарони мавсимӣ, мардикорони Фарғонаю Тошканд дар фасли хазон, баъди ҷамъоварии ҳосил барои пайдо кардани даромаде мерафтанд ва баҳорон барои

[30] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муҳоҷират. №881. 11.12.1999.

кишту кор бармегаштанд. Баъзеи мардикорон дар сарзаминҳои бегона муқимӣ гардида, оиладор мешуданд ва барои ҳамешагӣ ва ё замони тӯлонӣ дар он кишварҳо мемонданд[31].

Дар бораи тоҷикони кӯҳистон дар Фарғона Наливкин, В.П. чунин маълумот медиҳад, ки "Падидаи мардикорӣ бинобар мавҷуд будани сатҳи пасти рушди қувваҳои истеҳсолӣ, барзиёд будани аҳолии деҳот дар Қаротегин, камзаминӣ ё безаминӣ, фақру нодорӣ (камбизоатӣ), инчунин барзиёд будани қувваҳои корӣ дида мешавад".

Дар охирҳои асри XIX ва оғози асри XX аз баъзе деҳаҳои болооби Зарафшон ҳар сол аз 25 то 75% мардони калонсол барои мардикорӣ мерафтаанд[32].

Дар соли 1916 дар саноати Туркистон (ба ғайр аз Бухоро ва Хева) 30 ҳазор коргарон бо кор фаро гирифта шуда буданд. Барои Туркистон тартиби табъиз (ҷудокардан)-и миллии пардохти музди кор барои коргарон расм гашта буд. Музди кории коргарони маҳаллӣ то 30-40% пасттар аз коргарони империяи Русия буд. Дар саноати Туркистон рӯзи корӣ ба ҳисоби миёна 10-10,5 соат буд. Дар мавсими гармӣ сармоядорон рӯзи кориро то 16-17 соат мерасониданд. Дар саноати бофандагии Русия як коргар ба ҳисоби миёна, моҳе 250 соат кор мекард, вале дар саноати коркарди пахта дар Туркистон- 250-270 соат. Шароити манзилии коргарон низ хеле ногувор буд. Коргарон дар биноҳои истеҳсолӣ, хонаҳои партов ва ё дар ҳавои кушод зиндагӣ мекарданд.

Асосан, қисматҳои ҷанубӣ ва марказии Тоҷикистони имрӯза Бухорои Шарқиро ташкил медоданд, ки ба он бекигариҳои Ҳисор, Сариосиё, Қаротегин, Дарвоз, Балҷувон, Кӯлоб, Қурғонтеппа ва Қубодиён шомил буданд. Дар бораи сохтори иҷтимоии Аморати Бухоро маълумот додан хеле мушкил аст, зеро теъдоди аҳолии дар ҳудуди Бухорои Шарқӣ маскунбуда, дақиқан маълум нест. Баргузор намудани

[31] Ниг.: Федченко, А.П. «Путешествие в Туркестан в Кокандском ханстве» СПБ 1875, 115 с.
[32] Ниг.: Наливкин, В.П. «Краткая история Кокандского ханства» 1914, 224 с.

барӯихатгирии аҳолӣ дар асоси ақоидӣ мазҳабӣ аз ҷониби амир рад мегардид, аз ин рӯ, ҳамагуна рақамҳо оид ба миқдори ҳайати аҳолӣ комилан тахминӣ мебошанд.

Оид ба шаклу намудҳои муҳоҷирати аҳолӣ танҳо мувофиқи маълумоти мақолаҳои сайёҳону донишмандони рус муҳокима рондан мумкин аст. Масалан, тибқи гуфтаҳои Нечаев, А.А. аҳолии Бухорои Шаркиро асосан тоҷикон ташкил медоданд, ки онҳо аз лиҳози этникӣ аз аҳолии дигар манотиқи Бухоро-туркзабонон фарқ мекарданд. Тоҷикон тарзи зиндагии муқимӣ ва туркон - кучманчигӣ доштанд. Бахши бештари аҳолӣ деҳқонони безамин буданд, аз онҳо андоз ва боҷу хироҷи зиёд меситониданд. Бинобар ин, онҳо маҷбур мешуданд, ки сарчашмаҳои дигари зиндагиро биҷӯянд ва барои ҷустуҷӯи кор ба шаҳрҳои Осиёи Миёна ва Қафқоз сафар кунанд[33].

Сарчашмаҳои дигар низ зикр менамоянд, ки деҳқонони Бухорои Шарқӣ барои кор ба Русия сафар мекарданд ва теъдоди онҳо дар баъзе солҳо то ба 20 ҳазор нафар мерасид. Тазаккур дода шудааст, ки ин «мардикорон» дар Русия ба корҳои ғайри ихтисос машғул шуда, дар шароити мушкил зиндагӣ мекарданд. Аммо ин дучор омадан бо шаклҳои нави муошират ва муҳити дигари забонӣ низ буд. Ин гурӯҳи иҷтимоии махсусе дар таркиби аҳолии Бухорои Шарқӣ буд, ки чун деҳқон монда, вале дар асл, вобасга ба хусусияти корӣ худ, алакай ба посёлкаҳои типи шаҳрӣ (нимапролетар)-ҳо табдил меёфтанд. Маҳз ҳамин гурӯҳи иҷтимоӣ дар таърихи Тоҷикистон нақши махсус бозида, паҳнкунандаи ғояҳои сотсиалистӣ дар Бухоро, ки ба таҳаввулоти бунёдӣ нигаронида шуда буданд, мегарданд[34].

Пас аз инқилоби Октябр дар Русия ва таъсиси Ҷумҳурии Халқии Бухоро, Бухорои Шарқӣ ба ҳайати он дохил гардид. Аз як тараф мақомоти давлатии Шуравӣ ба миён омаданд ва аз ҷониби дигар,

---

[33] Ниг.: Наливкин, В.П. «Краткая история Кокандского ханства» 1914, 224 с.
[34] Ниг.: Абдулхаев, Р. Таърихи муҳоҷиркунӣ дар Тоҷикистон (солҳои 1917-2000) Душанбе, 2012, 491 с.

сохтори иҷтимоӣ мисли пеш анъанавӣ боқӣ монд. Ҳокимияти нави давлатӣ ба муқовимати шадиди босмачиҳо дучор омад ва задухурдҳо то солҳои 30-ум идома доштанд.

Фаъолияти мақомоти давлатӣ дар ин давра мутобиқи «Низомнома. дар бораи Комиссияи Марказии Идорӣ оид ба кучондани унсурҳои хавфноки иҷтимоӣ дар назди Ҷумҳурии Сотсиалистии Автономии Тоҷикистон» ба роҳ монда шуда буд. Тибқи ин санад босмачиҳо ва шарикони онҳоро зуран мекӯчониданд ё аз кишвар меронданд. Чунин одамон ба муҳоҷирони иҷборӣ табдил меёфтанд.

22 сентябри соли 1925 Комиссияи марказии Кумитаи инқилобии Ҷумҳурии Худмухтори Сотсиалистии Шуравии Тоҷикистон оид ба расонидани ёрӣ ба муҳоҷирони баргашта ва босмачиҳои ихтиёран таслимшуда, таъсис дода шуд. Мақсад аз таъсиси ин комиссия пазириш ва мусоидат ба муҳоҷирони баргашта буд[35].

Бояд тазаккур дод, ки муҳоҷирати оммавии аҳолӣ аз Тоҷикистон дар солхои 20-ум дар замони  Шуравӣ таҳқиқ нашудааст. Муҳоҷирати унсурҳои иҷтимоии бегона чун гурез аз инқилоб ва ҳокимияти мардумӣ арзёбӣ мегардид. Дар солҳои 20-ум раванди бозгашти фирориён ба Тоҷикистон ба вуқуъ пайваста буд.

Бозгашти муҳоҷирони иҷборӣ ба Тоҷикистон соли 1922 аз Хитой ва солҳои 1925-1926 аз Афғонистон сурат гирифта буд. «Шумораи умумии фирориёни бозгашта дар моҳи март 4500 хонаводаро ташкил медод. Агар суръати бозгашти муҳоҷирин мисли пешина боқӣ монад ва афзоиш наёбад, он гоҳ дар охири соли 1926 бояд 3150 хонаводаи дигарро, ки 16050 нафарро ташкил медиҳанд, дарбар мегирифт. Раванди бозгашти фирориёни аз Афғонистон ба Тоҷикистон дар солҳои 20-ум омада, омӯхта нашудааст.

---

[35] Ниг.: Абдулхаев, Р. Таърихи муҳоҷиркунӣ дар Тоҷикистон (солҳои 1917-2000) Душанбе, 2012, 491 с.

Баъди инқилоби октябри соли 1917, замони муборизаҳо зидди босмачигарӣ, ба хатогиҳои калон роҳ дода шуда буд, ки ба муҳоҷирати зиёди аҳолӣ оварда расонид[36].

Ба ақидаи профессор Мансур Бобохонов, миқдори муҳоҷирони иҷборӣ чандин маротиба аз ҳисоботҳои расмӣ зиёдтар буданд. Дар соли 1936 теъдоди гурезаҳо дар Афғонистон 120 ҳазор оиларо ташкил медод, ки ба 600 ҳазор нафар одам рост меомад[37].

Соли 1931 ободонии водии Вахш оғоз гардид. Барои давлат ин корӣ ҳаётан муҳим ва зарур буд. Водии Вахш бояд бузургтарин истеҳсолкунандаи пахтаи маҳиннах дар Иттиҳоди Шӯравӣ мегардид. Барои сохтани низоми обёрии Вахш дар оғоз 160 млн. рубл аз буҷети Иттифоқ ҷудо карда шуда буд. Ин лоиҳа бояд ба Тоҷикистон 84000 гектар замини кишт медод[38].

Сохтмоне дар чунин миқёс ҷалби миқдори зиёди неруҳои кориро, ки дар Тоҷикистон мавҷуд набуд, талаб мекард. Аз ин рӯ, дар ин ҷо қувваи ашхоси муҳоҷиршуда ва коргарони кироя истифода бурда шуд. Шароити зиндагии онҳо бениҳоят вазнин буд. Тобистони сӯзон, набудани оби ошомиданӣ, набудани манзили зист ва ғайраҳо.

Кӯчонидани мардум ба водии Вахш аз рӯи нақша солҳои тӯлонӣ идома ёфт. Мутобиқи қарори Комитета маркազии Партияи Коммунисти болшевикон (КМПКб) ва Шурой Комиссарони халқи Ҷумхурии Сотсиалистии Шуравии (ҶСШ) Тоҷикистон «Дар бораи Нақшаи кӯчонидан ба ноҳияҳои водии Вахш дар соли 1937» кучонидани 4000 хонаводаҳо ба водии Вахш пешбинӣ гардида буд, ки 3150 хонавода аз ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон ва 850 хонавода аз ҷумлаи махсус муҳоҷирон алоҳида зикр гардида буд, «ба шарте ки корҳои обёригардонӣ дар водиҳои Кофарниҳон амалӣ карда шаванд».

---

[36] Ниг.: Абдулхаев, Р. Таърихи муҳоҷиркунӣ дар Тоҷикистон (солҳои 1917-2000) Душанбе, 2012, 491 с.
[37] Ниг.: Бобохонов, М. Истории таджиков мира. Душанбе , 2005. 243 с.
[38] Ниг.: Абдулхаев, Р. Таърихи муҳоҷиркунӣ дар Тоҷикистон (1924-1941) Душанбе, 2003. 48 с.

Кучонидани деҳқонон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ қатъ гардид. Дар ин давра дар Тоҷикистон ҷараёни омадани эвакуатсияшудагон ва аз ҷумҳурӣ муҳоҷирати иҷборӣ, яъне ба ҷанг фиристодани даъватшудагон ба мушоҳида мерасад. Маълумоти дақиқ дар бораи омадагон ба Тоҷикистон ва даъватшудагон ба ҷанг мавҷуд нест. Шаҳрвандони бедаракшудаи ҶСШ Тоҷикистон дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ 13000 нафарро ташкил медиҳанд[39].

Дар 1418 рӯзи Ҷанги Бузурги Ватанӣ халқи тоҷик дар қатори дигар халқҳои Итиҳоди Шуравӣ дар торумори фашизм ҳиссаи худро гузоштааст. Аз он ҷумла, 260 ҳазор нафар ба фронт даъват карда шуда буданд.

Зиёда аз 70 ҳазор фиристодагони Тоҷикистон ҷони худро дареғ надошта барои ҳимояи Ватан қурбон шуданд, қисми зиёда ҷанговарон аз Тоҷикистон ба ордену медалҳо сарфароз гардонида шудаанд. Бо вуҷуди ин Ҷанги Бузурги Ватанӣ яке аз фоҷиаи мудҳиш дар таърихи Тоҷикистон боқӣ монд[40].

Ба сарзамини Тоҷикистон дар солҳои 30-40-ум беш аз 37700 нафар аҳолии синни қобили меҳнат аз ҳудудҳои мухталифи Иттиҳоди Шуравӣ табъид (депортатсия) шуда буданд. Доир ба ин теъдод парвандаҳои махсуси муҳоҷирон дар Раёсати иттилооти ВКД ҶТ маҳфуз аст. Авҷи омадани муҳоҷирон ба Тоҷикистон, тибқи маълумоти РИ ВКД ҶТ, ба солҳои 1944-1945 рост меояд, ки дар ин давра дар Иттиҳоди Шуравӣ раванди кӯчонидани иддаи махсус аз Қрим идома меёфт. Ба Тоҷикистон тоторҳои Қрим, булғорҳо, юнониҳо, чатҳо (сиганҳо) кучонида шуданд. Раванди табъиди (депортатсияи) хонаводаҳои рус низ дар ин давра идома дошт ва оилаҳое, ки сарвари он миллаташ немис буд ва ҳамсараш украинӣ, иҷборан ба Тоҷикистон интиқол дода мешуданд. Бо ин роҳ онҳо камбудии кадрҳои коргариро дар Тоҷикистон пур мекарданд. Ин

---

[39] Ниг.: Абдулхаев, Р. Таърихи муҳоҷиркунӣ дар Тоҷикистон (1924-1941) Душанбе, 2003. 126 с.

[40] Ниг.: Сатторов, А.С. Таджикистанцы на фронтах Великой Отечественной Войны. В сборник; Великая Отечественная Война: уроки истории и современность. Душанбе, 2005 сах 40-41.

одамон таҷрибаи хуби корӣ доштанд ва муҳимтар аз ҳама, маҷбур буданд тартиботро ҷиддан риоя кунанд. Онҳо барои рушди истеҳсолоти моддии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолона мусоидат мекарданд[41].

Раванди интиқоли иҷбории аҳолӣ дар солҳои 50-ум ба ҶСШ Тоҷикистон на танҳо ба раванди азхудкунии заминҳои нав пайвастагӣ дошт, балкӣ бо дигар шаклҳои фаъолияти хоҷагидорӣ дар ҷумҳурҷ низ иртибот дорад. Масалан, сохтмони НБО-и Қайроққум. Дар «Гузориш дар бораи интиқоли аҳолӣ, хонаҳои истиқоматӣ ва иншооти дигар аз мавзеи обанбор то 1-январи соли 1956 бинобар сохтмони НБО-и Қайроққум» дарҷ гардидааст, ки 833 хонавода ва 771 колхозчӣ кӯчонида шуданд. Аз ноҳияҳои кухӣ низ ба ноҳияҳои пахтакор одамон кучонида шуданд. Бо қарори ҶСШ Тоҷикистон №49 аз 18 феврали соли 1955 нақшаи кӯчонидани 4550 хонавода ба ноҳияҳои пахтакори ҷумҳурҷ тасдиқ карда шуда буд.

Соли 1954 ба дашти Дилварзин, ки ба вилояти Ленинобод (Суғд) дохил карда шуд, кӯчонидани одамон аз ноҳияи баландкӯҳи Масчоҳ оғоз гардид. Соли 1955 дар ҳисоботи Сарраёсати назди Шӯрои Вазирон оид ба кӯчонидани муташаккилонаи коргарон эътироф гардидааст, ки аз ҳисоби кӯчонидани одамон 13000 нафар аҳолии қобили меҳнат сафи коргаронро зиёд кардаанд. Миқёси муҳоҷирсозӣ дар солҳои 50-60 ва ҷараёни инкишофи муҳоҷирати дохилии аҳолӣ чунин аст, ки аз соли 1951 то соли 1955 15895 нафар кӯчонида шуданд. Аз соли 1956 аз худкунии водии Бешкент, ки селинаи «хурд» номида мешавад, оғоз гаштааст.

Дар раванди муҳоҷират дар солҳои 50-ум дар ҶСШ Тоҷикистон боз як самти муҳоҷирати аҳолӣ арзи ҳасти кардааст. Эҳтиёҷоти Тоҷикистон ба тахтаю чӯб хеле зиёд аст. Ба хотири таъмини ин эҳтиёҷот дар кишвари Красноярск, шаҳраки Заледеевои Русия «Тоҷиклеспромхоз» таъсис дода шуд ва муҳоҷирати хеле фаъол аз Тоҷикистон ба ин мавзеъ оғоз гардид.

---

[41] Ниг.: Сатторов, А.С. Таджикистанцы на фронтах Великой Отечественной Войны. В сборник; Великая Отечественная Война: уроки истории и современность. Душанбе, 2005 сах. 47-53.

Ҷараёни рущди равандҳои муҳоҷират дар Тоҷикистон зери таъсири сиёсати миқёсан густурдаи таърихии давлати Шуравӣ ташаккул меёфт[42].

Сохтмонҳои азими зарбдори комсомолону ҷавонон дар сатҳи Иттиходи Шуравӣ бо мақсади ободгардони ҳудудҳои бузург аз қабили заминҳои бекорхобида ва партови Қазоқистон, бунёди шаҳрҳои нав, неругоҳҳои барқию обӣ, кашидани хатҳои нави роҳҳои оҳан ва мошингард (масалан РОБА – Роҳи оҳани Байкалу Амур), сохтани НБО-ҳои Братск, Норак, комбинатҳои истеҳсоли қоғаз дар Архангелск ва селлюлоза дар Саликамск, заводи мошин дар Волжск рӯи кор омаданд. Муҳоҷирати ба нақша гирифташудаи хонаводаҳои тоҷик бо мақсади ободсозии манотиқи ғайрисиёҳзамини Русия, ба хусус кишвари Хабаровск ва Шарқӣ Дур амалӣ карда мешуд. Аз тариқи ташкили парвозҳои ҳавопаймо, равона кардани ҷавонон ва мутхассисон ба истихроҷгоҳҳои нафту гази Сибири Ғарбӣ бо тариқи вахта ба роҳ гузошта шуда буд. Ҷавонон барои таҳсил ба Омӯзишгоҳои касбию техникии шаҳрҳои маркази Иттиҳоди Шуравӣ фиристода мешуданд. Инчунин, шаклҳои дигари муҳоҷирати аҳолии Тоҷикистон мавҷуд буд, ки то пароканда шудани Иттиҳоди Шуравӣ, яъне соли 1991 идома ёфт[43].

Дар ин давра баъзе аз давлатҳои тозаистиқлол то андозае бепоя ва аз нигоҳи иқтисодӣ муфлис буданд, ки аксари шаҳрвандонашон дар ҷустуҷӯи манбаи зиндагӣ муҳоҷирони иҷборӣ гаштанд ва аксаран ба Русия рӯ оварданд. Маҳз дар ҳамин гуна вазъи иҷтимоию иқтисодӣ баъди пошхурии Иттиҳоди Шуравӣ Тоҷикистон карор дошт.

Дар маҷмӯъ, тайи солҳои истиқлолият шаклҳои қиёсан муҳимми муҳоҷират ба миён омаданд ва рушд ёфтанд:

а) муҳоҷирати аҳолии ғайрибумӣ аз Тоҷикистон: яҳудиҳо, олмониҳо, тоторҳои Қрим, русҳо, украинҳо ва ғайра (кӯч бастани онҳо ба Ватанӣ таърихиашон);

---

[42] Ниг.: Абдулхаев, Р. Таърихи муҳоҷиркунӣ дар Тоҷикистон (1924-2000) Душанбе, 2009, 355 с.
[43] Ниг.: Абдулхаев, Р. Таърихи муҳоҷиркунӣ дар Тоҷикистон (1924-2000) Душанбе, 2009, 422 с.

б) анбӯҳи гурезагон ва муҳоҷирони иҷборӣ.

Ба вуқуъ пайвастани ҳаводиси сиёсӣ, иқтисодӣ ва низомӣ низ ба ҷараёни рушди муҳоҷирати дохилӣ таъсир гузошт. Ҳамзамон, равандҳои муҳоҷират ба нишондиҳандаҳои демографии Тоҷикистон таъсири муайяне расонид.

Сароғоз, аз соли 1989 куч бастани аҳолии ғайрибумӣ дар натиҷаи пайдоиши як қатор омилҳо хусусияти оммавӣ пайдо кард: авзои ноороми сиёсӣ, буҳрони амиқи иҷтимоию иқтисодӣ, ихтисоршавии қувваҳои мусаллаҳ ва ғайра.

Ҳодисаҳои фоҷиабори феврали соли 1990 дар пойтахт ба оғози давраи дуюм ва нисбатан васеътари кӯч бастани аҳолии ғайрибумӣ боис гардид.

Ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 ва ҳодисаҳои сиёсӣ ба бор овардани он боиси даври сеюм ва аз ҳама васеътари муҳоҷирати умумӣ гардид.

Чунон ки аз манбаҳои оморӣ бар меояд, самтҳои муҳоҷирони кӯчбаста аз нигоҳи мансубияти миллӣ гуногунанд. Дар маҷмуъ, аз Тоҷикистон бахши умдаи аҳолии аврупоиасл ва миллатҳои Қафқоз кӯч бастанд. Масалан, дар солҳои 1989-2000 ҳиссаи русҳо аз 3,7% то 0,4% кам шуд, тоторҳо аз 1,0 то 0.2 ва қазоқҳо аз 0,1, олмониҳо аз 0,2 мутобиқан то ба ҳадди сифр кам гардид. Тибқи маълумотҳои барӯйхатгирии аҳолии соли 2010 аҳолии Тоҷикистон асосан аз тоҷикон (84,3%), узбекҳо (12,2%), русҳо (0,5%), тоторҳо (0,1), қирғизҳо (0,8), туркманҳо (0,2), афғонҳо (0,1), арабҳо (0,1), дурманҳо (0,1), лақайҳо (0,9), қунғуротҳо (0,5), қатағанҳо (0,1), ва дигар миллатҳо иборат мебошад[44].

Оқибати муҳоҷирати этникӣ ҳамин аст, ки батадриҷ рангорангии миллии Тоҷикистон коста мегардад.

---

[44] Ниг.: Ҳайати миллӣ, донистани забонҳо ва шаҳрвандии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷилди III (Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон), Душанбе – 2012, 537 с.

Кӯч бастани кадрҳои баландихтисос ба ҳама соҳаҳои ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ таъсири манфӣ расонидааст. Аз ҳама бештар соҳаҳои тандурустӣ, маориф, илму фарҳанг, сохтмон ва соҳаи энергияи барқ зарар дидаанд.

Бар асари ҳодисаҳои сиёсӣ, ҳарбӣ, иқтисодӣ ва равандҳои бозсозӣ аз Тоҷикистон қисми зиёди аҳолии дорои маълумот кӯч бастанд. Ба кишварҳои пазиранда, аз як тараф, асосан коргарони баландихтисос ва мутахассисон ворид мешаванд, аз тарафи дигар, қувваи кории нисбатан арзон. Мо аз маълумоти мавҷуда ва вазъи нуфуси Русия медонем, ки 70% аз Тоҷикистон кӯч бастагон аҳолии муқими Русия мешаванд. Сабаби асосӣ он аст, ки мутобиқи натиҷаҳои таҳқиқҳои олимони Русия, вазъи иқтисодӣ дар қиёс бо бештари кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) беҳтар будааст[45].

Агар солҳои 1990-1993 аҳолӣ ба ҳайси муҳоҷирон кӯч мебастанд, он вақт бахши асосиро гурезагон аз мамолики хориҷии дур ва наздик ташкил медоданд. Ҳамин тавр, дар давраи солҳои 1992-1996 ҳар панчумин сокини Тоҷикистон гуреза ё фарди интиқолёфтаи дохилӣ гардида буд.

Ҷанги шаҳрвандӣ боиси ба миён омадани авҷи баланди кӯч бастани аҳолӣ аз Тоҷикистон гардид. Аз оғози задухурдҳо аз соли 1992 то соли 1995 аз Тоҷикистон 284,6 ҳазор одам муҳоҷират кард, беш аз 255900 нафар гурезагон ба хориҷи кишвар фирор карданд, ки зиёда аз 60 ҳазори онҳо дар Афғонистон паноҳ бурданд ва теъдоди муҳоҷирони дохилӣ 697653 нафарро ташкил дод[46].

Танҳо баъди ба имзо расидани Созишномаи сулҳ ва истиқрори миллӣ дар Тоҷикистон, ки байни Ҳукумат ва Иттиҳоди мухолифин баста шуд, бахши асосии муҳоҷирони иҷборӣ ва ашхоси интиқолёфта ба макони зисти доимии худ баргаштанд. Аз замони ба имзо расидани

[45] Ниг.: Денисенко, М.Б. Калмыкова, Н.М. Демография. Учебное пособие Москва: ИНФРА, 2009, 432 .
[46] Ниг.: Абдулхаев, Р. Таърихи муҳоҷиркунӣ дар Тоҷикистон (1961-2000) қисми саввум Душанбе, 2008. 134 с.

Созишномаи сулҳ раванди бозгашти оммавии гурезагон ва АИД (ашхоси интиқолёфтаи дохилӣ) оғоз гардид. То соли 1998 ба ҷойҳои сукунати доимӣ 680853 нафар одамон бозгаштанд. Аксари ононе, ки дар Қазоқистон, Қирғизистон ва Туркманистон паноҳ бурда буданд, ба ватан бозгаштанд[47].

Мушкилоти давраи гузариш, оқибатҳои Ҷанги шаҳрвандӣ, буҳрони иқтисодӣ, афзоиши баланди аҳолии қобили меҳнат ва суръати сусти рушди иқтисодӣ боиси он гаштанд, ки дар кишвар нерӯи кории бузург бидуни шуғлу фаъолият ба миён омад. Сароғоз аз соли 1998 ҷараёни муҳоҷирати иҷборӣ хусусияти муҳоҷирати кориро пайдо кард. Омилҳои ба бозори кории Русия ва дигар кишварҳои ИДМ рафтани қувваҳои корӣ аз Тоҷикистон, дар маҷмуъ, паст будани музди кор, баланд будани сатҳи бекорӣ, махсусан дар миёни ҷавонон, камбизоатӣ, бесамарии фаъолияти хадамоти давлатӣ оид ба шуғли аҳолӣ бино бар тағйироти сохторӣ дар иқтисодиёт, стратификатсияи иҷтимоӣ, ки дар шакли қутбиятпазирӣ ё худ аз ҳам дуршавии бенавоён ва сарватмандон зуҳур мекунад, маҳсуб мегарданд. Дар чунин вазъият муҳоҷирати меҳнатӣ дар соҳаи шуғли аҳолӣ мавқеи муҳим дошта, бахши азими неруҳои кории Тоҷикистонро дар худ фуру мебарад ва чун унсури муҳимтарини фаъолияти бозори кор амал мекунад.

Дар маҷмуъ, муҳоҷирати аҳолии Тоҷикистонро дар шароити кунунӣ дар тамоюли дақиқан муайяншуда шарҳ медиҳанд. Аз як тараф, саҳти ҳудудии аҳолии бумӣ то ба ҳадди муайян рушд мекунад ва бо афзоиши умумии ҷараёни рушди иқтисодӣ заминасозӣ мегардад, ки он бо рушди муносибатҳои бозорӣ ва таъмини ислоҳоти иқтисодӣ иртибот дорад. Аз тарафи дигар, берун рафтани аҳолӣ аз қаламрав идома дорад ва қобили таваҷҷуҳ он аст, ки ба ҷараёни муҳоҷират ҳарчи бештар мардумони бумии Тоҷикистон, аз ҷумла мардуми деҳот, ки пештар барои он муҳаррикии сусти ҳудудӣ хос буд, ҷалб мегарданд.

---

[47] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон № 50 аз 10. 05. 2002 с. " Дар бораи гурезаҳо".

Ҳамзамон, равандҳои муҳоҷират ба нишондиҳандаҳои демографии Тоҷикистон таъсири муайяне мерасонад. Бо дарназардошти маҳдуд будани имконоти бозори миллии кор дар амри тавони истифодаи қувваи кории афзоянда ва идома ёфтани озодшавии қувваҳои корӣ аз соҳаҳои алоҳида бар асари таъмини ислоҳот ва татбиқи сиёсати озодии иқтисод, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зиёд намудани содироти қувваи корӣ аҳамияти муҳим медиҳанд. Тарафҳои асосии пазирандаи қувваҳои корӣ дар ин сурат на кишварҳои хориҷии дур, балки шарикон дар ИДМ ва қабл аз ҳама, Федератсияи Русия ва Қазоқистон мебошанд.

Бозори муҳоҷирати меҳнатии Русия нисбати дигар кишварҳои собиқ Шуравӣ бузургтар аст. Ба замми ин, худи шаҳрвандони Русия аз пуркунандагони қувваи кории бозори давлатҳои Аврупо, ИМА, Австралия ва Зеландияи Нав маҳсуб мегарданд. Дар ҳоли ҳозир дар ин кишвар зиёда аз 11 миллион муҳоҷирони хориҷӣ ба таври расмию ғайри расмӣ кору фаъолият доранд[48].

Қисмати ғайрирасмии муҳоҷирон тахминан аз 9 то 12 миллион нафар нишон дода шудааст. Аз ин миқдор зиёда аз 750 ҳазор (тибқи омори расмӣ)-ро муҳоҷирони тоҷик ташкил медиҳанд ва теъдоди онҳо нисбати муҳоҷирони ӯзбек, қирғиз, украин, молдаван, хитой, ветнамӣ ва ғайра камтар аст.

[48] Ниг.: Гулмирзоев, К.Х. Внешняя трудовая миграция в Таджикистане в условиях трансформационного периода, Монография. – Душанбе, 2021.-158 с.

### 1.3. Тавсифи иқтисодӣ – географии муҳоҷирати меҳнатӣ, сабаб ва шаклҳои он.

Муҳоҷирати аҳолӣ – раванди иҷтимоии мураккаб буда, бо дигаршавии сохтори иқтисодӣ ва ҷойгирсозии истеҳсолот робитаи зич дорад.

Ҳангоми таҳлили муҳоҷирати аҳолӣ онро вобаста ба як қатор нишонаҳо тасниф мекунанд. Ба муҳимтарини онҳо таваққуф менамоем:

1. Вобаста ба хусусияти гузариши сарҳад муҳоҷирати хориҷӣ ва дохилиро ҷудо мекунанд.

Қувваҳои кории аҳолӣ ки ба муҳоҷирати хориҷӣ бештар алоқаманданд он муҳоҷиратест, ки аз сарҳади давлатӣ убур карда мешавад. Ҳангоми баррасии муҳоҷирати байнидавлатӣ шаш гурӯҳи муҳоҷиратро ҷудо мекунанд: муҳоҷирони корӣ, муҳоҷирони ғайрирасмӣ, гурезаҳо, таҷрибаомӯзон, кормандони илмӣ, ҷаҳонгардон, ки барои истироҳат мераванд.

Муҳоҷирати корӣ чун гурӯҳи алоҳида ҷудо карда мешавад. Муҳоҷирати корӣ - ин ки муваққатан дар ҳудудӣ кишвари дигар ба ҳайси шаҳрвандони хориҷӣ ё ашхоси бешаҳрванд, бо мавриди ба амал баровардани фаъолияти корӣ зиндагӣ мекунанд.

Муҳоҷирати дохилӣ иваз кардани макони зист дар дохили кишвар миёни ноҳияҳои маъмурӣ ё иқтисодию географӣ ва ғайра мебошад. Шаклҳои асосии муҳоҷирати дохилӣ дар шароити имрӯза муҳоҷират аз деҳот ба шаҳр, ё ки муҳоҷирати байниноҳиявӣ мебошад.

2. Аз рӯи нишондиҳандаҳои вақт муҳоҷиратро ба доимӣ, муваққатӣ, мавсимӣ ва мокувор ҷудо мекунанд.

Муҳоҷирати бебозгашт ба тағйири қатъии ҷойи истиқомати доимӣ вобастагӣ дорад. Мисоли чунин муҳоҷират кӯч бастан аз як ноҳия ба дигар ноҳия, ё ин ки аз деҳот ба шаҳр шуда метавонад. Яъне ба ҷои зисти авалааш бар намегардад.

Муҳоҷирати муваққатӣ ҳиҷрати нисбатан тӯлонӣ, ё аз фаъолияти кории сукунати муваққатиро дар бар мегирад. Ҳиҷратҳои бисёри коргарон аз як кишвар ба кишвари дигар муваққатӣ мешавад ё худ муҳоҷирати дохилӣ, ҷойҳои дурдаст ё ноoбод (масалан, кор мувофиқи шартнома барои як чанд сол) ва ғайра.

Муҳоҷирати мавсимӣ интиқолёбии ҳамасолаи одамонро дар вақтҳои муайяни сол, масалан, ба ноҳияҳои кишоварзии мо дар давраи ҷамъоварии ҳосил ё тобистон ба ноҳияҳои дигар ва ғайраро дар бар мегирад. Муҳоҷирати мокувор ё лаппишнок - ин сафарҳои доимӣ ба ҷойи кор ё таҳсил берун аз ҷойи истиқомати худ мебошад.

Таснифи муҳоҷират вобаста ба сабаб доройӣ аҳамияти хоси худ мебошад. Дар миёни сабабҳои асосии муҳоҷирати аҳолӣ бояд сабабҳои иқтисодӣ ва иҷтимоиро тазаккур дод, ки онҳоро аз ҳам ҷудо намудан ғайри имкон дониста мешавад,  (мақсади пайдо кардани заминҳои озоди кишоварзӣ, ҷои кор; музди корӣ бештар ё худ тағйири тарзи зиндагӣ). Масалан. аз деҳа ба шаҳр, ба даст овардани мақоми нисбатан баланди иҷтимоӣ ва ғайра.

Инчунин сабабҳои сиёсӣ (гурез аз таъқиботи сиёсӣ, фишороварии нажодӣ, мазҳабӣ, ронда шудан дар иртибот бо дигар шудани шароити сиёсӣ ё сарҳадҳои давлатӣ), ҳарбӣ (кӯчондан, бозовардан, ронда шудан) ва сабабҳои дигар нақши зиёд доранд[49].

3. Омӯзиши масъалаҳои ҳиҷрати аҳолӣ муносибатҳои миллӣ ва ба ҳам алоқамандию ба ҳам таъсиррасонии онҳо хусусиятҳои инкишофи онҳо ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам амалӣ аҳамияти муҳимро касб намудаанд. Масъалаи мазкур махсусан дар шароити олами муосир, ки инкишофи муносибатҳои миллӣ, ҳалл ва самаранокии онҳо дар тамоми дунё ва аз ҷумла дар кишварҳои ИДМ дар сафи аввал баромадаанд, аҳамияти махсус пайдо мекунад.

[49] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон № 50 аз 10. 05. 2002 с. " Дар бораи гурезаҳо".

Ҳодисаҳои навини ҷомеа махсусан Ҷанги шаҳрвандӣ, задухурдҳо байни халқу миллатҳо ва умуман бад гаштани муносибатҳои байналмиллӣ намояндагони миллату халқиятҳои гуногунро маҷбур сохтанд, ки ба худ номи гуреза ё муҳоҷирро гиранд.

Чунин масъалаҳо зарурати омӯзиши назариявию сиёсии ҳиҷрати миллату халқиятҳоро ба миён меорад, ки аҳамияти муҳими амалӣ низ доранд.

4. Аз рӯи шаклҳои амалисозӣ муҳоҷират ба ҷамъияти муташаккил, ки бо иштироки мақомоти давлатӣ ё ҷамъиятӣ ва кумаки иқтисодии онҳо сурат мегирад ва ғайримуташаккил, ки бо қувва ва маблағҳои худи муҳоҷирон бидуни ёрии моддӣ ва ташкилӣ аз ҷониби ягон муассисае амали карда мешавад, тақсим мегардад.

5. Вобаста ба он, ки интиқоли одамон бо тасмими худи онҳо ва ё новобаста ба худи онҳо сурат мегирад, муҳоҷират ба намудҳои ихтиёрӣ ва маҷбурӣ тақсим мешавад.

Якчанд усулҳои назариявӣ дар мавриди тафсири ҳаракати байналхалқии қувваи корӣ, ҳамчун омили истехсолот вуҷуд доранд. Дар доираи усули якум сабаби ҳиҷрати байналхалқии қувваи корӣ тафовути байнидавлатӣ дар сатҳи музди меҳнат мебошад, аммо худи ҷараёни муҳоҷират ба суръати рушди иқтисодии мамлакатҳо таъсир мекунад. Тарафдорони усули неоклассикӣ дар назар доранд, ки эмигратсия ба баландшавии некуаҳволии мамлакати қабулкунанда меоварад ва тараққиёти иқтисодии давлате, ки аз он муҳоҷир мешаванд, мисли пештара мемонад, ё ин ки дар ҳар гуна ҳолат бад намешавад.

Дар доираи усули дуюм сабаби ҳаракати байналхалқии қувваи корӣ ҳамчунин тафовути байни давлатӣ дар сатҳи ҳаққи меҳнат мебошад, аммо худи раванди муҳоҷират таъсири бадтар шуданро ба мавқеи иқтисодии мамлакати қувваи корӣ содиркунанда, хусусан, агар кормандони баландихтисос муҳоҷир шаванд, мерасонад.

Аҳамиятнокии ин ду усулро дар асоси таҳлили нафъ ва зарари ҳамон мамлакатҳое, ки қувваи кориро содир ва ё ворид мекунанд, баҳо додан мумкин аст.

Саравval таъсири муҳоҷирати қувваи кориро ба мамлакатҳои воридкунанда таҳлил мекунем.

Дар соҳаҳои меҳнатталаб ва ҳамаи намудҳои истеҳсолот, ки аҳолии маҳалли ба он тақозо надоранд, муҳоҷирон (иммигрантҳо) бартараф кардани «ҷойҳои нозукро» имконпазир намуда, ҷараёни муътадили такрористеҳсоли ҷамъиятиро таъмин менамоянд.

Дар солҳои 90-уми асри XX, масалан, коргарони хориҷӣ дар Аврупои Ғарбӣ аз 5 то 25%-и ҳамаи кормандони кирояро ташкил мекарданд ва ҳатто дар як қатор соҳаҳо вазни хоси муҳоҷирон (иммигрантҳо) боз ҳам баландтар буд. Коргарони хориҷӣ дар Фаронса 33%-и кормандони соҳаи автомобилсозӣ, дар Швейтсария – 40% -и ҳамаи коргарони сохтмончӣ, дар Белгия – 50%-и конканонро (шахтёронро) ташкил мекарданд[50].

Инкишофи муҳоҷират (иммигратсия) ба мамлакатҳои воридкунанда имконияти сарфаи маблағҳои калонро дар тайёр кардани кадрҳо ба миён меоварад. Мисол, дар натиҷаи ҷараёни муҳоҷирати байналхалқии кадрҳои баландихтисос, ки дар адабиёти иқтисодӣ «ҳиҷрати ақлонӣ» меноманд, ИМА дар давраи аз соли 1965 то соли 1990 фақат дар соҳаи маориф ва фаъолияти илми на камтар аз 15 млрд. доллар сарфа намуданд. Бурди умумии ИМА аз «ҳиҷрати ақлонӣ» дар солҳои 80-90-уми асри XX ҳар сол ба 6 млрд. долл. баробар буд[51].

Сиёсати воридоти қувваи кориро дар замони ҳозира аксари иқтисодчиён дастгирӣ мекунанд ва ба таъсири мусбати муҳоҷирати байналхалқии қувваи корӣ ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ розӣ ҳастанд.

---

[50] Ниг.: Василенко, В. Салихов, Н. Улмасов, Р. «Ловушки глобализации» Ноосферный мониторинг безопасности граждан суверенных государств ООН в земном доме. Душанбе, Волгоград – 2017, 494 с.
[51] Ниг.: Круглый стол "Влияние мирового финансового кризиса на трудовую миграцию из Таджикистан". Душанбе, МОМ, 2009. 185 с.

Ҳар чи ба таъсири муҳоҷирати қувваи корӣ ба мамлакатҳои содиркунанда дахл дорад, он гоҳ тадқиқоти дар солҳои 80-90-уми асри XX дар ин мавзуъ гузаронидашуда натиҷаҳои мусбат доданд.

Якум, рафтани қисми аҳолии мамлакатҳои алоҳида ба хориҷа муътадiliро дар бозорҳои меҳнати онҳо таъмин мекунад. Чунончи, дар Покистон дар нимаи дуюми солҳои 80-ум муҳоҷират ба хориҷа имконият дод, ки бекорӣ аз як се ҳисса кам карда шавад. Ҳамин гуна ҳолат дар Бангладеш ва Ҳиндустон низ ба вуҷуд омад. Маълумоти сершумори омори нишон медиҳад, ки муҳоҷирати қувваи корӣ баланд шудани сатҳи миёнаи музди кор ва даромадҳои табақаҳои бенавои аҳолии мамлакатҳои содиркунандаи қувваи кориро имконпазир мегардонад.

Дуюм, муҳоҷират ба баландшавии дараҷаи ихтисоси коргарони ба дигар мамлакатҳо сафар карда меоварад. Онҳо ба технологияҳои нисбатан муосир, ба стандартҳои пешқадами этикаи меҳнатӣ, интизом ва ташкили истеҳсолот дар мамлакатҳои онҳоро қабулкунанда шинос мешаванд. Пас аз бозгаштан ба Ватан ҳамаи ин шароитҳо ба такмилёбии сармояи инсонии мамлакати содиркунандаи қувваи корӣ таъсири мусбат мерасонад.

Сеюм, аҳамияти махсусро барои иқтисодиёти мамлакатҳои содиркунандаи қувваи корӣ воридшавии асъори хориҷӣ дорад, ки муҳоҷирон ба Ватан интиқол менамоянд. Маблағҳои ба Ватан интиқол намудаи онҳо баъзан қисми асосии даромадҳои мамлакатро ташкил мекунанд ва ҳамин тавр, ба муътадилшавии вазъи молиявӣ мусоидат менамоянд. Масалан, мувофиқи маълумотҳои бонкӣ агар ҳаҷми умумии интиқоли маблағҳо фақат дар 10 мамлакати рӯ ба тараққии содиркунандагони асосии қувваи корӣ дар соли 1913 1,9 млрд. долларро ташкил карда бошад, он гоҳ дар ибтидои солҳои 90-уми асри XX вай аллакай наздики 12 млрд долларро ташкил менамуд[52], ки ин нишондиҳанда дар баъзе аз давлатҳои собиқ Шуравӣ низ гуногун мебошад.

[52] Ниг.: http://www.stanradar.com/news/full/24671-skolko-deneg-otpravili-domoj-migranty-iz-tsentralnoj-azii-dannye-tsentrobanka-rossii.html, 11.04.2017.

**Диаграмаи 1.3.1.**

**Ҳиссаи интиқоли маблағҳо аз мамлакатҳои хориҷӣ дар ММД- и кишварҳо.**




**Манбаъ: https://fmimg.finmarket.ru/nws1/031013/vb2.png (10.10.2022)**

Ҳиссаи интиқоли маблағҳои пулии муҳоҷирони меҳнатии кишварҳои дар боло зикр гардида дар диаграммаи зерин аз тарафи муалиф оварда шудааст. Тоҷикистони пасо Шуравӣ ба мамлакате мубаддал гашт, ки дар мисоли он ҳамаи проблемаҳоеро дидан мумкин аст, ки бо онҳо мамлакати содиркунандаи қувваи корӣ дучор мешавад[53].

Дар доираи бухрони умумии иқтисодӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин проблемаи истифодаи захираҳои меҳнатӣ истодааст. «Мувофиқи маълумотҳои дурнамои Кумитаи давлатии омори Ҷумҳурии Тоҷикистон, - қайд мекунад иқтисодчии намоёни тоҷик Нурмаҳмадов, М. теъдоди мутлақи аҳолии ҷумҳури соли 2025-12,1 млн. нафар, - соли 2050 – 18,7 млн. нафар, соли 2060 – 21,1 млн. нафар ва мувофиқи дурнамои Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – ҳатто то ба 25-27 млн. нафар мерасад[54].

Тамоюлҳои дар боло зикршуда, мувофиқан теъдоди аҳолии қобили меҳнатро зиёд мекунанд. Агар ба назар гирифта шавад, ки тақрибан 47-50%-и аҳолӣ захираҳои меҳнатии ҷумҳуриро ташкил диҳад, он гоҳ

[53] Ниг.: Коситов, О. зери унвони «Муҳоҷирати аҳолии ЧШС Тоҷнкистон», Душанбе 2001 с. 78.
[54] Ниг.: Косидов, О., Косидова У.О. «Рушди иқтидори меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». Душанбе, 2013. С. 43.

теъдоди захираҳои меҳнатӣ дар соли 2010 ба 4,1 млн нафар ва мувофиқи натиҷаҳои таҳқиқот, дар соли 2021 шумораи аҳолии қобили меҳнати синни 15-75 сола дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 5,4 млн (5414273) нафарро ташкил дод, ки аз онҳо 2,8 млн (2859233) нафарашон мардҳо ва 2,6 млн (2655040) нафаррашон занҳо буданд[55].

Барои Тоҷикистони муосир, пеш аз ҳама, муҳоҷирати хориҷии меҳнатӣ асосан қувваи кории беихтисос хос аст. Қисми зиёди маҷрои муҳоҷират аз Тоҷикистон ба мамлакатҳои ИДМ, алалхусус ба Русия ва мамлакатҳои Осиёи Марказӣ нигаронида шудааст. Мувофиқи маълумотҳои гуногун, ин нишондиҳанда аз 500 то 850 ҳазор нафар ва ҳатто зиёдтар аз инро ташкил медиҳад[56].

Сабабҳои иқтисодие, ки асоси ҳиҷрати хориҷии меҳнатиро ташкил мекунад, аз инҳо иборатанд:

- набудани миқдори кифояи ҷои корӣ;
- сатҳи пасти даромадҳо ва музди кории паст;
- дурнамои ноаён барои гирифтани ихтисоси зарурӣ.

Хусусияти гузариш доштаи иқтисодиёти ҷумҳуриро ба назар гирифта, академик Раҳимов, Р.К. се мақсади асосии чунин сиёсат: иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва стратегиро ҷудо мекунад.

Ба мақсади иқтисодӣ дар сиёсати ҳиҷрати хориҷии меҳнатӣ:

- паст кардани сатҳи бекорӣ;
- зиёд кардани ҳиссаи музди меҳнат дар даромадҳои пулии аҳолӣ ва ММД;
- истифодаи даромадҳо аз ҳиҷрати хориҷии меҳнатӣ ба мақсади зиёд кардани сармоягузорӣ ва шуғл:

[55] Ниг.: Агентии омори назди президенти Ҷумхурии Тоҷикистон. Демографияи солонаи Ҷумҳури Тоҷикистон. 30 солагии давлатӣ маҷмӯи оморӣ. Душанбе 2021. с. 243.
[56] Ниг.: https://sputnik-tj.com/20190731/Rasati-khadamot-muoironi-dokhil-az-viloyati-Sud-ba-Danara-kch-mebandand--1029540165.html (07.09.22)

- баланд бардоштани сатҳи касбӣ ва фарҳангии қувваи корӣ бо истифода аз барномаҳои тайёрии касбии муҳоҷирон дар мамлакатҳои хориҷа;
- афзоиши ҳайми пасандози пулии муҳоҷирон.

Ба мақсади иҷтимоӣ дар сиёсати ҳиҷрати берунии меҳнатӣ:
- тайёр кардани кадрҳои касбӣ аз ҳисоби муҳоҷирон;
- ба вуҷуд овардани механизми таъсиррасон ба мамлакати киро кардаи қувваи корӣ барои ташкили шароити мусоиди меҳнат ба воситаи созишномаи дутарафа барои муҳоҷирон;
- ҳифзи иҷтимоию ҳуқуқии муҳоҷирон дар хориҷ ва созмон додани барномаҳои ҳатмӣ оид ба таъмини шуғл пас аз баргашта омадани муҳоҷирон ба ҷумҳурӣ.

Ба мақсадҳои стратегӣ дар сиёсати ҳиҷрати хориҷии меҳнатӣ:
- барҳам додани ҳиҷрати ғайрирасмӣ;
- дар оянда ҳавасманд кардани шахсони соҳибтахассус ба муҳоҷират;
-созмон додани (омода кардани) барномаҳои миёна ва дарозмуҳлати ҳиҷрати хориҷии меҳнатӣ ва пайваст нашудани он ба стратегияи кам кардани камбизоатӣ (қашшоқшавӣ);
-дар доираи созишномаи тарафайн зиёд кардани (диверсификатсияи) минтақаҳои Федератсияи Россия ҳамчун макони асосии ҳиҷрати қувваи корӣ аз Тоҷикистон.

Академик, Р.К. Раҳимов кайд мекунад, ки «Хусусиятҳои гузариш ба муносибатҳои бозорӣ ва бартарии нисбии захираҳои меҳнатӣ дар Тоҷикистон, ин зарурати коркарди сиёсати муҳоҷирати хориҷии меҳнатӣ ва барои бомуваффақият татбиқ намудани он – танзими фаъоли объективонаи давлатиро талаб мекунад»[57].

---

[57] Ниг.: Рахимов, Р.К. Некоторые вопросы политики внешней трудовой миграции Республики Таджикистан// Экономика Таджикистана: стратегия развития. 2001. №1. С.49-50.

## Хулосаи боби якум

Дар замони муосир дар ҷаҳон чунин шароит ва низоми иқтисодию сиёсие ташаккул ёфтааст, ки бисёр масъалаҳои гуногунро ҳам муҳоҷирон ва ҳам мамлакатҳо бояд якҷоя ҳал намоянд. Яке аз ин масъалаҳо муҳоҷират ба шумор меравад, ки ҳамчун масъалаи доғи рӯз дар асри XXI мебошад. Ба он бисёри давлатҳо дучор гардидаанд ва бо мақсади ба танзим овардани муҳоҷирати аҳолӣ ва ҳифзи иҷтимоию ҳуқуқии муҳоҷирон аз ҷониби давлатҳои интиқолдиҳанда ва қабулкунандаи муҳоҷирон созмонҳо ва ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ, ҷамъиятӣ ва ғайридавлатӣ тадбирҳои амалӣ андешида шуда истодааст. Лекин рӯз то рӯз афзудани шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ дар тамоми олам ва паҳлуҳои зиёд доштанаш ҳалли ин проблемаро ниҳоят душвор мегардад.

Дар шароити имрӯза Тоҷикистон ҳамчун давлати мустақил, ки дар арсаи байналмилалӣ қадамҳои устувори худро гузошта истодааст, оид ба ҳалли масъалаи муҳоҷират худро дар канор гирифта наметавонад. Чунки ҷараёни муҳоҷирати байналмилалӣ дар сарзамини Тоҷикистони муосир низ ногузир аст ва шумораи муҳоҷирон рӯз то рӯз афзоиш меёбад. Мувофиқи тадқиқотҳои мушахаси иҷтимоӣ ва сиёсӣ аз вазъияти имрӯзаи Тоҷикистон, чунин хулоса баровардан лозим аст, ки дар ибтидои асри XXI дар ҷумҳурӣ рӯз то рӯз шумораи муҳоҷирон меафзояд. Новобаста аз оне, ки дар ҳаёти мамлакат тағйиротҳои куллӣ ба вуҷуд омада ва Тоҷикистон дар пешрафту тараққиёт қадамҳои устувор гузошта истодааст. Тоҷикистон дар замони муосир оид ба ҳалли масъалаҳои муҳоҷират бояд фаъол бошад, чунки дар замони ҷаҳонишавӣ муҳоҷират чунин як падидае, ки боиси дур шудани насли нав аз арзиш ва урфу одатҳои миллӣ, ки бунёди ҳастии миллатанд, кушиш ба харҷ дода истодааст.

Таҳлили таҳқиқоти зербобҳои мазкурро ба итмом расонида, мо ба чунин хулосаҳо ноил гардидем:

1. Бояд қайд кард, ки аз ҳамаи намудҳои муҳоҷирати аҳолӣ, ки дар ҳудуди кишварамон амалӣ мешаванд, муҳоҷирати меҳнатӣ афзалияти бештар дорад ва нақши он дар рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат ва кам кардани сатҳи камбизоатӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ беандоза мебошад. Муқаррар карда шуд, ки тайи даҳсолаҳои охир раванди муҳоҷирати аҳолӣ ва алалхусус самти муҳоҷирати меҳнатӣ дар миқёси ҷаҳон, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба шакли ҷаҳонишавӣ мубаддал гаштааст. Доир ба ин масъала назарияи илмии олимони ватанӣ мавҷуд аст ва он воқеияти ҳолро асоснок менамояд.

2. Яке аз омилҳои асосии муҳоҷират омили иқтисодӣ мебошад. Қонунҳои номусоиди иқтисодӣ ва андозбандии вазнин, сабабҳои муҳоҷират шуда метавонанд. Вале ҳеҷ яке аз ҷараёнҳои муҳоҷират мувофиқи бузургии ҳаҷм бо ҷараёнҳои муҳоҷират, ки дар асоси хоҳиши аксарияти муҳоҷирон ба воситаи ҳиҷрат беҳ намудани сатҳи зиндагӣ ба миён омадааст, баробар шуда наметавонад.

3. Муайян карда шуд, ки дар солҳои 50-70-уми асри XX шумораи асосии муҳоҷирон аз давлатҳои суст тараққикарда ба давлатҳои аз ҷиҳати истеҳсолот пешрафта дида мешуд, ҳоло бошад мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки аз солҳои 1980 сар карда, баръакс ҷойивазкунии қувваҳои корӣ, дар давлатҳои тараққикардаи дунё бештар ба амал меояд. Дар замони муосир бошад, муҳоҷирати меҳнатии байналмилалӣ аз давлатҳои суст тараққикарда ба давлатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафтаи ҷаҳон ба амал меояд.

## БОБИ II. МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДӢ БОЗОРГОНӢ.

### 2.1. Сабаб ва омилҳои муҳоҷирати меҳнатӣ, ҷиҳатҳои мусбӣ ва манфии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Мувофиқи назарияи иқтисодиёти байналхалқӣ, ҷойивазкунии қувваи корӣ (ҳамчун омили истеҳсолӣ) дар байни мамлакатҳо, бо кадом сабабҳое, ки ба миён наомада бошад, оқибати ҷиддии иҷтимоию иқтисодӣ дорад ва барои сиёсати берунии иқтисодии давлат аҳамияти муайянро дорост. Мутахассисон ду шакли муҳоҷиратро ҷудо намудаанд:

- эмигратсия (ҷилои ватан) – кучидаравии аҳолии қобили меҳнат аз мамлакати истиқомати доимӣ барои зисти дарозмуддат ё доимӣ ба мамлакати дигар;

- иммигратсия – ворид шудани (одатан муваққатӣ) қувваи корӣ ба ин ё он мамлакат аз дигар мамлакат.

Фарқияти байни иммигратсия ба мамлакат ва эмигратсия аз мамлакат бақияи (салдои) муҳоҷират номида мешавад.

Одатан панҷ категорияи муҳоҷиронро фарқ мекунанд:

- муҳоҷирони расмӣ;
- муҳоҷирони ғайрирасмӣ;
- коргарон аз рӯи шартнома;
- гурезаҳо;
- паноҳҷӯёни сиёсӣ.

Муҳоҷирати меҳнатӣ аз ҷониби шахсони қобилияти меҳнатӣ дошта ба амал меояд, ки минтақаи худро ба муҳлати муайян барои дарёфти ҷойи кор ва музди меҳнати нисбатан баланд тарк мекунанд.

Барои таҳлили сабабҳои иқтисодии муҳоҷирати байналхалқии қувваи корӣ, усулҳое истифода мешаванд, ки дар таҳлили ҳаракати байналхалқии сармоя мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Умуман, дар натиҷаи муҳоҷират ҳаҷми кулли истеҳсолот дар ҷаҳон ҳамчун натиҷаи истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ аз ҳисоби

азнавтақсимнамоии байнидавлатии онҳо афзун мешавад. Вале тақсимоти даромади иқтисодӣ ва иҷтимоӣ аз муҳоҷират байни минтақаҳои равонкунанда ва қабулкунандаи муҳоҷирон нобаробар сурат мегирад. Ин барои барқарор шудани системаи васеи танзими давлатию байналхалқии чараёни муҳоҷирати меҳнатӣ оварда мерасонад.

Дар доираи муҳоҷирати байнаиминтақавии молу хизматрасониҳо, ҳамчун шакли муносибатҳои иқтисодӣ тамоюли озодкунии (либерализатсия) робитаҳои тиҷоратии хориҷӣ мавҷуд аст ва нисбати ҳаракати қувваи корӣ барои ба вуҷуд овардани системаи муҳофизат (протексионизм) оварда мерасонад. Ин тавофут ҳамчун фарқият байни муҳоҷирати қувваи корӣ ва хариду фурӯш байни мамлакатҳои хориҷ ба шумор меравад.

Амалан ҳамаи давлатҳои ҷаҳон барои он ки аз ҳаҷми умумии муҳоҷирон миқдори кормандони заруриро барои иқтисодиёти миллӣ муайян намоянд, ҷараёни муҳоҷирати меҳнатии аҳолиро танзим мекунанд.

Танзими ҳаракати байналхалқии қувваи корӣ ба истифодаи се роҳ сурат мегирад:

1) қонунҳои миллӣ, ки муҳоҷирати меҳнатии хориҷиро танзим мекунанд;

2) созишномаҳои дутарафаи давлатҳо;

3) созишномаҳои бисёртарафаи давлатҳо.

1. **Конунҳои миллӣ**. Қариб дар ҳамаи мамлакатҳои ҷаҳон муассисаҳои давлатие мавҷуд аст, ки масъалаҳои ҳаракати қувваи кории хориҷиро идора намуда ба танзим медароранд. Одатан, ин Вазоратҳои умури хориҷӣ, адлия, меҳнат ва шуғли аҳолӣ мебошанд.

Дар ҳар як мамлакат системаи хоси маҳдудиятҳои сифатӣ ва миқдории ҳаракати аҳолӣ мавҷуд аст, аз ҷумла:

**I. Тахассуси касбӣ.** Барои аксарияти ихтисосҳо (касбҳо) кафолати тахассуси дар намуди диплом оид ба маълумоти олӣ ё ин ки миёнаи махсус зарур аст. Маҳдудияти синну сол талаботи афзалият доштан

мамлакатҳои воридкунанда мебошад. Онҳо бештар шахсони синну соли қобили меҳнатро қабул менамоянд, ки аз онҳо нафъи зиёд интизор шудан мумкин аст. Одатан вай дар ҳудуди 20-40 солро дарбар мегирад.

**Маҳдудияти хислати шахсидошта**. Талабот ба сифати қувваи корӣ «покдилӣ»-и иҷтимоии он мебошад, ки ҷиҳати муҳим барои нигоҳ доштани устувории иҷтимоӣ ва сиёсӣ минтақа қабулкарда ба ҳисоб меравад.

**Маҳдудиятҳои микдорӣ ва мустақим**. Танзими омадани муҳоҷирон (иммигратсия) на фақат ба воситаи татбиқи як қатор талабот ба сифати қувваи кории онҳо, балки бо ҷорӣ кардани дигар маҳдудиятҳо гузаронида мешавад. Дар аксар минтақаҳо ҳиссагузории мустақими таносуби байни кормандони хориҷӣ ва маҳаллӣ дар корхонаҳои минтақаҳои муҳоҷир қабулкунанда истифода гардида, ҳамчунин меъёрҳои маҳдудкунандаи молиявӣ истифода мешаванд. Дар як гурӯҳи минтақаҳо раводиди муҳоҷирон (иммигратсионӣ) ба сармоягузороне ки дар иқтисодиёти миллӣ сармоя мегузоранд ва ҷои нави корӣ барқарор карда мешавад, дар гурӯҳи дигар, муҳоҷирон бояд маблағи муайян супоранд. Сабаби маблағ супоридан аз он иборат аст, ки ҳар як давлате, ки муҳоҷиронро қабул мекунад, талаботҳои худро дорад. Бинобар ин, муҳоҷир бояд сараввал худро ба қайд гузорад ва иҷозатнома барои кор гирад (яъне патент).

Дар қатори маҳдудкунии молиявӣ, маҳдудиятҳои муваққатӣ низ истифода мешаванд. Ҷорӣ кардани онҳо чунин маъно дорад, ки барои муҳоҷирон (иммигрантон) муҳлати маҳдуди истиқомат ва кор дар мамлакати қабулкарда дода шудааст.

Дар аксар мамлакатҳои воридкунанда маҳдудиятҳои касбию соҳавӣ дар шакли мустақим манъ кардан оид ба касб, ки ишғоли он аз тарафи хориҷиён манъ аст, васеъ паҳн шудааст.

**Афзалиятҳои миллӣ-географӣ** ҳангоми ба кор даромадан дар мамлакати қабулкунанда барои гурӯҳҳои муайяни этникӣ имтиёзҳо пешбинӣ мекунанд.

II. **Созишномаи дутарафаи давлатҳо** шакли созишномаҳои байниҳукуматӣ ё байниидоравӣ мебошад ва дар ҳар ду ҳолат ба сифати вакил дар идораҳои Вазорати муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ баромад мекунад. Созишномаҳои ба имзорасида дар чунин шакл татбиқ мешаванд: дархост оид ба номзадҳо - муҳоҷирон ба идораи намояндагии мамлакати худ фиристонида мешавад, ки мувофиқати онро ба шартҳои созишнома меомӯзад ва онро ба идораи намояндагии мамлакати қабулкунанда ирсол мекунад.

Дар аксар мавридҳо, созишномаҳои дутарафа барои ҳавасмандсозии азнавмуҳоҷиршавӣ (реэмигратсия), яъне баргашта омадани муҳоҷирон ба ватан ба ҷои истиқомати доимӣ ва барои гирифтани пеши роҳи маҷрои нави муҳоҷират нигаронида шудааст. Масалан, созишнома оид ба истифодабарии қисми маблағҳои интиқолдодаи муҳоҷирон, аз як тараф ва аз тарафи дигар, захираҳои давлатии мамлакатҳои ҳавасманд ҷой дорад, ки тибқи он дар мамлакатҳои равонкунандаи қувваи корӣ барқарор кардани чунин корхонаҳое пешбинӣ мешавад, ки дар онҳо муҳоҷирони баргашта ҷои кор пайдо карда метавонанд ва ғайра.

Олимони кишварҳои гуногун мунтазам дар ҷустуҷӯи нишондиҳандаҳо барои пешниҳод кардан мебошанд, яъне вазъи воқеии иҷтимоиву иқтисодии аҳолиро бояд возеҳу равшан инъикос карда тавонанд. Чунончи, баҳодиҳии нишондиҳандаҳои миқдории сатҳи зиндагии аҳолӣ барои пурра тавсиф додани вазъи иҷтимоиву иқтисодӣ дар кишвар кофӣ нест.

Агар таҳаввули мафҳумҳои "сифати зиндагӣ"-ро аз рӯи таҳқиқоти олимони маҳалливу хориҷӣ дида бароем, маълум мегардад, ки дар аксари онҳо тавсифи некуаҳволӣ васеъ истифода бурда шудааст, яъне сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ ҳамчун ҷузъҳои таркибии некӯаҳаволии

аҳолӣ хулосабандӣ гардидааст.

Некӯаҳволӣ мафҳуми нисбатан васеъ буда, нафақат бо ҳаҷми даромади воқеии ба ҳар сари аҳолӣ, инчунин, бо як гурӯҳ, омилҳои ғайрипулӣ, ба монанди тарзи ҳаёт, маданият, одобу ахлоқ, касб ва ғайра тавсиф карда мешавад[58].

Аз ин рӯ, зимни таҳлили некӯаҳволии одамон ҳамчун зуҳуроти том муайян сохтани омилҳои таъсиррасон ба сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ, инчунин, дараҷаи таъсири ин омилҳо нисбатан мушкил аст. Барои муайян намудани омилҳои таъсиррасон, аз як тараф, нишондиҳандаҳои ҳисобкунии сатҳи зиндагӣ ва аз ҷониби дигар сифати зиндагӣ истифода бурда мешаванд, ки бояд дар алоҳидагӣ мавриди баррасӣ қарор гиранд.

Аз ҷониби СММ номгӯи якчанд нишондиҳандаҳо ҳамчун ченаки сатҳи зиндагии аҳолӣ тавсия карда шудааст: сатҳи таваллуд, фавт ва давомнокии умри инсон; вазъи санитарию гигиенӣ; сатҳи истеъмоли озуқаворӣ; шароити манзил; таҳсил ва маданият; меҳнат ва сатҳи шуғли таносуби даромад ва хароҷот; нархи молҳои озуқаворӣ; таъминот бо нақлиет; имконияти истироҳат; низоми таъминоти иҷтимоӣ; ҳуқуқ ва озодии инсон[59].

Аз ин бармеояд, ки барои ҳисоби сатҳи зиндагии аҳолӣ дар қатори нишондиҳандаҳои моддӣ, инчунин, нишондиҳандаҳои маънавӣ, ба монанди таъмини ҳуқуқ ва озодӣ, давомнокии умр, маданият ва ғайра истифода бурда мешаванд. Бинобар ғайриимкон будани инъикоси миқдории онҳо, додани ниҳондиҳандаи интегралии маҷмуи сатҳи зиндагӣ душвор аст.

Дар натиҷаи таҳлили шарҳи мафҳумҳои сатҳ ва сифатӣ зиндагии ахолӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки то ҳол фаҳмиши ягонаи ин мафҳумҳо вуҷуд надорад. Ин ҳолат ба пайдо шудани як қатор арзишҳо оид ба фаҳмиши дурусти ин мафҳум, коркарди низоми возеҳи

[58] Ниг.: Ашуров, С. «Таълими касбии калонсолон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: мутобиқсозии қувваҳои корӣ ба талаботи бозори меҳнат». Душанбе, "Ирфон", 2013. с. 39.
[59] Ниг.: Маводи рузномаи давр, с. 2016. с. 27.

бахисобгирии онҳо сабаб гаштааст. Бинобар ин, хуб мешуд, сатҳи зиндагӣ танҳо тибқи нишондиҳандаҳои моддӣ ва сифати зиндагӣ бошад, дар маҷмуъ ҳар ду моддӣ ва маънавӣ ҳисоб карда шавад.

Солҳои 20- уми асри гузашта давраи саршавии корҳои обёрию коркарди заминҳои навкорам ба ҳисоб мерафтанд. Бинобар ин муҳоҷиркунии дохилиҷумҳурӣ ва ба ин ҷо кӯчонида овардани муҳоҷирон аз дигар ҷумҳуриҳои Иттифоқи  Шуравӣ шакли оммавиро гирифта буд.

Муҳочирати дохилӣ ва муҳоҷирати экологӣ дар кишвари мо тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷират», санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муҳоҷирати дохилӣ ва муҳоҷирати экологӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф намудааст, санадҳои идоравии Вазорати меҳнатӣ, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ ва муҳоҷирати аҳолӣ ба низом дароварда мешавад[60].

Яке аз самтҳои асосии фаъолияти Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷирати назди Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ин танзими ҷараёни муҳоҷирати экологӣ ва дохилӣ (ихтиёрӣ)-и аҳолӣ мебошад.

Мутобиқи моддаи 1-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷират» мафҳуми муҳоҷирати экологӣ-ашхосе, ки манзили худро бар асари офатҳои экологӣ ноилоӣ тарк кардаанд ва мафҳуми муҳоҷирати дохилӣ (ихтиёрӣ) - чойивазкунии бебозгашт, муваққатӣ, инчунин мавсимии ашхоси воқеӣ дар дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад[61].

Раванди муҳоҷирати дохилӣ (ихтиёрӣ) дар марҳилаи навини рушди иқтсодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсии давлат баъд аз ноил шудан ба истиқлолияти комил такмил ёфт ва сабки тоза касб намуд, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муҳоҷирати аҳолӣ бо истифода аз

[60] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муҳоҷират. №881. 11.12.1999.
[61] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муҳоҷират. №881. 11.12.1999.

меъёрҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ ғанӣ гардид.

Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муҳоҷирати дохилии (ихтиёрии) аҳолӣ аз мавзеъҳои кӯҳӣ, наздикӯҳӣ ва ноҳияҳои зичии аҳолиашон зиёд ва камзамин ба ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои муҳоҷирон дар интихоби озодонаи ҷойи истиқомат, обод намудани заминҳои бекорхобида ва аз худ намудани даштҳои нокорам, инкишофи минбаъдаи соҳаи кишоварзӣ бо истифодабарии захираҳои зиёди меҳнатӣ аз ҳисоби шаҳрвандони бекор, мусоидат намудан ва баланд бардоштани шароити зисти аъзоёни оилаи муҳоҷирон ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ, пешгирии муҳоҷирати дохилии ғайрирасмӣ, таҳкими дӯстӣ миёни миллатҳо ва халқиятҳо дар ҷойҳои сукунати муҳоҷирон, бо мақсади ҷалби ҷавонон ва барпо кардани инфрасохтори деҳот равона гардидааст.

Кӯчонидани муҳоҷирони дохилӣ (ихтиёрӣ) аз як минтақа ба минтақаи дигар танҳо дар ҳолати мавҷуд будани кафолатномаи расмии тарафи қабулкунандаи муҳоҷирон доир ба ҷойгир кардан дар хонаҳои истиқоматӣ ва ё ҷудо намудани қитъаи замин барои сохтмони манзили зисти доимӣ, таъминот бо оби нӯшокӣ, барқ, сохтмони роҳҳои дохилихоҷагӣ, хизматрасонии тиббӣ, ҷойҳои корӣ барои ҳамаи аъзоёни оила, таъминоти ҳолати санитарии муносиб ва тибқи имкониятҳои мавҷудбуда барпо намудани иншооти иҷтимоӣ бояд амалӣ карда шавад.

**Харитаи 2.1.1**

## Муҳоҷирати дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон




**Манбаъ: таҳияи муалиф дар асоси маълумотҳои Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ.**

Дар давраи Истиқлолият бори аввал 50 хоҷагии муҳоҷирони дохилӣ (ихтиёрӣ) бо назардошти зиёд будани захираҳои меҳнатӣ дар ВМКБ, алалхусус аз ҳисоби ҷавонон ва бо мақсади эҳё намудани заминҳои бекорхобида кӯчонида шудаанд ва дар ноҳияи Қубодиён деҳаи нави Наврӯз бунёд гардид.

**Ҷадвали 2.1.1**

**Муҳоҷирати дохилии Тоҷикистон**

| Сол | Миқдори умумии оилаҳои кӯчонидашуда | Аз кадом ноҳия муҳоҷир карда шудаанд | Миқдори оилаҳои кӯчонидашуда | Ба кадом ноҳия муҳоҷир карда шудаанд |
|---|---|---|---|---|
| 2001 | 50 | Шаҳру ноҳияҳои ВМКБ | 50 | н. Қубодиён |
| 2002 | 329 | н. Роштқалъа | 174 | н. Н. Хусрав |
| | | Шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон | 155 | н. Н. Хусрав |
| 2003 | 200 | Дар худуди н. Варзоб | 24 | н. Варзоб |
| | | ш. Исфара | 26 | н. Н. Хусрав |
| | | Дар ҳудуди ш. Исфара | 100 | Ба мавзеи Матпарӣ |
| | | | 50 | Ба деҳаи Шӯроб |
| 2004 | 75 | ш. Кӯлоб | 52 | н. Ҷайхун |
| | | Дар худуди н. Варзоб | 6 | н. Варзоб |
| | | ш. Исфара | 17 | н. Н. Хусрав |
| 2005 | 626 | Дар худуди ш. Кӯлоб | 11 | ш. Кӯлоб |
| | | ш. Душанбе | 3 | н. Н. Хусрав |
| | | Шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон | 582 | н. Н. Хусрав |
| | | ш. Исфара | 5 | н. Н. Хусрав |
| | | Дар худуди н. Тоҷикобод | 25 | н. Тоҷикобод (ба мавзеи Калдарё) |
| 2006 | 398 | Шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон | 320 | н. Н. Хусрав |
| | | ш. Кӯлоб | 67 | ш. Турсунзода |
| | | Дар худуди н. Тоҷикобод | 11 | н. Тоҷикобод (ба деҳаи Билолобод) |
| 2007 | 1403 | Шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон | 933 | ш. Турсунзода |
| | | Шухру ноҳияҳои ВМКБ | 50 | н. Н. Хусрав |
| | | Шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон | 245 | н. Н. Хусрав |
| | | Дар худуди н. Данғара | 93 | н. Данғара |
| | | н. Деваштич | 71 | н. Зафарободд |
| | | Дар худуди н. Деваштич | 11 | н. Деваштич |
| | | Дар худуди ш. Роғун | 30 | ш. Роғун |
| | | Дар худуди н. Варзоб | 100 | н. Варзоб ч. д. Чорбоғ |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 2008 | 956 | | | (мавзеи Ҷангалак ва Лучоб) |
| | | Дар ҳудуди н. Рашт | 27 | н. Рашт |
| | | н. Дарвоз | 138 | н. Данғара |
| | | Дар ҳудуди н. Данғара | 150 | н. Данғара (ҷ.д. Лолазор) |
| | | Дар ҳудуди ш. Исфара | 150 | ш. Исфара (ҷ.ш.Сомониён) |
| | | н. Айнӣ ва Кӯҳистони Масчоҳ | 86 | н. Хуросон |
| | | Дар ҳудуди н. Деваштич | 69 | н. Деваштич (ҷ.д. Яхтан мавзеи Даштиком) |
| | | н. Деваштич | 6 | н. Зафаробод |
| | | Шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон | 200 | н. Н. Хусрав |
| 2009 | 1172 | н. Ишкошим | 20 | н. Данғара |
| | | Дар ҳудуди н. Данғара | 150 | н. Данғара (ҷ.д. Лолазор) |
| | | н. Муъминобод | 35 | н. Н. Хусрав |
| | | н. Данғара | 80 | ш. Турсунзода |
| | | Дар ҳудуди ш. Исфара | 100 | ш. Исфара (ҷ.ш.Сомониён) |
| | | Дар ҳудуди н. Деваштич | 77 | н. Деваштич (ҷ.д. Яхтан мавзеи Даштиком) |
| | | н. Деваштич | 80 | н. Зафаробод |
| | | Дар ҳудуди ш. Роғун | 50 | ш. Роғун |
| | | Дар ҳудуди ш. Турсунзода | 20 | ш. Турсунзода |
| | | Дар ҳудуди н. Варзоб | 150 | н. Варзоб ӣ. д. Чорбоғ (мавзеи Ҷангалак ва Лучоб) |
| | | н. Рашт | 30 | н. Данғара |
| | | Шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон | 312 | н. Н. Хусрав |
| | | н. Айнӣ ва Кӯҳистони Масчоҳ | 68 | н. Хуросон |
| | | ш. Кӯлоб | 25 | н. Шаҳритус |
| | | н. Вахш | 10 | н. Шаҳритус |
| | | н. Қубодиён | 65 | н. Н. Хусрав |
| | | н. Ӣ. Балхӣ | 15 | н. Н. Хусрав |
| | | н. М.С.А. Ҳамадонӣ | 22 | н. Н. Хусрав |
| | | н. Дӯстӣ | 19 | н. Н. Хусрав |
| | | Дар ҳудуди ш. Исфара | 200 | ҷ.ш. Сомониён |
| | | Дар ҳудуди н. Деваштич | 46 | н. Деваштич (ҷ.д. Яхтан мавзеи Даштиком) |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 2010 | 1112 | н. Деваштич | 70 | н. Зафаробод |
| | | н. Айнӣ | 200 | н. Зафаробод |
| | | н. Кӯҳистони Масчоҳ | 142 | н. Зафаробод |
| | | Дар худуди ш. Роғун | 25 | ш. Роғун |
| | | Дар худуди н. Варзоб | 60 | н. Варзоб й. д. Чорбоғ (мавзеи Ҷангалак ва Лучоб) |
| | | Дар худуди н. Рашт | 62 | н. Рашт (мавзеи Хос ва Ҳойит) |
| | | н. Тоҷикобод | 6 | н. Вахш |
| | | н. Тоҷикобод | 5 | н. Ёвон |
| | | н. Тоҷикобод | 15 | н. Шаҳритус |
| | | н. Лахш | 20 | н. Шаҳритус |
| | | н. Нуробод | 100 | н. Данғара |
| 2019 | 61 | ш. Исфара | 10 | н. Данғара |
| | | н. Спитамен | 11 | н. Зафаробод |
| | | н. Кӯҳистони Масчоҳ | 20 | н. Хуросон |
| | | н. Кӯҳистони Масчоҳ | 20 | н. Данғара |

**Манбаъ:** Таҳияи муалиф дар асоси маълумотҳои Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Инчунин дар бораи тартиби амалӣ намудани муҳоҷирати дохилии аҳолӣ аз ноҳияҳои камзамин ва сераҳолии кӯҳистон ба водиҳои дорои заминҳои бекорхобидаи ҷумҳурӣ дар солҳои 2022-2024 мутобиқи моддаи 16 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон", моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муҳоҷират" ва бо мақсади ҳалли масъалаҳои демографӣ, тақвияти муҳоҷирати дохилӣ аз ноҳияҳои камзамин ва сераҳолӣ ба водиҳои дорои заминҳои бекорхобидаи ҷумҳурӣ ва дар ин замина таъсис додани шаҳраку деҳаҳои нави замонавии дорои шароити моддию маишӣ ва ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Нақшаи муҳоҷирати дохилии аҳолӣ аз ноҳияҳои камзамин ва сераҳолии кӯҳистон ба водиҳои дорои заминҳои бекорхобидаи ҷумҳурӣ дар солҳои 2022-2024 (минбаъд - Нақша) тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти

Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва вазорату идораҳои дахлдор иҷрои саривақтии Нақшаро таъмин намоянд.

3. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ:

- дар давоми солҳои 2022 - 2024 кӯчонидани муҳоҷирони дохилиро ба маҳалҳои нави зист мутобиқи рӯйхати аз ҷониби Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқгардида таъмин намоянд;

- ҳар сол то 1 ноябр маҳалҳои нави кӯчонидани муҳоҷиронро тибқи тартиби муқарраргардида муайян намуда, то 1 марти соли минбаъда муҳоҷиронро мутобиқи Нақша бо қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ таъмин намоянд;

- ҳар сол то 1 ноябр нақшаи генералии маҳалҳои нави зисти муҳоҷиронро бо дарназардошти инфрасохтори зарурӣ ва системаҳои коммуникатсионию муҳандисӣ ба вазорату идораҳои дахлдор пешниҳод намоянд.

4. Вазоратҳои нақлиёт, маориф ва илм, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ширкати саҳомии холдингии кушодаи "Барқи Точик", Корхонаи воҳиди давлатии "Хоҷагии манзилию коммуналӣ":

- дар доираи маблағҳои барои солҳои 2022-2024 пешбинишуда корҳои омодагиро барои кӯчонидани муҳоҷирони дохилӣ мутобиқи Нақша ба анҷом расонанд;

- ҷиҳати бунёд намудани шаҳракҳои нави замонавӣ, ки дар он ҷо муҳоҷирони дохилӣ ҷойгир карда мешаванд, таъмин намудани онҳо бо оби нӯшокӣ, хатҳои интиқоли барқ, сохтмони роҳҳо, мактабҳо, бунгоҳҳои тиббӣ ва иншооти дигари зарурӣ чораҳои зарурӣ андешанд.

5. Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси дархости Вазорати меҳнат,

муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби захираҳои моддии давлатӣ ва кумаки башардӯстона барои ҷойгиркунонии муҳоҷирони дохилӣ миқдори зарурии хаймаҳоро тибқи Нақша ҷудо намояд.

6. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол дар доираи маблағҳои пешбинишудаи буҷети ҷумҳуриявӣ маблағгузории саривақтии қарзҳои имтиёзнокро барои муҳоҷирони дохилӣ ба андозаи 5000 сомонӣ ба ҳар як оила таъмин намояд.

7. Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк" мутобиқи дархост ва рӯйхатҳои пешниҳоднамудаи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохти саривақтии қарзҳои имтиёзнокро барои муҳоҷирони дохилӣ тибқи тартиби муқарраргардида амалӣ намояд.

8. Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурҳ оид ба рафти иҷрои қарори мазкур ҳар нимсола ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намояд[62].

Дар ҷумҳурӣ Нақшаи муҳоҷирати дохилӣ аз ноҳияҳои камзамин ва сераҳолии кӯҳистон ба водиҳои дорои заминҳои бекор хобида барои солҳои 2022-2024 қабул гардид, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 – юми декабри соли 2021 №518 тасдиқ шудааст.

---

[62] Ниг.: Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи тартиби амалӣ намудани муҳоҷирати дохилии аҳолӣ аз ноҳияҳои камзамин ва сераҳолии кӯҳистон ба водиҳои дорои заминҳои бекорхобидаи ҷумҳурӣ дар солҳои 2022-2024.

**Ҷадвали 2.1.2**

**Нақшаи муҳоҷирати дохилии ҷумҳурӣ барои солҳои 2022–2024**

| № | Номгӯйи вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои интиқолдиҳандаи муҳоҷирони дохилӣ | Номгуйи шаҳру ноҳияҳои қабулкунандаи муҳоҷирони дохилӣ | Шумораи умумии оилаҳои муҳоҷирони охилии дар солҳои 2022-2024 кӯчонидашаванда | Солҳо | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | 2022 | 2023 | 2024 |
| . | **Ҳамагӣ дар ҷумҳурӣ:** | | **904** | **300** | **303** | **301** |
| . | **Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон** | | **50** | **15** | **20** | **15** |
| 1 | Дарвоз | Хуросон | 15 | 5 | 5 | 5 |
| 2 | Ишкошим | Хуросон | 35 | 10 | 15 | 10 |
| **3** | **Вилояти Суғд** | | **90** | **30** | **30** | **30** |
| 1 | Исфара | Исфара | 50 | 15 | 20 | 15 |
| 2 | Кӯҳистони Мастчоҳ | Хуросон | 40 | 15 | 10 | 15 |
| **4** | **Вилояти Хатлон** | | **552** | **188** | **181** | **183** |
| 1 | Хуросон | Хуросон | 100 | 30 | 35 | 35 |
| 2 | Бохтар | Хуросон | 15 | 5 | 5 | 5 |
| 3 | Кӯшониён | Хуросон | 50 | 15 | 15 | 20 |
| 4 | Шаҳритус | Н. Хусрав | 18 | 6 | 6 | 6 |
| 5 | Левакант | Хуросон | 15 | 5 | 5 | 5 |
| | | Н. Хусрав | 15 | 5 | 5 | 5 |
| 6 | Ш. Шоҳин | Н. Хусрав | 30 | 10 | 10 | 10 |
| | | Ш. Шохин | 70 | 25 | 25 | 20 |
| 7 | Восеъ | Хуросон | 50 | 20 | 10 | 20 |
| 8 | Темурмалик | Хуросон | 40 | 10 | 20 | 10 |
| | | Н. Хусрав | 4 | 2 | | 2 |
| 9 | Ҷ. Балхӣ | Ҷ. Балхӣ | 60 | 20 | 20 | 20 |
| 10 | Қубодиён | Н. Хусрав | 15 | 5 | 5 | 5 |
| 11 | Муьминобод | Хуросон | 35 | 15 | 10 | 10 |
| | | Турсунзода | 35 | 15 | 10 | 10 |
| **5** | **Шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ** | | 212 | 67 | 72 | 73 |
| 1 | Роғун | Н. Хусрав | 2 | | | 2 |
| | | Файзобод | 50 | 17 | 17 | 16 |
| 2 | Рашт | Рашт | 100 | 30 | 35 | 35 |
| | | Н. Хусрав | 30 | 10 | 10 | 10 |
| 3 | Тоҷикобод | Н. Хусрав | 15 | 5 | 5 | 5 |
| | | Хуросон | 15 | 5 | 5 | 5 |

**Манбаъ:** Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2021, №518 тасдиқ шудааст.

Мутаассифона, ҳолатҳое рӯй медиҳанд, ки дар баъзе шаҳру ноҳияҳо бе мувофиқа бо Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бар хилофи тартиботи ҷойдошта муҳоҷирони ихтиёрӣ аз як ноҳия ба ноҳияи дигар кӯчонида мешаванд, ки чунин амал душвориҳои зиёдро барои муҳоҷирон ба вуҷуд меорад.

Чунин тарзи муҳоҷиркунонии шаҳрвандон имконияти масъалаҳои сари вақт ҷудо намудани қарзҳои имтиёзнок ба ҳар як оила, тақсимоти

замин барои сохтмони хонаҳои истиқоматӣ, бунёд намудани муассисаҳои таълимӣ, томактабӣ ва тиббӣ, таъминот бо оби нӯшокӣ ва барқ, сохтмони роҳҳо, инчунин ҳаллу фасли дигар масъалаҳои коммуникатсиониро дар маҳалли нави зист маҳдуд менамояд.

Умуман, қайд кардан лозим аст, ки душвориҳо дар самти муҳоҷирати дохилӣ (ихтиёрӣ) ҳоло низ мавҷуданд ва механизми танзими муҳоҷират дар ин самт беҳбудӣ металабад, зеро тафаккур ва шароити зиндагии одамон, талаботи рӯз ва ҷомеа дигаргун гаштаанд ва эҳтиёҷ ба муносибати нави корӣ ба миён омадааст.

Қайд кардан зарур аст, ки аз рӯи ҷойгиршавии мавқеи географӣ 93 % ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистонро кӯҳҳо ташкил дода, қисмати зиёди аҳолӣ дар мавзеъҳои наздикӯҳӣ ва доманакӯҳӣ зиндагӣ мекунанд ва ҳамасола ба сар задани ҳодисаҳои гуногуни табиӣ рубару мешаванд, ки ин ба ҳаёти мардум хавф эҷод менамояд. Бинобар ин, ҳар сол бо мақсади пешгирии ҳар гуна фалокатҳо дар минтақаҳои кӯҳӣ ва дигар минтақаҳои хавфнок, нақшаи кӯчонидани аҳолӣ ба минтақаҳои бехавф тартиб дода мешавад.

Бо мақсади ҳимояи иҷтимоии муҳоҷирони экологӣ дар интихоби озодонаи онҳо ба ҷойи зисти бехавф, сохтмони манзили истиқоматӣ, маоши арзанда, пешгирии муҳоҷирати ғайрирасмӣ ва дӯстию бародарии миёни халқиятҳо дар маҳалли нави зист, як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул карда шудааст, ки бахри ҳимояи муҳоҷирон равона гардидааст.

Муҳоҷирати экологии аҳолӣ, ин яке аз равандҳои бисёр муҳим ва зарур дар Ҷумҳурии саросар кӯҳистони мо ба шумор меравад ва ҳамасола даҳҳо хоҷагиҳо дар минтақаҳои хавфноки экологӣ дучори ҳар гуна ҳодисаҳои номатлуби табиӣ, аз қабили фаромадани ярч, фурӯравии замин, фаромадани тарма ва сел мегарданд.

Бинобар ин аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Нақшаи миёнамуҳлати мутташаккилона кӯчонидани муҳоҷирони экологӣ барои

солҳои 2021-2023 таҳия гардид. Мутобиқи моддаи 16 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи шаҳрвандии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то якуми феврали ҳар соли тақвимӣ рӯйхати хоҷагиҳое (оилаҳое)-ро, ки бояд аз минтақаҳои хавфноки экологӣ ба мавзеъҳои бехавф кӯчонида шаванд, тартиб дода, барои тасдиқ ба Комиссияи давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавқулодда пешниҳод намуда, якҷоя бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо назорати доимии Ҷараёни кӯчонидани муҳоҷирони экологиро тибқи нақша амалӣ намояд.

Раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо ва Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- ҳар сол то 1 ноябр мавзеъҳои кӯчонидани муҳоҷирони экологиро тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ муайян намуда, то 1 марти соли минбаъда корҳои омодагиро барои кӯчонидани муҳоҷирон мутобиқи нақша анҷом диҳанд;

- ба муҳоҷирони экологие, ки тибқи нақша кӯчонида мешаванд, сари вақт қитъаи замини наздиҳавлигӣ ҷудо намоянд.

Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муваззаф гардид, ки дар асоси дархости мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ҷиҳати сари вақт гузаронидани тадқиқоти муҳандисию геологӣ ва аз натиҷаи он пешниҳод намудани хулоса тадбирҳои зарурӣ андешад.

Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор

карда шудааст, ки дар доираи маблағҳои ба ин мақсад пешбинишудаи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2023 пардохти қарзи имтиёзнокро дар ҳаҷми 3000 (се ҳазор) сомонӣ ба ҳар як хоҷагӣ ва кумаки яквақтаинаи моддиро дар ҳаҷми 100 (сад) сомонӣ ба сардори хоҷагӣ, 50 (панҷоҳ) сомонӣ ба ҳар як аъзои оилаи муҳоҷирони экологӣ тавассути бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк" таъмин намояд.

**Харитаи 2.1.2.**

## Муҳоҷирати ноҳиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.




**Манбаъ: таҳияи муалиф дар асоси маълумотҳои Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ.**

Ба Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк" супориш дода шуд, ки аз ҳисоби маблаҷҳои Ҷудонамудаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохти қарзи имтиёзнок ва кумаки яквақтаинаи моддиро барои сохтмони манзили истиқоматии муҳоҷирони экологӣ дар асоси рӯйхати ном ба номи аз Ҷониби Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодгардида ва мутобиқи шартномаҳои дуҷониба сари вақт таъмин намояд.

Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо аз рафти иҷрои қарори мазкур ҳар нимсола ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намояд[63].

Ҷадвали 2.1.3

**Нақшаи миёнамуҳлати муташаккилона кӯчонидани муҳоҷирони экологӣ барои солҳои 2021-2023**

| р/т | Номгӯи вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои интиқолдиҳандаи муҳоҷирони экологӣ | Номгӯи вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои қабулкунандаи муҳоҷирони экологӣ | Шумораи умумии хоҷагиҳои муҳоҷирони экологӣ | Муҳлати кӯчонидани муҳоҷирони экологӣ | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | 2021 | 2022 | 2023 |
| I | Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон | Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон | 21 | 8 | 7 | 6 |
| 1 | ноҳияи Ванҷ | ноҳияи Ванҷ | 2 | 2 | - | - |
| 2 | ноҳияи Рӯшон | ноҳияи Рӯшон | 13 | 4 | 5 | 4 |
| 3 | ноҳияи Ишкошим | ноҳияи Ишкошим | 6 | 2 | 2 | 2 |
| II | Вилояти Суғд | Вилояти Суғд | 174 | 54 | 59 | 61 |
| 1 | шаҳри Панҷакент | шаҳри Панҷакент | 30 | 10 | 10 | 10 |
| э | ноҳияи Деваштич | ноҳияи Деваштич | 24 | 8 | 8 | 8 |
| 3 | ноҳияи Ашт | ноҳияи Ашт | 20 | 6 | 7 | 7 |

[63] Ниг.: Нақшаи миёнамуҳлати муташаккилона кӯчонидани муҳоҷирони экологӣ барои солҳои 2021-2023 аз 28 ноябри соли 2020, № 648.

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 4 | ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ | ноҳияи Зафаробод | 100 | 30 | 35 | 35 |
| III | Вилояти Хатлон | Вилояти Хатлон | 265 | 86 | 88 | 91 |
| 1 | шаҳри Кӯлоб | шаҳри Кӯлоб | 30 | 10 | 10 | 10 |
| э | ноҳияи Хуросон | ноҳияи Хуросон | 18 | 6 | 6 | 6 |
| 3 | ноҳияи Шаҳритуз | ноҳияи Шаҳритуз | 8 | 2 | 2 | 4 |
| 4 | ноҳияи Данғара | ноҳияи Данғара | 23 | 7 | 8 | 8 |
| 5 | ıоҳияи Мир Сайид Ал Ҳамадонӣ | ноҳияи Мир Сайид Али Ҳамадонӣ | 4 | - | 2 | 2 |
| 6 | ноҳияи Ёвон | ноҳияи Ёвон | 7 | 3 | 2 | 2 |
| 7 | ноҳияи Шамсиддин Шоҳин | ноҳияи Шамсиддин Шоҳин | 60 | 20 | 20 | 20 |
| 8 | ноҳияи Ховалинг | ноҳияи Ховалинг | 18 | 6 | 6 | 6 |
| 9 | ноҳияи Темурмалик | ноҳияи Темурмалик | 57 | 19 | 19 | 19 |
| 10 | ноҳияи Қубодиён | ноҳияи Қубодиён | 12 | 4 | 4 | 4 |
| 11 | ноҳияи Кӯшониён | ноҳияи Кӯшониён | 28 | 9 | 9 | 9 |
| IV | Шаҳру ноҳияҳои тобе ҷумҳурӣ | Шаҳру ноҳияҳои тобе ҷумҳурӣ | 204 | 66 | 68 | 70 |
| 1 | шаҳри Турсунзода | шаҳри Турсунзода | 30 | 10 | 10 | 10 |
| 2 | шаҳри Ваҳдат | шаҳри Ваҳдат | 6 | 2 | 2 | 2 |
| 3 | шаҳри Роғун | шаҳри Роғун | 12 | 4 | 4 | 4 |
| 4 | ноҳияи Лахш | ноҳияи Лахш | 10 | 3 | 4 | 3 |
| 5 | ноҳияи Варзоб | ноҳияи Варзоб | 15 | 3 | 6 | 6 |
| 6 | ноҳияи Сангвор | ноҳияи Сангвор | 36 | 8 | 14 | 14 |
| 7 | ноҳияи Тоҷикобод | ноҳияи Тоҷикобод | 9 | 3 | 3 | 3 |
| 8 | ноҳияи Рашт | ноҳияи Рашт | 20 | 7 | 6 | 7 |
| 9 | ноҳияи Рӯдакӣ | ноҳияи Рӯдакӣ | 12 | 4 | 4 | 4 |
| 10 | ноҳияи Нуробод | ноҳияи Нуробод | 36 | 12 | 12 | 12 |
| 11 | ноҳияи Файзобод | ноҳияи Файзобод | 18 | 6 | 2 | 10 |
| Ҳамагӣ дар ҷумҳурӣ | | | 664 | 214 | 222 | 228 |

**Манбаъ:** Нақшаи миёнамуҳлати муташаккилона кӯчонидани муҳоҷирони экологӣ барои солҳои 2021-2023 аз 28 ноябри соли 2020, № 648.

Дар асоси бандҳои нақшаи мазкур ба оилаҳои муҳоҷиршаванда, аз ҷумла тибқи муқаррарот тамоми имтиёзҳои пешбинишуда, аз ҷумла қитъаи замини наздиҳавлигӣ барои сохтани манзили истиқоматӣ ҷудо гардида, қарзи имтиёзнок ба миқдори 5000 сомонӣ ба ҳар як сардори

оила пардохт карда шуд.

Ҳанӯз аз давраи таъсисёбии собиқ Хадамоти муҳоҷирати аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳамқадами Истиқлолияти ҷумҳурӣ ба шумор меравад, ба масъалаҳои муҳоҷирати экологӣ аҳамияти зарурӣ дода мешавад. Дар ҳудуди ҷумҳурӣ аз соли 2000-ум то соли 2019 зиёда аз 6621 хоҷагии муҳоҷирони экологӣ аз минтақаҳои хавфнок ба мавзеъҳои бехавф кучонида шудаанд, аз он ҷумла:

**Ҷадвали 2.1.4**

**Муҳоҷирати экологии аз минтақаҳои хавфнок ба минтақаҳои бехавф кучонида шуда**

| Солҳо | Шумораи хоҷагиҳои Кӯчонидашуда | Солҳо | Шумораи хоҷагиҳои кӯчонидашуда |
|---|---|---|---|
| 2000 | 158 | 2014 | 125 |
| 2005 | 559 | 2015 | 934 |
| 2010 | 738 | 2016 | 543 |
| 2011 | 388 | 2017 | 801 |
| 2012 | 877 | 2018 | 812 |
| 2013 | 625 | 2019 | 61 |

**Манбаъ:** https://sputnik-tj.com/20190731/Rasati-khadamot-muoironi-dokhil-az-viloyati-Sud-ba-Danara-kch-mebandand--1029540165.html (07.09.22).

Чанд сол муқаддам зимни суханронии худ муҳтарам Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон аз сокинони вилояти Суғд даъват карда буд, то ба Данғара биёянд ва аз заминҳои фарохи ҳудуди ин ноҳия истифода намуда, кору зиндагӣ кунанд.

Сардори Раёсати Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон теъдоди муҳоҷирони экологиро низ шарҳ дода қайд намуд, ки бар асари боришоти боронҳои пайдарпаи солҳои охир, бисёре аз хонаҳои истиқоматии сокинон дар деҳоти кӯҳистонии ҷумҳури хароб шудааст.

Аз ин лиҳоз, дар соли 2019 муҳоҷирати экологии 41 хонавода аз ҳисоби сокинони шаҳру ноҳияҳои Айнӣ, Ашт, Деваштич, Исфара,

Панҷакент ва шаҳри Хуҷанд аз шаҳраки Сайҳун қитъаҳои замин ҷудо гардида, дар бунёди хонаҳои нав ба онҳо қарзҳои имтиёзнок дода шудааст[64].

**Ҷадвали 2.1.5**

**Маълумот дар бораи муҳоҷирати аҳолии шаҳру деҳот дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи якуми соли 2020** ( бо нафар)

| Вилоят, шаҳру ноҳияҳо | Шумораи аҳолии кӯчидаомада | | Шумораи аҳолии кӯчидарафта | | Афзоиши кӯчидаомадаҳо (+), кӯчидарафтаҳо (-) | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2021 | 2022 | 2021 | 2022 | 2021 | 2022 |
| **Ҷумҳурии тоҷикистон** | **8053** | **7673** | **9928** | **10128** | **-1875** | **-2455** |
| Маҳалҳои шаҳрӣ | 2954 | 3134 | 3465 | 3214 | -511 | -80 |
| Маҳалҳои деҳотӣ | 5099 | 4539 | 6463 | 6914 | -1364 | -2375 |
| **ВМКБ** | **108** | **82** | **282** | **333** | **-174** | **-521** |
| Маҳалҳои шаҳрӣ | 43 | 28 | 59 | 69 | -16 | -41 |
| Маҳалҳои деҳотӣ | 65 | 54 | 223 | 264 | -158 | -210 |
| **Вилояти суғд** | **1739** | **1781** | **2090** | **2122** | **-351** | **-341** |
| Маҳалҳои шаҳрӣ | 866 | 942 | 860 | 834 | 6 | 108 |
| Маҳалҳои деҳотӣ | 873 | 839 | 1230 | 1288 | -357 | -449 |
| **Вилояти хатлон** | **3815** | **3719** | **4812** | **4749** | **-997** | **-1030** |
| Маҳалҳои шаҳрӣ | 1043 | 1158 | 1243 | 1375 | -200 | -217 |
| Маҳалҳои деҳотӣ | 2772 | 2561 | 3569 | 3374 | -797 | -813 |
| **ш. Душанбе** | **685** | **768** | **968** | **652** | **-283** | **116** |
| **шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ** | **1706** | **1323** | **1776** | **2272** | **-70** | **-949** |
| Маҳалҳои шаҳрӣ | 317 | 238 | 335 | 284 | -18 | -46 |
| Маҳалҳои деҳотӣ | 1389 | 1085 | 1441 | 1988 | -52 | -903 |

**Манбаъ:** Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маълумот оиди шумораи бақайдгирии таваллудшудагон, фавтидагон, никоҳ, бекор кардани никоҳ ва муҳоҷирати аҳолӣ. – Душанбе, 2022. 39 с.

Сол аз сол сатҳи ҳифзи иҷтимоии муҳоҷирон аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон беҳтар мегардад. Мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 марти соли 2005 №99 «Дар бораи додани қарзи имтиёзнок ва расонидани кумаки якдафъаина ба хоҷагиҳои аз минтақаҳои хавфноки Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯчонида шаванда, ки дар давраи солҳои 2005-2010 таҳти таъсири равандҳои экзогенӣ қарор мегиранд», Нақшаи дурнамои кӯчонидани хоҷагиҳои шахсии Ҷумҳурии

---

[64] Ниг.: https://go.searchimages?fr=ps&gp=web#urlhash=4921518872757938б (05.09.2022).

Тоҷикистон, ки дар давраи солҳои 2005-2010 таҳти таъсири равандҳои экзогенӣ қарор доранд ва аз 3 майи соли 2010 №211 «Дар бораи тартиби амалӣ намудани муҳоҷирати экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» раванди муҳоҷирати экологӣ ба танзим дароварда шуда, мутобиқи ин қарорҳо шаҳрвандон аз як минтақа ба минтақаи дигар кӯчонида шуда, танзими раванди муҳоҷирати экологӣ таъмин карда мешавад.

Қабул гардидани қарорҳои мазкур имкон дод, ки ҳамкориҳои Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дигар мақомоти давлатӣ оид ба ҳамоҳангсозии масъалаҳо дар самти муҳоҷирати экологӣ хеле беҳтар гардида, ҳифзи иҷтимоии муҳоҷирон дар асл таъмин карда шавад. Ҳамкориҳои Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дигар мақамоти дахлдори Ҷумҳурӣ имконият медиҳад, ки ҳангоми кӯчонидани муҳоҷирон ба маҳалли нави истиқомат ва баъд аз ҷобаҷошавии онҳо ҳамаи вазорату идораҳои мансубиятдошта ва Мақамоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо мутобиқи салоҳияти худ вазифаҳои гузошташударо иҷро намоянд.

Бо мақсади ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳуқуқии муҳоҷирон ба оилаҳои муҳоҷиршаванда қарзи имтиёзнок ба миқдори 3000 сомонӣ ва кумаки яквақтаина ба миқдори 300 сомонӣ ба ҳар як аъзои оила пешбинӣ карда шудааст, ки ҳангоми аз тарафи агентӣ муҳоҷири экологӣ эътироф гардидан ва ба маҳалли нави зист кӯчидани муҳоҷирон, пардохт карда мешавад.

Ҳамзамон, бояд қайд кард, ки муҳоҷирони кӯчонидашуда бо қитъаи замини наздиҳавлигӣ барои сохтмони хонаҳои истиқоматӣ таъмин карда мешаванд.

Мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 январи соли 2009 № 47 «Дар бораи аз минтақаи зериобмонии Неругоҳи барқи обии Роғун кӯчонидани аҳолии шаҳри Роғун ва ноҳияи Нуробод» ва нақшаи пешниҳодкардаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри

Роғун ва ноҳияи Нуробод, дар давоми солҳои 2009-2015 теъдоди 5139 оилаи муҳоҷирони экологӣ аз минтақаи зериобмонии ин иншооти азими стратегии НБО Роғун ба дигар мавзеъҳои интихобгардида кӯчонида шуданд.

Дар давоми солҳои 2009-2010 Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷирати Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳрҳои Роғун, Турсунзода, ноҳияҳои Нуробод, Данғара, Рӯдакӣ, НБО-и Роғун ва муассисаи давлатии «Мудирияти минтақаи зериобшавандаи НБО-и Роғун» бо мақсади татбиқи қарори мазкур дар байни аҳолии кӯчонидашаванда чорабиниҳои фаҳмондадиҳи гузаронида, то айни замон ба 1040 оилаҳои муҳоҷирон аз минтақаи зериобмонии «НБО Роғун», аз ҷумла ба 187 оила дар ноҳияи Данғара, ба 445 оила дар ҳудуди ноҳияи Нуробод, 175 оила аз шаҳри Роғун ба шаҳри Турсунзода ва ба 233 оила аз ноҳияи Нуробод ба ноҳияи Рӯдакӣ қитъаи замин барои сохтмони хонаи истиқоматӣ ҷудо гардида, ба онҳо тибқи муқаррароти мавҷуда қарзи имтиёзнок ва кумаки якдафъина пардохт карда шуд.

Ҳангоми кӯчонидани муҳоҷирон аз минтақаи зериобмонӣ ҳифзи иҷтимоии муҳоҷирон дар мадди аввал гузошта шуда, молу ашёи дар маҳалли аввали зист доштаашон бо нархҳои бозорӣ ҳисобу китоб ва маблағи он пардохт карда мешавад, масъалаи бунёди иншооти коммуникатсионӣ дар маҳалли нави зист, алалхусус сохтмони роҳ, муассисаҳои таълимӣ, тандурустӣ, фарҳангӣ, таъмини барқ, оби нӯшокӣ ва бо ҷои кор таъмин кардани онҳо ҳаллу фасл карда мешавад.

Аз замонҳои хеле қадим то кунун дар ҳаёти инсонӣ ҳодисаву амалиётҳои зиёду мухталифе ба вуқуъ мепайвастанд ва мепайванданд. Яке аз чунин ҳодисаву амалиёти инсонӣ дар зиндагӣ иваз кардани ҷойю макони сукунат ва вобаста ба шароити ин ё он маҳаллу мавзеъ дигар шудани шуғли соҳаҳои мухталифи ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва

маънавии одамон аст. Яке аз шакли ҷойивазкунии одамон дар адабиётҳо бо мафҳуми муҳоҷират мавриди истифода қарор гирифтааст. Муҳоҷират вобаста ба сабабҳои объективию субъективӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва ҳарбию сиёсӣ шаклҳои зеринро молик аст: муҳоҷирати маҷбурӣ.

Муҳоҷирати маҷбурӣ ҳам сабабҳои объективӣ ва ҳам субъективӣ дорад. Ин шакли муҳоҷират дар натиҷаи чунин сабабу воситаҳо, ба монанди воқеаҳои нохуши табиӣ - заминларзаҳои сахту харобиовар, лагжидани барфу обхезиҳо, фаромадани кӯҳу теппаҳо, хавфи воқеаҳои геодинамикӣ ва ғайра ба вуқуъ мепайвандад. Инчунин ба он зиддиятҳои дурудароз ва тезутунди этникӣ, ҷангҳои дохилӣ ва байни давлатҳо, ислоҳоти аграрӣ ва ғайра низ сабаб мешаванд[65].

Шакли дигари муҳоҷират, яъне ихтиёрии банақшагирифташуда бештар характери субъективӣ дорад, ба сохти ҷамъитию сиёсӣ ва нақшаҳои аграрии ин ё он давлат вобаста аст.

Ҳар ду шакли муҳоҷират ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам дар тули солҳои ҳукмронии сохти Шуравӣ ва ҳам Тоҷикистони соҳибистиқлол хосанд. Вале дар ин ҷо бояд таъкид кард, ки нисбат ба шакли муҳоҷирати маҷбурӣ бештар шакли муҳоҷирати ихтиёрии банақшагирифташуда ба ҳукми таърих даромадааст.

Ба таври истисно дар таҷрибаи таърихии аҳли башар, вобаста ба як зумра сабабҳои дохилию берунӣ дар охири асри 20-ум дар Тоҷикистон шакли дигари ин ҷараёни таърихӣ - муҳоҷирати фирориён ба луғат ворид гардид.

Айни замон аз ҷумҳурӣ ба Русия, Қазоқистон, Корея, Полша, Олмон ва дигар кишварҳо рафтани муҳоҷирони меҳнатӣ аз оқибатҳои манфӣ низ холӣ нест, ки онҳо чунинанд:

-таҷрибаи мавҷудаи бекорони машғул ба ҷустуҷӯи кор барои амалӣ гардонидани манфиати муҳоҷирон шароити мусоид фароҳам намеоварад

[65] Ниг.: Абдулхаев, Р. Таърихи муҳоҷиркунӣ дар Тоҷикистон (1924-2000) Душанбе, 2009, 455 с.

ва раванди муҳоҷирати меҳнатӣ дар мамлакат бештар ба таври тасодуф ҷараён мегирад, амали қариб тамоми муҳоҷирони машғул ба ҷустуҷӯи кор мустақилона бе даъвати кордиҳанда ва ё бастани шартнома сурат мегирад, яъне яке аз сабабҳои ғайрирасмӣ сурат гирифтани муҳоҷирати меҳнатӣ, паст будани сатҳи маърифатнокии ҳуқуқии онҳо ба шумор меравад;

-ҳуҷҷатҳои қонунгузории амалкунанда ҳоло ҷараёни муҳоҷиратро ба таври бояду шояд танзим карда наметавонанд, бештари муҳоҷирони меҳнатӣ ба кор бе тариқи бастани шартнома ва пешниҳоду ҳуҷҷатгузории дахлдор қабул мешаванд, ки дар он ҷо шароити рафтуомад, маблағ ва муҳлати пардохти музди меҳнат, тарзи пардохт ва муҳлати кор кардан на ҳама вақт риоя карда мешавад. Ҳолатҳои зиёде мешаванд, ки дар натиҷаи ҷой надоштани ҳуҷҷатгузории мувофиқ кордиҳандагон музди корро намепардозанд, шароити муътадили кору маош ва истироҳатро муҳайё намесозанд;

-агар, аз як тараф, аз ҷумҳурӣ рафтани шумораи муайяни аҳолии қобили меҳнат, барои паст гардидани шиддатнокии бозори меҳнат шароит фароҳам оварад, аз дигар тараф, муҳоҷирати коргарони баландихтисос ва мутахассисони дорои маълумоти олӣ, миёнаи махсус ба нарасидани чунин кадрҳо дар соҳаҳои иқтисодиёти миллии мамлакат мушкилоти зиёд эҷод менамоянд, барои тайёр ва азнавтайёркунии чунин мутахассисон, бешубҳа, воситаҳои пулии иловагии зиёд лозим аст, аз ҳама муҳим тайёр намудани кадрҳои баландихтисос вақт ва хароҷоти иқтисодӣ ва иҷтимоиро талаб мекунад;

-муҳоҷирати меҳнатӣ инчунин, муаммоҳои зиёди иҷтимоӣ ба миён овард. Аз маълумотҳои ба даст омада маълум шуд, ки тақрибан 10 фоизи муҳоҷирон ба хонаашон музди худро намефиристанд ва оилаҳои онҳо воқеан дар сатҳи пасти зиндагӣ қарор дорад, на ҳамаи муҳоҷирони меҳнатии дар Федератсияи Русия буда, ба хонаи худ бармегарданд. Онҳо солҳои тулонӣ аз худ хабар намедиҳанд, дар он ҷо оилаи нав бунёд

мекунанд ва оилаи онҳо дар Тоҷикистон барҳам мехӯрад, фарзандон бе падар ё бе модар ба воя мерасанд, миқдори ҷинояткорӣ ва бетартибиҳо дар ҷомеа аз тарафи наврасон ва ҷавонон меафзояд. Муҳоҷирони меҳнатӣ дар чорабиниҳо ва маросимҳои оилавӣ (аз ҷумла, дар тую маъракаҳо ва дафни хешу наздикони худ) иштирок карда наметавонанд, саломатии онҳо аз сабаби шароити номусоиди иқлимӣ (зимистони сарду тулонӣ) бад мегардад, гоҳо фавти онҳо бо сабабҳои ногаҳонӣ ва ҷиноӣ ба чашм мерасад, ҳамин тавр ҳамаи мушкилоти зиндагӣ бар души занҳо, махсусан, занҳои деҳот бори гарон мебошад.

**Ҷадвали 2.1.8**

**Маълумотнома оид ба муҳоҷирати меҳнатӣ дар соли 2022, нисбат ба ҳамин давраи соли 2021**

| р/т | Номгӯй | 2022 | 2021 | фарқ | фоиз |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Рафти умумии шаҳрвандон ба хориҷа | 534 238 | 333095 | +201143 | +60% |
| | Мард | 441 412 | 284666 | +156746 | +55% |
| | Зан | 92 826 | 48429 | +44397 | +92% |
| 2 | Рафти муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа | 470 791 | 271976 | +198815 | +73% |
| | Мард | 396 252 | 237301 | +158951 | +67% |
| | Зан | 74 539 | 34675 | +39864 | +2,1 маротиб |
| 3 | Федератсияи Русия | 452 005 | 269286 | +182719 | +68% |
| 4 | Қазоқистон | 13 379 | 7379 | +6000 | +81% |
| 5 | Бозгашти шаҳрвандон аз хориҷа | 418 989 | 98848 | +320141 | +4,2 маротиб |
| | Мард | 335 498 | 79842 | +255656 | +4,2 маротиб |
| | Зан | 83 491 | 19006 | +64485 | +4,3 маротиб |
| 6 | Бозгашти муҳоҷирони меҳнатӣ ба Ватан | 361 959 | 81216 | +280743 | +4,4 маротиб |
| | Мард | 297 488 | 67123 | +230365 | +4,4 маротиб |
| | Зан | 64 471 | 14093 | +50378 | +4,5 маротиб |
| 7 | Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикисон, ки воридшавиашон ба Федератсияи Русия ман карда шудааст | 167 825 | 271480 | -103655 | -38 % |
| 8 | Муроҷиати шаҳрвандон ба Хадамоти муҳоҷират | 28 324 | 29854 | -1530 | -5 % |
| 9 | Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикисон, ки воридшавиашон ба Федератсияи Русия манъ карда шудааст ба Хадамоти муҳоҷира муроҷиат кардаанд | 7 198 | 8574 | -1376 | -16 % |
| 10 | Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикисон, ки аз нуқтаҳои сарҳадии Федератсияи Русия бозпас гардонида шудаанд | 156 | 189 | -33 | -17 % |
| 11 | Вохуриҳои гузаронида шуда: | 1 473 | 2248 | -775 | -34% |
| | Иштирок доштанд: | 108 796 | 198581 | -89785 | -45 % |
| | мард | 80 470 | 142900 | -62430 | -43 % |
| | зан | 28 326 | 55681 | -27355 | -49 % |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 12 | Шумораи шаҳрвандони фавтида дар хориҷ кишвар | 773 | 745 | +30 | +4% |
| | бемори | 519 | 526 | -7 | -1,3 % |
| 13 | Протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нисбати шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳури Тоҷикисон | 36 | 153 | -117 | -76 % |
| 14 | Шаҳрвандони хориҷие, ки аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикисон берун карда шудаанд | - | - | - | - |
| 15 | Миқдори литцензиядодашуда ба субъектҳо хоҷагидор оид ба интиқоли қувваи корӣ | 11 | 10 | +1 | +,01 % |
| 16 | Миқдори литцензия додашуда ба субъектҳои хоҷагидор оид ба ҷалби қувваи корӣ | 268 | 302 | -34 | -11 % |
| 17 | Шумораи бокортаъминкунии шаҳрвандоне ки воридшавиашон ба Федератсияи Русия манъшудааст, аз ҷумла:<br>- тариқи Агентии меҳнат | 312 | 461 | -149 | -32 % |
| | -ширкатҳои хориҷӣ | 28018 | 18118 | +9900 | +55 % |
| | **ҳамагӣ** | **28330** | **18579** | **+9751** | **+52%** |
| 18 | Шумораи шаҳрвандони хориҷӣ, ки бо иҷозат барои кор дар Ҷумҳурии Тоҷикисон фаъолият мекунанд. | **4022** | 3749 | +273 | +7 % |

**Манбаъ:** Раёсати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе 2022.

Аммо новобаста аз ҷиҳатҳои манфии муҳоҷироти меҳнатӣ чунин ба хулоса омадан мумкин аст, ки бо назардошти ақидаҳои дар боло зикр гардида ва бо вуҷуди ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатӣ бояд чорабиниҳои зерин андешида шаванд:

-пешбинӣ кардани сатҳи баланди маълумотнокии иқтидори меҳнатии муҳоҷирон чи дар доираи инкишофи тахассус ва чи дар доираи худогоҳии ҳуқуқии онҳо, барои ҳалли ин масъала ташкил намудани курсҳои кӯтоҳмуддати 3-4 моҳи тайёркунӣ ва омӯзиши тахассуси бекорону муҳоҷирони меҳнатӣ бо ихтисосҳои гуногун, ки талабот ба онҳо чи дар ҷумҳурӣ ва чи берун аз он зиёд аст;

- бо вуҷуди амал намудани курсҳои махсуси касбомӯзии калонсолон дар заминаи муассисаҳои таълими Маркази шуғли аҳолӣ, омӯзишгоҳҳои касбҳои техникӣ ва марказҳои давлатии иҷтимоӣ ташкил намудани курсҳои кӯтоҳмуддат ва гузарднидани ҳар гуна озмунҳо, чорабиниҳо ва бозиҳо мувофиқи мақсад аст, барномаҳои чунин курсҳо аз ҷониби

идораи давлатии шуғли аҳолӣ таҳия шуда, Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ бояд тасдиқ намояд;

-бо мақсади болобардории сатҳи иттилоотонии муҳоҷирони меҳнатӣ доир ба масъалаҳои тахассусӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин, ҷалби эътибори ҷомеа ба масъалаҳои мазкур лозим меояд, ки оид ба муаммоҳои муҳоҷирати меҳнатӣ ва бекорӣ буклетҳо ва варақаҳои махсус омода ва аз чоп бароварда шаванд;

-барои кулли муҳоҷирони меҳнатӣ ташкили машғулиятҳои таълимӣ доир ба қоидаҳои рафтори шаҳрвандони хориҷӣ дар давлати қабулкунандаи муҳоҷирон дар асоси қонуни мавҷудбуда "Оид ба вазъи иҷтимоии шаҳрвандони хориҷӣ дар давлати қабулкунандаи муҳоҷирон" ба роҳ монда шавад;

- доир ба масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ бояд байни мутасаддиёни ду мамлакат - Тоҷикистон ва мамлакати қабулкунандаи муҳоҷирон, ба хусус Русия гуфтугузори ҳамаҷониба васеъ баргузор гардад ва марказҳои бақайдгирию машваратии муҳоҷирон зиёд ва сатҳи хизматрасонию фаҳмондадиҳӣ хуб ба роҳ монда шавад. Зеро ҳоло ҳам аксар муҳоҷирони меҳнатӣ ба куҷо мурoҷиат карданро оид ба гирифтани ахборот ҷиҳати аз ҷумҳурӣ ба хориҷ ба кор рафтанро намедонанд.

-ташкили босуботи корҳои иҷтимоии равоншиносӣ бо муҳоҷирони меҳнатӣ бо мақсади нигаҳдории алоқаи онҳо бо оилаи худ ва ғамхорӣ намудан ба аъзоёни оилаи худ хеле муфид аст.

Умуман, ба ақидаи мо, зарур аст, ки барномаю чорабиниҳо барои баланд бардоштани дараҷаи тахассуснокӣ ва дониши ҳуқуқӣ муҳоҷирони меҳнатӣ омода карда шавад, то ки ба онҳо оид ба дарёфти корӣ мувофиқ ва манбаи даромади дилхоҳ кумак расонанд ва дар кам кардани сатҳи камбизоатии муҳоҷирон ҳиссаи назаррас гузоранд.

## 2.2. Проблемаҳои мавҷудаи муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Солҳои охир муҳоҷирати меҳнатӣ ва равандҳои онро метавон гуфт, ба ҳамаи соҳаҳои муҳимми ҳаёти инсоният, ба инкишофи соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии мамлакат таъсири бевосита расонидааст. Дар тадқиқоти худ Бобоҷон, Р.М. қайд мекунад: «Вазъи имрӯзаи иҷтимоию иқтисодӣ ва иҷтимоию сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бе муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони мо ба шаҳрҳо ва минтақаҳои кишоварзию саноатии кишвар ва хориҷ аз кишвар тасаввур кардан мумкин нест. Дар баробари ин, бо дарназардошти вазъи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушкилоти шуғли аҳолии қобили меҳнат, бахусус иқтидори бузурги ҷавонони бекор дар фаъолияти иқтисодӣ ва саҳми арзанда дар рушди Маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар, муҳоҷирати меҳнатӣ бояд ҳамчун ҷузъи асосии раванди рушд ва ҷузъи муҳими Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 баррасӣ шавад»[66]. Дар воқеъ, муаллиф ба таври возеҳ таъкид кардааст, ки вазъи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоию сиёсии кишвари моро бидуни муҳоҷирати меҳнатии берунӣ тасаввур кардан душвор аст, зеро аксари шаҳрвандони кишвар имрӯз бо сабабҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва дигар сабабҳо дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доранд ва дар натиҷа эҳтиёҷоти онҳо ва оилаҳои худро таъмин мекунанд, зеро бо як қатор сабабҳо онҳо дар ватан кори муносиб пайдо карда наметавонанд.

Бояд гуфт, ки имрӯз ҳамагон, бахусус, олимону сиёсатмадорон, рӯзноманигорон ба омӯзиши масъалаҳои муҳоҷират машғуланд. Айни замон ба ин масъала таваҷҷуҳи зарурӣ дода мешавад ва ин аз он сабаб аст, ки ҳамагон хуб медонанд, ки муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ дар рушди ҷомеаи мо саҳми бузурге дорад.

---

[66] Ниг.: Бабаджанов, Р.М.Институциональное оформление миграционных процессов Республики Таджикистан/ Грудовая, Л. миграция в Таджикистане: социальные и экономические аспекты. Материалы международной научной конференции 26 ноября 2010г. - Душанбе, 2010. - С. 61.

Аз маълумоти ҷадвали 2.2.1 бармеояд, шумораи аҳолии Тоҷикистон солҳои 2018-2021-ум 200,385 нафар аз ҳисоби муҳоҷирати бурунмарзӣ афзудааст.

Асосҳои ҳуқуқии иқтиисодӣ ва иҷтимоии равандҳои муҳоҷират ва дигар масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муҳоҷират", ки аз 11 декабри соли 1999 № 881 тасдиқ шудааст муайян ва танзим карда мешаванд[67].

Ҷадвали 2.2.1

**Афзоиши аҳолии Тоҷикистон ва минтақаҳои он** (ба ҳисоби ҳазор нафар)

| № | Минтақаҳо | Шумораи аҳолӣ | | Соли 2021 нисбат ба 2018 бо % | Афзоиши (камшавии) шумораи аҳолӣ, соли 2021 | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2018 | 2021 | | Ҳамагӣ | Афзоиши табиӣ | Афзоиши механикӣ |
| 1 | Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамагӣ: | 8 931,2 | 9 506,3 | 6,05 | 235,1 | 200385 | 34725 |
| 2 | Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон | 223,6 | 231,4 | 3,3 | 4103 | 3456 | 647 |
| 3 | вилояти Суғд | 2 608,5 | 2 753,1 | 5,2 | 55,3 | 48912 | 6395 |
| 4 | вилояти Хатлон | 3 198,9 | 3 425,5 | 9,7 | 97,6 | 83315 | 14353 |
| 5 | шаҳри Душанбе | 831,4 | 880,8 | 5,6 | 20,8 | 14514 | 6295 |
| 6 | Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ | 2 069,2 | 2 215,5 | 6,6 | 57,2 | 50188 | 7035 |

**Манба:** Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон // Демографияи солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. 30 – солагии давлатӣ маҷмӯи оморӣ. – Душанбе, 2021. с. 117.

Ҳукуматдорон, иқтисодшиносон ва олимони соҳаи илми демография хуб медонанд, ки муҳоҷирати меҳнатӣ дар ҳар давру замон буд ва хоҳад монд, зеро он масъалаи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ буда, барои пешрафти ҷомеа ва фаъолияти инсон мусоидат менамояд.

Сабабҳои асосии ҷалби муҳоҷирати берунӣ набудани ҷои кор, паст будани музди меҳнат, сатҳи камбизоатӣ ва номуайянии ин дурнамо ба ҳисоб меравад. Ғайр аз он, қувваи корӣ дар Тоҷикистон аз ҳама арзон буда, кордиҳандагони мамлакатҳои пасошуравиро ҳамаҷониба ва пурра

[67] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муҳоҷират. №881. 11.12.1999.

қонеъ мегардонанд. Ҳамин тавр, хулоса баровардан мумкин аст, ки омилҳои иқтисодии муҳоҷирати меҳнатӣ ба мамлакатҳои собиқ Шуравӣ чунинанд: талабот ба қувваи корӣ, музди меҳнатӣ нисбатан баланд, имконияти пайдо намудани ҳуқуқи гирифтани шаҳрвандии доимӣ, бо ҷои кори доимӣ ва манзил таъмин будан, имконияти гирифтани касб ва баланд бардоштани сатҳи ихтисос мебошад.

Сабаби асосии муҳоҷирати аҳолии Тоҷикистон ба мамлакатҳои хориҷ, пеш аз ҳама, набудани ҷои кор дар Тоҷикистон, сатҳи пасти зисту зиндагонӣ ва музди меҳнат мебошад. Дигар сабаби муҳоҷирати меҳнатӣ паст будани суръати инкишофи иқтисодиёти мамлакат, пурра фаъолият накардани корхонаҳои саноатӣ аст.

Солҳои охир дар дохили баъзе аз мамлакатҳои пасошуравӣ шакли мубодилаи қувваи корӣ ба куллӣ тағйир ёфт. Азбаски вазъи (нисбатан суст будани инкишофи истеҳсолот, паст будани суръати тараққиёт, нарасидани қувваи барқ ва ғайраҳо) пасти иқтисодӣ шаҳрвандони Тоҷикистон минбаъд ҳам муҳоҷирати худро ба Федератсияи Русия ва дигар кишварҳо доир ба дарёфти кор давом медиҳанд. Маҳз Федератсияи Русия имконияти истифодабарии нисбатан зиёди бекоронро дорост, зеро Президенти Федератсияи Русия дар назди Ҳукумат барои солҳои наздик вазифаи дучанд афзунгардонии маҷмуи маҳсулоти дохилиро (ММД) гузошт, ин бошад, бе бунёд намудани ҷойҳои кории нав ва истифодаи муҳоҷирони хориҷӣ ғайри имкон аст. Аз дигар тараф, ҳар як муҳоҷири меҳнатӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағи муайяни пул ворид месозад ва бо ҳамин ҳиссаи худро дар густариши иқтсодиёти мамлакат мегузорад. Ҳамин тавр, зарурат ва муҳим будани муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Тоҷикистон дар Русия маълум аст. Барои ба Федератсияи Русия рафтани садҳо ҳазор шахсони қобили меҳнат аз ҷумҳурӣ имконият медиҳад, ки як қатор муаммоҳои иҷтимоию иқтисодӣ ҳалли худро ёбанд. Бо ҳамин иқдом мо метавонем самаранокии муҳоҷирати меҳнатиро чи дар мамлакати муҳоҷирдиҳанда ва чи муҳоҷир

қабулкунанда таъмин намоем.

Чунин шакли муҳоҷирати меҳнатӣ, ба монанди муташаккилона сафарбар намудани шаҳрвандон (масалан дар мавсими гуногуни сол вақти ҳосилғундорӣ ба минтақаҳои дигар рафтан, ё ки барои идомаи таҳсил ва сафарҳои корӣ), дигар шаклҳои ба кор рафтани коргарон аз ҷумҳурӣ ба Русия ва дигар мамлакатҳои пасошуравӣ, натанҳо шаклан, балки мазмунан тағйир ёфт. Боиси қайд аст, ки ҳиссаи зиёди муҳоҷирон ба мамлакатҳои пасошуравӣ ба таври пинҳонӣ сафар менамоянд.

Аз сабаби паст будани сатҳи саводнокии касбӣ муҳоҷирон ба корҳои муздашон кам ва ба ихтисос эҳтиёҷнадошта ҷалб мешаванд. Ғайр аз ин, сабаби хуб надонистани забон ва қонуну қоидаҳои мамлакате, ки муҳоҷирони меҳнатӣ ворид мешаванд, аз ҷониби намояндагони мақомоти давлатӣ ва шаҳрвандони алоҳидаи он ҳуқуқҳои муҳоҷирон поймол карда мешаванд. Муҳоҷирони меҳнатӣ ба тариқи шартномаи шифоҳӣ бе ҳуҷҷатгузории шартномавӣ ба кор қабул мешаванд. Дар ҳолати расидани осеб ва ё фавт, онҳо ва ё хешовандон наметавонанд, ба нигоҳубин ё ки рӯйпӯшкунии хароҷот, ҳамчунин, таъминоти иҷтимоӣ дар пиронсолӣ умед банданд.

**Диаграмаи 2.2.1**

**Тақсимоти бекорони дар мақомоти шуғли аҳолӣ ба қайд гирифташуда дар минтақаҳои ҷумҳурӣ**




**Манбаъ:** Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2021.

Барои даромад ба Федератсияи Русия рафтани садҳо ҳазор шахсони қобилияти меҳнатидоштаи ҷумҳурӣ имкон медиҳад, ки як қатор муаммоҳои тезутундтарини иҷтимоию иқтисодӣ ҳалли худро ёбанд. Муҳоҷират проблемаи бекориро дар Тоҷикистон сабук гардонида, шиддатнокии муайяни иҷтимоиро дар ҷамъият паст менамояд, имконияти ба даст овардани захираҳои меҳнатиро, ки дар ниҳояти кор ба манфиати иқтисодиёти мамлакат кор мекунад, фаъол мегардонад.

**Ҷадвали 2.2.2**

**Тақсимоти бекорони дар мақомоти шуғли аҳолӣ ба қайд гирифташуда аз рӯйи дараҷаи маълумотнокӣ дар сатҳи вилоятҳо, ш. Душанбе ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ**

(ҳаз. нафар)

| | **1996** | **2000** | **2005** | **2010** | **2015** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ҷумҳурии Тоҷикистон** | | | | | | | | | |
| Шумораи бекорон | 37,5 | 47,7 | 38,8 | 44,5 | 55,5 | 49,7 | 47,5 | 49,0 | 49,9 |
| аз он ҷумла дорои маълумоти: | | | | | | | | | |
| олӣ | 1,1 | 3,8 | 2,2 | 2,8 | 4,2 | 3,5 | 3,4 | 4,0 | 4,0 |
| миёнаи касбӣ | 4,7 | 7,2 | 4,9 | 7,5 | 8,0 | 7,5 | 6,3 | 6,3 | 7,7 |
| ибтидоии касбӣ | 7,7 | 6,9 | 20,0 | 6,1 | 8,8 | 7,9 | 6,8 | 6,9 | 6,6 |
| миёнаи умумӣ | 24,0 | 31,8 | 11,7 | 28,1 | 34,5 | 30,8 | 31,0 | 31,8 | 31,6 |
| **Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон** | | | | | | | | | |
| Шумораи бекорон | 4,4 | 13,8 | 11,0 | 3,5 | 3,3 | 4,9 | 5,1 | 4,5 | 4,7 |
| аз он ҷумла дорои маълумоти: | | | | | | | | | |
| олӣ | 0,1 | 0,5 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,3 | 0,2 | 0,3 | 0,2 |
| миёнаи касбӣ | - | 0,4 | 0,5 | 0,4 | 0,2 | 0,7 | 0,5 | 0,4 | 0,4 |
| ибтидоии касбӣ | 3,3 | 0,8 | 9,1 | 0,3 | 0,7 | 0,8 | 1,1 | 0,9 | 0,9 |
| миёнаи умумӣ | 1,0 | 21,1 | 1,2 | 2,6 | 2,1 | 3,0 | 3,3 | 2,9 | 3,2 |
| **Вилояти Хатлон** | | | | | | | | | |
| Шумораи бекорон | 7,0 | 6,9 | 6,3 | 15,1 | 24,3 | 16,0 | 15,0 | 14,6 | 15,0 |
| аз он ҷумла дорои маълумоти: | | | | | | | | | |
| олӣ | 0,1 | 0,7 | 0,9 | 1,1 | 1,7 | 0,8 | 0,6 | 0,7 | 1,0 |
| миёнаи касбӣ | 0,5 | 1,6 | 1,0 | 2,0 | 3,7 | 1,7 | 1,1 | 1,0 | 1,6 |
| ибтидоии касбӣ | 0,9 | 1,8 | 3,3 | 1,4 | 3,1 | 1,2 | 0,9 | 0,8 | 0,8 |
| миёнаи умумӣ | 5,6 | 2,8 | 1,1 | 10,6 | 15,7 | 12,4 | 12,4 | 12,1 | 11,6 |
| **Вилояти Суғд** | | | | | | | | | |
| Шумораи бекорон | 15,3 | 15,1 | 12,6 | 14,3 | 10,9 | 9,7 | 8,1 | 9,8 | 7,9 |
| аз он ҷумла дорои маълумоти: | | | | | | | | | |
| олӣ | 0,6 | 1,7 | 0,7 | 0,8 | 0,8 | 1,1 | 1,1 | 1,3 | 0,8 |
| миёнаи касбӣ | 2,3 | 3,1 | 2,6 | 2,9 | 1,7 | 1,7 | 1,0 | 1,5 | 1,4 |
| ибтидоии касбӣ | 1,2 | 2,0 | 3,7 | 2,5 | 2,0 | 1,4 | 0,9 | 1,3 | 0,8 |
| миёнаи умумӣ | 11,2 | 8,3 | 5,6 | 8,1 | ,3 | 5,5 | 5,1 | 4,8 | 4,9 |
| **шаҳри Душанбе** | | | | | | | | | |
| Шумораи бекорон | 0,5 | 0,8 | 1,8 | 2,4 | 2,5 | 2,5 | 2,7 | 3,3 | 4,9 |
| аз он ҷумла дорои маълумоти: | | | | | | | | | |
| олӣ | 0,1 | 0,2 | 0,2 | 0,1 | 0,09 | 0,2 | 0,2 | 0,02 | 0,2 |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| миёнаи касбӣ | 0,3 | 0,1 | 0,3 | 0,5 | 0,005 | 0,02 | 0,01 | 0,01 | 0,3 |
| ибтидоии касбӣ | - | 0,2 | 0,5 | 0,06 | - | 0,2 | 0,2 | 0,09 | 0,3 |
| миёнаи умумӣ | 0,1 | 0,3 | 0,8 | 1,7 | 2,4 | 2,1 | 2,4 | 3,2 | 4,1 |
| **Ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ** | | | | | | | | | |
| Шумораи бекорон | 10,2 | 13,1 | 7,1 | 9,2 | 14,5 | 16,6 | 16,6 | 17,6 | 17,5 |
| аз он ҷумла дорои маълумоти: | | | | | | | | | |
| олӣ | 0,2 | 0,8 | 0,2 | 0,6 | 1,4 | 1,2 | 1,4 | 1,7 | 1,7 |
| миёнаи касбӣ | 1,6 | 2,0 | 0,5 | 1,7 | 2,4 | 3,4 | 3,7 | 3,3 | 4,0 |
| ибтидоии касбӣ | 2,3 | 2,1 | 3,4 | 1,8 | 2,9 | 4,2 | 3,8 | 3,8 | 3,9 |
| миёнаи умумӣ | 6,1 | 8,2 | 3,0 | 5,1 | 7,9 | 7,9 | 7,8 | 8,8 | 7,9 |

**Манба:** Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон // Демографияи солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. 30 – солагии давлатӣ маҷмӯи оморӣ. – Душанбе, 2021. с. 309.

Ҳамин тавр, дар вазъияти кунунии рушди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳоҷирати меҳнатӣ ва муҳоҷирати таълимӣ аҳамияти бузург дорад ва таъсири он дар бозори меҳнат дар мамлакат оид ба баргузории бозори миллӣ ва ҷараёнҳои онҳо ҳаҷми истеҳсолоти саноати рақобатпазир, маблағгузории тамоми субъектҳои хоҷагидорӣ хеле зиёд аст[68].

Айни замон аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Федератсияи Русия рафтани муҳоҷирони меҳнатӣ аз оқбатҳои манфӣ низ холӣ нест.

Аммо новобаста аз ҷиҳатҳои манфии муҳоҷирати меҳнатӣ, чунин ба хулоса омадан мумкин аст, ки солҳои наздик муҳоҷирони беруна бо назардошти ақидаҳои дар боло зикргашта ва бо мақсади ҳифзи иҷтимоию ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатӣ бояд чораҳои зарури андешида шаванд.

Умуман, ба ақидаи мо, зарур аст, ки барнома ё лоиҳаи баланд бардоштани дараҷаи тахассусӣ ва дониши ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатӣ омода карда шавад, то ки ба онҳо оид ба дарёфти корӣ мувофиқ ва манбаи даромади дилхоҳ кумак расонад, дар паст гардонидани сатҳи камбизоатии муҳоҷирон ҳиссаи назаррас гузорад.

Вазъияти иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва сиёсии солҳои 90-уми асри гузашта имконияти тағйироти куллӣ оид ба муҳоҷирати аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро овард. Ҷараёнҳои муҳоҷирати Ҷумҳурии Тоҷикистон

[68] Ниг.: https://www.ozodi.org/a/2939444.html. 2018.

тамоми намудҳои ҳаракати муҳоҷиратро дар бар мегиранд. Дар солҳои охир хусусиятҳои асосии иҷимоии иқтисодӣ вазъияти муҳоҷиратро барзиёдии қувваи корӣ ва муҳоҷирати зиёди аҳолиро фарогир аст.

**Диаграмаи 2.2.2**

**Тақсимоти бекорони дар мақомоти шуғли аҳолӣ ба қайд гирифташуда, аз рӯйи дараҷаи маълумотнокӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ дар соли 2021**




**Манба:** Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021.

Омилҳои ба афзоиши иқтидори захираҳои меҳнатии кишвар таъсиркунанда гуногунанд. Агар бо мақсади муайянсозии таъсири ин омилҳо кӯшиш ба харҷ диҳем, он гоҳ, чунин омилҳо, аз қабили демографӣ, илмӣ-истеҳсолӣ бо истифода аз механизмҳои муносибатҳои бозор ва иҷтимоиро ҷудо кардан мумкин аст.

Ба гурӯҳҳои охирин маҷмуи шароити кор дар истеҳсолот, бехатарии меҳнат, ҳифзи саломатӣ, хизматрасонии маданию маишӣ, афзоиши дараҷаи тахассус, беҳтаршавии шароити зист ва ғайра дохил мешаванд. Нишондиҳандаҳои умумии иқтидори меҳнат дар навбати аввал аз шумораи аҳолӣ, таркиби ҷинсу синну соли он, шароити амалигардонии қувваи кор вобастагӣ дорад.

Ҷадвали 2.2.3

**Нишондиҳандаҳои асосии демографӣ**

| | 1991 | 1995 | 2000 | 2005 | 2010 | 2015 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи аҳолии доим дар охири сол, ҳазор нафар | 5361,0 | 5633,8 | 6126,7 | 6718,9 | 7565,0 | 8352,0 | 8931,2 | 9126,6 | 9313,8 | 9506,3 |
| аз ҷумла: | | | | | | | | | | |
| шаҳрӣ - | 1676,6 | 1582,4 | 1624,9 | 1780,2 | 2005,0 | 2215,5 | 2354,2 | 2396,8 | 2438,9 | 2501,8 |
| деҳотӣ - | 3684,4 | 4051,4 | 4501,8 | 4938,7 | 5560,0 | 6136,5 | 6577,0 | 6729,8 | 6874,9 | 7004,5 |
| шумораи истиқомат-кунандаҳо дар 1 км² | 38,6 | 39,8 | 43,7 | 48,0 | 53,4 | 59 | 63,1 | 64,5 | 65,8 | 67,2 |
| Шумораи умумӣ - аҳолӣ дар синну сол, ҳаз: | | | | | | | | | | |
| синни аз қобили меҳна хурд[1] | 2324,4 | 2481,9 | 2617,9 | 2591,8 | 2635,1 | 2892,1 | 3063,5 | 3129,8 | 3190,9 | 3257,9 |
| қобили меҳнат[1] | 2627,2 | 2747,7 | 3183,9 | 3791,5 | 4509,9 | 5046,1 | 5379,9 | 5473,9 | 5567,3 | 5664,2 |
| аз синни қобили меҳна калонтар | 409,2 | 396,5 | 326,6 | 335,5 | 384,6 | 431,9 | 487,8 | 522,7 | 555,4 | 584,1 |
| ҷавонони синни 14-30 сола | 839,3 | 858,1 | 960,3 | 1126,2 | 2644,4 | 2851,4 | 2877,6 | 2106,0 | 2877,5 | 2879,2 |
| Дарозумрии эҳтимолӣ дар лаҳзаи таваллуд (миқдори сол) | | | | | | | | | | |
| тамоми аҳолӣ | 70,1 | 66,1 | 68,2 | 70,6 | 72,5 | 72,5 | 72,8 | 73,4 | 73,4 | 73,6 |
| мардон | 67,3 | 63,5 | 66,2 | 68,1 | 70,8 | 70,9 | 71,1 | 71,6 | 71,6 | 71,8 |
| занон | 72,9 | 68,9 | 70,3 | 73,2 | 74,4 | 74,1 | 74,6 | 75,3 | 75,4 | 75,6 |
| ба 1000 нафар аҳолӣ | | | | | | | | | | |
| Шумораи таваллуд-шудагон[2] | 39,1 | 34,1 | 27,0 | 26,4 | 31,7 | 28,1 | 25,4 | 25,6 | 2,4 | 25,8 |
| Шумораи фавтидагон | 6,1 | 6,0 | 4,7 | 4,6 | 4,4 | 4,0 | 3,9 | 3,6 | 3,6 | 4,5 |
| Афзоиши табиии аҳолӣ | 33,0 | 28,0 | 22,3 | 21,8 | 27,3 | 24,1 | 21,7 | 22,0 | 21,8 | 21,3 |
| Никоҳ | 10,3 | 5,7 | 4,3 | 7,6 | 13,2 | 9,1 | 8,9 | 9,2 | 8,6 | 7,1 |
| Талоқ | 1,4 | 0,8 | 0,4 | 0,4 | 0,8 | 1,0 | 1,1 | 1,2 | 1,3 | 1,1 |
| Афзоиши аҳолии кӯчидаомада (+) кӯчид рафта (-) | -4,8 | -6,7 | 2,2 | -1,4 | -0,9 | -6,4 | -4,6 | -3,2 | -14,3 | ---- |

**Манба:** Демографияи солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. // Агентии омори назди президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 30 – солагии давлатӣ маҷмӯи оморӣ. – Душанбе, 2021. с. 32-34.

Бояд қайд кард, ки мутобиқи омори демографӣ дар солҳои минбаъда дар таркиби синнусоли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироти назаррас ба вуҷуд намеояд. Тамоили бозтавлиди аҳолӣ метавонад, ба таркиби синнусоли он чунин таъсир расонад:

- ҳиссаи аҳолии қобили меҳнат, аз ҷумлаи ҷавонон афзоиши зиёди аҳолии синнусоли қобили меҳнат дар назар аст;

- ҳиссаи аҳолии қобили меҳмат афзояд ҳам, бо ҷараёни суст ба амал меояд, интизор бояд шуд, ки ҳиссаи гурӯҳҳои синнусолашон калон меафзояд[69].

Дар шароити ҳозира, ки суръати инкишофи иқтисодиёт нисбатан суст аст, ба таври шиддатнок афзоиш ёфтани захираҳои меҳнатӣ вазъиятро дар бозори меҳнат хеле мураккаб гардонидааст.

Самаранокии муҳоҷират таносуби афзоиши муҳоҷират (муҳоҷирати холис) ва шумораи умумии муҳоҷирон (ҷамъи муҳоҷират) мебошад, ки солҳои тулони нишондиҳандаҳои сину сол тағйир ёфтааст:

1) солҳои 1991-1994 синну соли аз қобили меҳнат ҷавонтар аз 0 то 15- сола, синну соли қобили меҳнатӣ мардони 16- 59- сола, занони 16-54- сола, синну соли аз қобили меҳнат калон - мардони 63 - сола ва калонтар, занони 58- сола ва калонтар аз он;

- солҳои 1995-2001 синну соли аз қобили меҳнат ҷавонтар 0-14- сола, синну соли қобили меҳнат - мардони 15- 59- сола, занони 15-54- сола, синну соли аз қобили меҳнат калон - мардони 60 - сола ва калонтар, занони 55 сола ва калонтар;

- соли 2002 синну соли аз қобили меҳнат ҷавонтар 0-14- сола, синну соли қобили меҳнат - мардони 15- 60- сола, занони 15-55- сола, синну соли аз қобили меҳнат калон - мардони 61 - сола ва калонтар, занони 56- сола ва калонтар;

- соли 2003 синну соли аз қобили меҳнат ҷавонтар - 0-14- сола, синну соли қобили меҳнат - мардони 15- 61 сола, занони 15-56 сола, синну соли аз қобили меҳнат калон - мардони 62 - сола ва калонтар, занони 57 сола ва калонтар;

- солҳои 2004-2005 синну соли аз қобили меҳнат ҷавонтар - 0-14- сола, синну соли қобили меҳнат - мардони 15- 63- сола, занони 16-58- сола, синну соли аз қобили меҳнат калон - мардони 63 - сола ва калонтар, занони 58- сола ва калонтар қабул шуда буд.

---

[69] Ниг.: https://www.ozodi.org/a/2939444.html.2018.

2) - маълумоти ислоҳшуда бо назардошти маълумотҳои ба ҳисоботҳои Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Чумҳурии Тоҷикистон дохил нашуда мебошад.

Дар ояндаи дур оид ба фишоровари демографии вобасташудагон (иждивенцы) ба шаҳрвандони қобили меҳнат, аз ҷумлаи ҷавонон (синни то 16-сола) ва аҳолии калонсон (синну соли нафақаи калон) суст мешавад. Мувофиқи пешгӯиҳо то соли 2025 шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол соле то ба 2-3% афзоиш меёбад.

Солҳои 2012-2014 вазъият дар бозори меҳати дохилӣ тағйир ёфт. Шумораи нафақахӯрон аз афзоиши шаҳрвандони қобили меҳнат ба маротиб зиёд гардида, суръати афзунгардии фаъолнокии аҳолӣ тамоили сустшавӣ дорад.

Боиси қаноатмандист, ки дар ҳуҷатҳои барномавии мамлакат ба монанди Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои даври то соли 2030, Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некуаҳолии аҳолии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015, Стратегияи рушди бозори меҳнатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 ва барномаҳои марҳилавии давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ вазифаҳои мақомоти татбиққунандаи сиёсати шуғли аҳолӣ воқеъбинона муайян гардида, роҳу усулҳои иҷрои онҳо бо назардошти махсусиятҳои минтақаҳо ва соҳаҳои иқтисодӣ нишон дода шудаанд.

Дар аввалҳои соли 2021 ба мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ 103,5 ҳазор нафар шаҳрвандон мурожиат намуданд, ки 49969 нафари онҳо ҳамчун бекор ба қайд гирифта шуда, ба 13436 нафар расман мақоми бекорӣ дода шуд. Тавассути татбиқи чорабиниҳои Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар маҷмуъ 9518 нафар шаҳрвандони бекор бо ҷойҳои корӣ таъмин гардиданд. Аз ҷумла, ба воситаи ҷойҳои кории бандшуда (квота)

750 нафар ва тавассути ташкили корҳои фардӣ 904 нафар соҳиби ҷойи кор шуданд[70].

Дар асоси 71 шартномаи тарафайн бо корхонаву ташкилотҳо 1740 нафар ба корҳои ҷамъиятӣ ва 5789 нафар аз ҳисоби маблағҳои буҷети барнома дар марказҳои таълими касбии мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ ба омӯзиши касбӣ фаро гирифта шуданд. Аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо дар ҷумҳурӣ дар ин муддат 47605 ҷойҳои кории нав таъсис дода шудааст. Бо мақсади мусоидат барои дарёфти ҷойи кори муносиб ба шаҳрвандон аз ҷониби мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ин давра 159 ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ ва вазифаҳои озод гузаронида шуда, 1200 нафар корҷӯй соҳиби ҷойи кор гардида, ба 1476 нафар роҳхат барои касбомӯзӣ дода шуда, 461 нафар ба иҷрои корҳои ҷамъиятии музднок сафарбар гардида, бо 6457 нафар шаҳрвандон хизматрасонии касбӣ расонида шуд. Бевосита тавассути ташкил ва баргузории ярмаркаҳои ҷойҳои кории холӣ ва вазифаҳои озод 3137 нафар шаҳрвандони бекор ва корҷӯй ба намудҳои гуногуни шуғл ҷалб карда шуданд.

Тибқи Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020 дар миқёси ҷумҳурӣ таъсиси 9416 адад ҷойҳои корӣ пешбинӣ шуда, тибқи ҳисоботҳои Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар аввали соли 2021 дар ҷумҳурӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо корхонаҳои нави саноатӣ бо таъсиси беш аз 5 ҳазор адад ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шуд, ки 63,4 фоизи нақшаи барномаро ташкил медиҳад ва барои татбиқи яке аз ҳадафҳои стратегӣ – саноатикунанонии босуръати мамлакат чораҳои муассир андешиад шавад, аз ҷумла ба ВМКБ – 531 ҷой, вилояти Хатлон – 1138, Суғд – 2445, шаҳри Душанбе – 705 ва НТҶ – 511 ҷойҳои нави корӣ рост меояд[71].

---

[70] Ниг.: Агентии омори назди президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бозори меҳнат дар Ҷумҳури Тоҷикистон: 30 солагии истиқлолияти давлатӣ маҷмӯаи оморӣ. Душанбе 2021. с. 532.
[71] Ниг.: https://go.search_images?fr=ps&gp=frm=web#urlhash=4887275793866 (05.09.2022).

Вобаста ба соҳаҳои иқтисодиёт соли 2021 дар соҳаҳои сохтмон – 4808, саноат – 1526, кишоварзӣ – 15809, нақлиёт ва алоқа – 761, савдо, хӯроки умумӣ ва таъминоти моддию техникӣ – 13166, дигар соҳаҳо – 8754 ва соҳаҳои ғайриистеҳсолӣ 2781 ҷойи корӣ таъсис ёфт.

Ҳамзамон, дар ин росто қайд намудан зарур аст, ки яке аз масъалаи хеле муҳим ин муайянсозии хусусияти ҷойҳои кории таъсисшаванда мебошад. Аз таҳлилҳо бармеояд, ки аз ҷойҳои кории дар соли 2021 таъсисдодашуда 18329 адад (38,5%) ҷойи кории доимӣ, 16928 адад (35,6%) ҷойи кории муваққатӣ ва 12348 адад (25,9%) ҷойи кории мавсимиро ташкил медиҳанд.

Аз ҷониби вазорат тавассути мақомоти Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар самти дастгирии шаҳрвандони бекор бо мақсади таъин ва пардохти қарзҳои имтиёзнок ба 904 нафар шаҳрвандон 2,9 миллион сомонӣ ё худ ба ҳар як шаҳрванд ба андозаи 80,9 нишондиҳанда барои ҳисобҳо маблағ дода шуд, ки он дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта  52 нафар зиёд буда, нисбати дурнамои барнома 27,4 фоизро ташкил медиҳад.

Таҳлили раванди дастгирии молиявии шаҳрвандони бекор нишон медиҳад, ки 48,0 % ба фаъолияти истеҳсолӣ, 34,0 % ба фаъолияти тиҷоратӣ ва 18,0 % ба фаъолияти хизматрасонӣ ба аҳолӣ машғул мебошанд.

Дар соли 2021 ба занони соҳибкор ва ҷавонон диққати ҷиддӣ дода шуда, ба 507 нафар занону духтарони бекор дар ҳаӣми 1,6 миллион сомонӣ ва ба 338 нафар ҷавонони бекор барои рушди соҳаҳои гуногуни соҳибкорӣ ба андозаи 1,9 миллион сомонӣ кумаки молиявӣ пардохт гардид, ки дар таносуб ба ҳамин давраи соли гузашта аз ҳисоби занон 24 нафар ва аз ҳисоби ҷавонон 18 нафар зиёд буда, мутаносибан ҳаҷми

кумаки молиявии дар ин давра додашуда аз ҷониби шаҳрвандон 2,7 миллион сомонӣ қарзҳои имтиёзнок баргардонида шуд[72].

Аа сабаби зиёд ба хориҷ, пеш аз ҳама ба Федератсияи Русия ва Қазоқистон муҳоҷират кардани аҳолӣ барои меҳнат ва таълим, шумораи захираҳои меҳнатии мамлакат кам мегардад. Манбаи асосии ташаккулёбии нерӯи кор дар шаҳру ноҳияҳо ва минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон афзоиши табиӣ ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, зарур аст, аҳолӣ ҳамчун сарват ва нерӯи бузург, ки асоси пешрафт ва тараққиёти мамлакат ба ҳисоб меравад, ҳифз карда шавад.

Баланд бардоштани сифати захираҳои меҳнатӣ, ки нишонаи он дар шароити пешрафти илму техника афзун гардидани дараҷаи маълумот ва ихтисоси кормандон ба ҳисоб меравад, заминаи мутобиқшавии инсон ба шароити меҳнат мебошад. Дараҷаи баланди маърифат ва маданияти аҳолӣ, баланд шудани сатҳи интизоми меҳнат, пуршиддат меҳнат карда тавонистан омилҳои муҳими баландбардории маҳсулнокии меҳнат ба ҳисоб мераванд.

Шуғли аҳолӣ ба бозори меҳнат аз рӯи ҷалби коргарон ва сафи бекорон муайян мегардад, ки дар давраи муосир яке аз омилҳои ба он таъсиркунанда ҳавасмандӣ мебошад. Мутобиқи маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи вазъи иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ ва минтақаҳо дар моҳҳои январ-марти сали 2020" маълум гардид, ки шумораи кормандони дар рӯйхатбудаи кироякор (ғайр аз шахсони дар хоҷагиҳои ёрирасон ва деҳқони машғулбуда ва шахсони бо фаъолияти мустақилонаи касбӣ машғулбуда) моҳҳои январ - феврали соли 2020 дар ҷумҳури 1214,2 ҳазор нафар, вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 24,1 ҳазор нафар, вилояти Хатлон 476,0 ҳазор нафар, вилояти Суғд 432,4 ҳазор нафар, шаҳри Душанбе 169,3 ҳазор нафар, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 112,3 ҳазор

[72] Ниг.: http://www.mehnat.tj/mehnat/?p=588 BY MEHNAT · 23/10/2022.

нафарро ташкил медиҳад[73].

Шумораи бекорони расман ба қайд гирифташуда дар ин давра дар ҷумҳурӣ 52313 ҳазор нафар, вилояти Суғд 9877 ҳазор нафар, вилояти Хатлон 17459 ҳазор нафар, ВМКБ 4903 ҳазор нафар, ш. Душанбе 3291 ҳазор нафар ва НТҶ 16783 ҳазор нафарро ташкил медиҳад, аз ҷумла 47,3 фоизашро занҳо ташкил додаанд.

Музди миёнаи моҳонаи номиналии (ҳисобшуда) як коргар дар як моҳ аз аввали соли 2021 дар ҷумҳурӣ 1393,78 сомонӣ, ВМКБ 1347,36 сомонӣ, вилояти Суғд 1236,26 сомонӣ, вилояти Хатлон 1053,78 сомонӣ, ш. Душанбе 2080,81 сомонӣ, НТҶ 1192,85 сомониро ташкил медиҳад ва нисбат ба ҳамин даври соли 2019-ум 23,9 % афзудааст[74].

Тибқи маълумотҳои оморӣ муайян гардид, ки аҳолии минтақаҳои ҷумҳурӣ бо роҳи гуногун барои дарёфти ҷои кор ва ба даст овардани музди баланд ба муҳоҷират рӯ меоранд.

Диаграмаи 2.2.3




**Манбаъ:** Агентии омори назди президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Демографияи солонаи Ҷумҳури Тоҷикистон. 30 солагии давлатӣ маҷмӯи оморӣ. – Душанбе 2021.

---

[73] Ниг.: Агентии омори назди президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Демографияи солонаи Ҷумҳури Тоҷикистон. 30 солагии давлатӣ маҷмӯи оморӣ. Душанбе 2021, саҳ. 432.

[74] Ниг.: Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30 – солагии истиқлолияти давлатӣ. Маҷмӯаи оморӣ, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2021, саҳ. 379.

Дар бозори меҳнат бо кор машғул будани аҳолӣ яке аз муаммоҳои давраи муосир ба ҳисоб меравад. Шумораи аҳолии фаъоли иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ (аҳолии машғули кор ва бекорони расман ба қайд гирифташуда) аз рӯи маълумотҳои моҳи феврали соли 2018-ум 404,5 ҳазор нафарро ташкил медиҳад ва 9877 нафар расман мақоми бекорро гирифтаанд, ки 1,2 % аҳолии дар иқтисодиёт фаъолро ташкил медиҳанд. Аз шумораи умумии аҳолии бо кор машғул шумораи дар рӯйхатбудаи кироякорон дар корхонаҳои ҳамаи шаклҳои моликият моҳи феврали соли 2018-ум 40,2 ҳазор нафар ё 72,6 %-и шумораи умумии аҳолии машғулро ташкил додааст. Шумораи дар рӯйхатбудаи кормандони кироя нисбати 1-уми январи соли 2016-ум 570 нафар кам шуд. Шумораи кормандони кироя дар намудҳои фаъолияти иқтисодии бахши воқеи моҳи феврали соли 2018-ум 25 нафар кам шуд[75].

Дар шуғли аҳолӣ музди кор мавқеи асосиро мебозад, ки дар тамоми кишвар нуфузи зиёдшавиро дорад. Маълумоти оморӣ оид ба музди кор дар шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд чунин аст: музди миёнаи ҳармоҳаи номиналии кор, ки ба кормандони кироя пардохта шуд, моҳи феврали соли 2018-ум ба андозаи 1010,28 сомонӣ буд ва нисбат ба моҳи феврали соли 2016-ум музди кор 5,1 % афзудааст. Фарқияти музди кор дар бахши воқеии намудҳои фаъолияти иқтисодӣ моҳи феврали соли 2018 ҳаққи меҳнатӣ кормандони кишоварзӣ аз ҳама кам - 393,76 сомониро ташкил дод; музди корӣ аз ҳама баланд дар нерӯи барқ, газ ва таъминоти об 885,29 сомонӣ, сохтмон 1055,74 сомонӣ буд.

Умуман, дар бахши воқеи фаъолияти иқтисодии музди миёнаи ҳармоҳаи ҳисобкардашудаи кор моҳи феврали соли 2018-ум 791,68 сомониро ташкил дод, ки нисбат ба моҳи феврали соли 2015-ум 22,8 % афзуд. Дар бахши хизматрасонии намудҳои фаъолияти иқтисодӣ музди миёнаи корӣ кормандони фаъолияти молиявӣ аз ҳама зиёд аст, моҳи

---

[75] Ниг.: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Маълумот оиди шумораи бақайдгирии тавалудшудагон, фавтидагон, никоҳ, бекоркардани никоҳ ва муҳоҷирати аҳолӣ дар соли 2018) саҳ. 45.

феврали соли 2018 ум музди миёнаи корӣ онҳо 1902,83 сомониро ташкил дод.

Умуман, музди миёнаи ҳармоҳаи кори кормандони бахши хидматрасонии намудҳои фаъолияти иқисодӣ моҳи феврали соли 2018-ум 868,20 сомониро ташкил дода, нисбат ба моҳи феврали соли 2017 21,7 % зиёд шудааст[76].

Дар мавриди ҳаллу фасли саривақтии масъалаи бо шуғли доимӣ ва муносиб фаро гирифтани шаҳрвандони бекору корҷӯ таъкиди як нуқтаи муҳимро ба мақсад мувофиқ медонем. Гап сари он меравад, ки бартарафсозии мушкилоти шуғли аҳолӣ ва батадриҷ, паст намудани сатҳи бекорӣ вазифаи танҳо Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ набуда, фаъолияти дастҷамъона, мақсаднок ва мунтазами тамоми вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳаллии вилоятҳо шаҳрҳо, ноҳияҳо ва мақомоти худидоракунии шаҳру деҳот маҳсуб меёбад.

Роҳи дигари самарабахши бо шуғл фаро гирифтани аҳолии қобили кор таъмини ширкати фаъолона ва мунтазами бахши хусусӣ дар ин раванд аст, зеро бахши хусусӣ барои ҳаллу фасли масъалаи бо шуғли муносиб таъмин намудани бекорон ва корҷӯён имкони бештар дорад.

Музди нисбатан баланди кор, истифода аз таҷҳизоти муосир ва тибқи талаботи бозор роҳандозӣ гардидани фаъолият коргаронро ҷолиб гардонидаанд.

Муҳоҷират ва рушд – ҳадаф аз идораи муҳоҷират, кумак ба таҳти назорат гирифтан ва тавсияи муҳоҷират барои муҳоҷирон дар ҷомеа мебошад.

Ҳадаф аз мусоидат ба муҳоҷират пуштибонӣ ва афзоиши қобилияти кории коргарон, мутахассисон, донишҷӯён, коромӯзон, ҷиҳати самаранок ҷо ба ҷо кардан дар миёни кишварҳо мебошад.

---

[76] Ниг.: Тоҷикистон дар рақамҳо Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 2019. с. 48.

Ҳадаф аз танзим додан ба муҳоҷират кӯмак ба давлат ва ҷомеа дар шинохти шахсоне мебошад, ки қасди даромад ба қаламрави давлатро дошта, ба даромади гурӯҳе, ки иҷозати дохилшавӣ надоранд монеъ мешаванд.

Ҳадаф аз идораи муҳоҷирати иҷборӣ кумак ба ашхосе, ки дар вақти низоъҳои сиёсӣ, воқеаҳои хатарнок ҷиҳати фирор аз кишвар ва бозгашти онҳо ба кишвари худ мебошад. Гуреза ва паноҳҷӯён аз «афроде, ки дар ҳоли ҷо ба ҷо гузорӣ мебошанд», ва ба таваҷҷуҳи хос ниёз доранд.

Фаъолиятҳои миёни бахше, ки марбут ба чаҳор соҳаи ин идораи модел дохил мешавад;

- ҳамкориҳои соҳавӣ ва мустаҳкамкунии қадр ва ҳимояи ҳуқуқи муҳоҷирон;
- рушди ҳуқуқи байналмилалии муҳоҷират;
- мусоҳиба ва пешниҳод оид ба мусоидати муҳоҷират;
- ҳамкориҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ;
- ҷинсияти муҳоҷират;
- интегратсия ва реинтегратсия.

Дар сиёсати байналмилалӣ оид ба муҳоҷират давлатҳо барои ба танзим овардани масъалаҳои муҳоҷират сиёсатҳоеро пеш мебаранд, ки дар мадди аввал манфиатҳои миллӣ ва бехатарии давлат гузошта мешавад. Мутобиқи нуқтаи назари аксарияти муҳаққиқон, чор роҳи сиёсати муҳоҷират вуҷуд дорад: ассимилятсия (ҳамоҳангсозӣ), интегратсия (ҳамгироӣ), сегрегатсия (ҷудосозӣ) ва мултикултурализм (кафолати шартии ҳифзи фарҳанги миллии муҳоҷирон).

Ҳамоҳангсозӣ (ассимилятсия), - равише, ки дар он гурӯҳи ақаллият, одоб ва расму одати як фарҳанги ғолибро касб мекунад.

Дар замони ҷорӣ усули ҳамоҳангсозии (ассимилятсия) муҳоҷирон он қадар ҳам муассир нест, чунки аксарияти муҳоҷирон хоҳиши даст кашидан аз арзишҳо ва фарҳанги миллии худро надоранд. Бо вуҷуди ин,

дар Фаронса ва бархе аз кишварҳои мутараққӣ аз ин усул истифода мебаранд.

Ҳамгироӣ (интегратсия) - як шакли нисбатан одилонаи мутобиқат мебошад, ки мутобиқшавии дуҷонибаро тақозо мекунад. Ин усул имкон медиҳад, ки унсурҳои мусбат ва ҷавҳарии фарҳанги миллии муҳоҷирон дар раванди мутобиқшавии онҳо ба муҳити нави фарҳангӣ маҳфуз монанд.

Ҷудосозӣ (сегрегатсия)- равише, ки дар он мардум, нажодҳо, табақот ва ақвоми мухталиф аз якдигар ҷудо мешаванд, дар дигаргуниҳои ҷудоисозӣ муҳоҷирон бояд ҳадди ақал созгориро бо ҷомеаи ҷадид пайдо кунанд. Системаи арзишҳои фарҳангии ҷомеаи мизбон даст нахурда ва бидуни таъсирпазирӣ боқӣ мемонанд. Ҳузур ва ширкати онҳо дар ҷомеа ва ҳамчунин ҳуқуқи онҳо маҳдуд мешавад.

Гуногунфарҳангӣ (мултикултурализм) – ташвиқ ва ривоҷи фарҳангҳои мутаҳид (ҷуфтшаванда) дар як ҷомеа ба ҷойи як фарҳанги аслии хос. Усули кафолати шартии ҳифзи фарҳанги миллии муҳоҷирон маҳфуз мондани фарҳангӣ миллии муҳоҷиронро ба он шарт кафолат медиҳад, ки агар муҳоҷирон қонунҳои кишвари қабулкунанда ва арзишу манофеи бунёдии онро эҳтиром ва риоя намоянд.

Ҳодисаҳое, ки дар замони ҷорӣ ба вуқуъ омада истодаанд, мисли шиддат ёфтани низоъҳои иҷтимоӣ ва вусъат ёфтани доманаи густариши онҳо, ташаннуҷгароии муҳоҷирон, ошубҳои миллӣ, ҷиноятҳои мудҳиш дар заминаи кинаву адоват, рушди падидаи миллатчигӣ ва комёбии ҳизбҳои миллатгаро дар татбиқи барномаҳои экстремистии алайҳи муҳоҷирон нигаронидашуда ва ғ. шаҳодат медиҳанд, ки ҳар чори ин роҳҳо ё усулҳои бартараф ё пешгирӣ кардани оқибатҳои манфии раванди муҳоҷират гирифтори бухрон мебошанд.

Муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа, пеш аз ҳама бо мақсади сабук намудани вазъи иҷтимоӣ, ки аз бекор мондани аҳолии аз нигоҳи иқтисодӣ фаъол ба миён омадааст, вобаста мебошад.

Аз сабаби мавҷуд набудани манбаъҳои қонунии зиёд кардани даромад ва шароитҳои воқеии иқтисодӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ бо аҳолии таъмин бо кор дар доираи содироти қувваи корӣ ба хориҷа барои ҳалли ин масъала омили муҳим мебошад.

Чи тавре ки маълум аст, меъёрҳои миллии муайянкунии муҳоҷират дар ҳамаи мамлакатҳои ҷаҳон куллан тағйир меёбанд. Ҷараёнҳои муҳоҷирати меҳнатӣ байналхалкӣ бо санадҳои ҳуқуқӣ ва давлатӣ танзим карда мешаванд. Дар асоси ба танзимдарории ин ҷараён ду тамоюли мухталиф вуҷуд дорад.

Ба танзимдарории давлатии содироти қувваи коргарӣ барои ҳимояи ҳуқуқҳои муҳоҷир дар мамлакатҳое, ки қувваи кории хориҷиро мегиранд, инчунин барои ҷавонони талаботи баромадани қувваи корӣ ба хориҷа дошта равона карда шудааст.

Соли 1990 Конвенсия «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқи муҳоҷирон ва аъзои оилаи онҳо» дар сатҳи Созмони Миллалӣ Муттаҳид қабул гардида, соли 2003 аз ҷониби 40 давлатӣ дунё расман эътироф шудааст. Ин давлатҳо ҳама давлатҳои равонкунандаи қувваи кориaнд. Мутассифона то имрӯзҳо баъзе ягон давлатҳои ҷалби қувваи корӣ ин конвенсияи байналмиллалиро ба расмият нашинохтааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо чор давлат шартномаи байнидавлатӣ оид ба муҳоҷирати меҳнатӣ ва ҳифзи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатиро ба имзо расонидааст. Аз ҷумла, бо Федератсияи Русия соли 2004 «Оиди муҳоҷирати меҳнатӣ ва ҳифзӣ ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатӣ шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Русия ва шаҳрвандони Федератсияи Русия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», бо давлати Қазокистон дар соли 2006, Қирғизистон дар соли 2003 ва Ҷумҳурии Белорус дар соли 2011 мебошанд.

Бо якчанд давлатҳои дигар созишномаҳои байниидоравӣ баста шудааст, аз он ҷумла соли 2012 бо вазорати кори давлати Қатар

Хадамоти муҳоҷирати назди ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шартнома оид ба муҳоҷирати меҳнатӣ ба имзо расид.

Тибқи таҳқиқоти нав, аз ҷониби Департаменти иҷтимоии Созмони Милали Муттаҳид (DESA) шумори муҳоҷирони хориҷӣ дар ҷаҳон аз соли 2000 ба 49% афзуда, ҳоло 258 миллион нафарро ташкил медиҳад. Дар бораи тақрибан 3,4 фоизи онҳое, ки дар замин зиндагӣ мекунанд, муҳоҷиратанд, яъне онҳо дар мамлакатҳои таваллуд зиндагӣ намекунанд. Соли 2000, ҳиссаи онҳо 2,8% буд.

Аз манбаъҳои омӯхташуда бармеояд, ки 42% афзоиши аҳолӣ дар Амрикои Шимолӣ (аз соли 2000 то 2015) аз ҳисоби муҳоҷирон мебошанд.

Тақрибан 64% муҳоҷирони корӣ, ё 165 миллион нафар, дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ зиндагӣ мекунанд ва ҳиссаи онҳо афзоиш меёбад: аз 85 миллион нафар, ки аз соли 2000 муҳоҷир шуданд, 64 миллион (75%) ба кишварҳои тараққикарда кӯчиданд.

Аксари муҳоҷирон аз Ҳиндустон буданд: яъне берун аз ҳудуди он 17 миллион нафар зиндагӣ мекунанд. Дар ҷои дуюм Мексика - 13 миллион, ки аз кишвар берун рафтанд. Дар байни кишварҳои пешсаф инчунин Русия, Чин, Бангладеш, Сурия, Покистон ва Украина: шумораи муҳоҷирон аз ҳар як кишвар аз 6 то ба 11 миллион нафар мерасад.

Дар солҳои охири як қатор чорабиниҳою конфронсияҳои байналмилалии муҳоҷират баргузор гардид, ки бояд таҳия ва қабули созишномаҳои ҷаҳонӣ оид ба муҳоҷирати бехатар, муассир ва мунтазами муҳоҷират сурат гирад[77].

Омили асосие, ки дар ташаккули нуқтаи назар ва муносибати феълии аксарияти шаҳрвандони кишварҳои мутараққӣ нисбат ба муҳоҷирон нақши ҳалкунанда мебозад - тафовутҳои фарҳангӣ, нажодӣ ва миллии муҳоҷирон мебошад. Чунин тафовутҳо дар симои муҳоҷирон, феълу рафтор ва муносибати рузмарраи онҳо инъикос ёфта, боиси дар шуури шаҳрвандони кишварҳои мутараққӣ пайдо шудани ҳар гуна

[77] Ниг.: https://yandex.ru/images/search?img (22.10.2022).

тасаввурот мешаванд. Масалан, шаҳрвандони кишварҳои мутараққӣ гумон мекунанд, ки афзоиши шумораи муҳоҷирон ба ҳувияти миллӣ ва ваҳдати миллии онҳо осеб мерасонад.

### 2.3. Омода намудани кадрҳои баландихтисос ва дастгирии иҷтимоии аҳолӣ.

Барои истеҳсолоти замонавӣ мавҷуд будани шумораи умумии қувваи корӣ кам аст. Истеҳсолоти имрӯза ва ояндаи мамлакат афзун гардонии шумораи коргарони баландихтисосе, ки дорои маълумоти умумӣ ва касбианд, талаб менамояд. Пешрафти прогресси илмию техникӣ, махсусан, дар давраи гузариш ба муносибатҳои бозорӣ, новобаста аз шакли моликият, афзунгардии ҳиссаи қиёсии кадрҳои муҳандисӣ-техникиро талаб менамояд.

Литсейҳои касбии техникӣ муассисаи асосӣ доир ба касбомӯзии ибтидоӣ буда, барои аз рӯи тахассус фаъолияти меҳнатӣ намудани аҳолӣ кумак мерасонад. Литсейҳои касбии техникӣ метавонанд, минтақавӣ, соҳавӣ ва байнисоҳавӣ бошанд. Дар литсейҳои асосан барои соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ, бо назардошти талаботи онҳо, мутахассис тайёр карда мешавад.

Дар тамоми муассисаҳою литсейҳои касбӣ – техникӣ бештар аз 29 ҳазор, аз ҷумла наздик ба 9 ҳазор нафар духтарон таҳсил менамоянд ва тайёр кардани коргарон аз рӯи зиёда аз 100 номгӯи касбу ҳунар сурат мегирад. Ба тайёр намудан ва тарбияи хонандагон зиеда аз 3-5 ҳазор кормандони муҳандисӣ-омӯзгорӣ машғуланд. Ҳамасола дар муассисаҳои касбӣ - техникӣ то 15 ҳазор нафар ҷавонон дохил шуда, тақрибан 14 ҳазор нафар хатм менамоянд. Ба ҳисоби миёна 60 фоизи хатмкунандагон дар ташкилотҳо ва корхонаҳои ширкатҳои хусусӣ, корхонаҳои хурд ва хоҷагиҳои деҳқонӣ соҳиби кор мегарданд.

**Ҷадвали 2.3.1**

**Нишондиҳандаи қувваҳои корӣ ва истифоданашуда дар тақсимоти минтақаҳо, ТҚК – 2020** ***(ба ҳисоби миёна дар як сол, ҳаз. нафар)***

| Нишондиҳандаи қувваи корӣ ва истифоданашуда | Шумора нафар | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ҳамагӣ | ВМКБ | Вилояти Суғд | Вилояти Хатлон | Шаҳри Душанбе | НТҶ |
| Аҳолии қобили меҳнат (15-75 сола) | 4103,6 | 154883 | 1708480 | 1934821 | 566079 | 1212094 |
| Қувваи корӣ | 2557,3 | 77022 | 806526 | 780422 | 201408 | 386850 |
| - аҳолии машғул | 2506,2 | 56411 | 760936 | 750100 | 178294 | 350729 |
| - Шуғли нопурра вобаста ба давомнокии вақти корӣ | 34984 | 707 | 5714 | 22940 | 1622 | 4002 |
| - Бекорон | 51 | 20611 | 45590 | 30322 | 23114 | 36121 |
| Шахсони ба ҳайати қувваи корӣ дохил нашуда | 2932076 | 61780 | 734357 | 1013253 | 356541 | 766145 |
| - Қувваи кории эҳтимолӣ | 94985 | 9374 | 8883 | 18206 | 5504 | 53017 |
| **Нишондиҳандаҳо нисбӣ (бо %)** | | | | | | |
| Сатҳи иштироки аҳолии қобили меҳнат дар қувваҳои корӣ | 42,4 | 51,7 | 51,9 | 42,5 | 35,6 | 32,0 |
| Сатҳи шуғлнокии аҳолӣ нисбат ба аҳолии қобили меҳнат | 39,4 | 37,9 | 48,9 | 40,9 | 31,6 | 29,0 |
| Сатҳи бекорӣ | 6,9 | 26,8 | 5,7 | 3,9 | 11,5 | 3,9 |
| Нишондиҳандаҳои омехтаи сатҳи шуғли нопурра нисбат ба давомнокии вақти корӣ ва бекорӣ | 8,5 | 27,7 | 6,4 | 6,8 | 12,3 | 10,4 |
| Нишондиҳандаҳои омехтаи сатҳи бекорӣ ва қувваҳои кории эҳтимолӣ | 12,0 | 53,2 | 7,2 | 6,5 | 16,1 | 25,4 |
| Нишондиҳандаҳои якҷоякардашудаи қувваҳои кории истифоданашуда | 12,7 | 39,8 | 7,5 | 9,2 | 15,0 | 24,1 |

**Манбаъ:** Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон // Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30 – солагии истиқлолияти давлатӣ (маҷмӯаи оморӣ). Душанбе 2021. с. 72.

Дар айни замон дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ 24 адад литсейҳои касбӣ - техникӣ фаъолият доранд. Соли таҳсили 2020 дар ин муассисаҳои талимӣ аз рӯи касбҳои гуногун зиёда аз 23,1 ҳазор нафар ба таълим фаро гирифта шуда буданд. Нишондиҳандаҳои асосии қувваҳои корӣ барои чор минтақаи асосии маъмурию ҳудудӣ ва шаҳри Душанбе дар ҷадвали 2.3.1 оварда шудааст.

Аз маълумотҳои зикргардида дидан мумкин аст, ки ВМКБ минтақаи маъмурию ҳудудие мебошад бо шумораи аҳолии нисбатан кам 231,4 ҳазор нафар, ки аз онҳо 157,3 ҳазор нафар аҳолии синни қобили меҳнат мебошанд. Сатҳи иштироки аҳолии синни қобили меҳнат дар қувваҳои корӣ дар ВМКБ 51,7%, ва сатҳи аҳолии машғули кор нисбат ба аҳолии синни қобили меҳнат 37,9%-ро ташкил додаст, ки ба сатҳи миёнаи шуғл дар мамлакат мувофиқат мекунад. Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки дар ВМКБ дар лаҳзаи таҳқиқот сатҳи аз ҳама баланди бекорӣ (26,8%) ва нишондиҳандаи аз ҳама баланди қувваҳои кории истифоданашудаи якҷоякардашуда (комбинированный показатель) (39,8%), вале нишондиҳандаи якҷоякардашудаи қувваҳои кории истифода нашуда нишондиҳандаи ба баробарии иҷтимоӣ хавфнокро нишон дод.

Нишондиҳандаи аз ҳама баланди сатҳи шуғлнокӣ дар вилояти Суғд (48,9 %), ва сатҳи аз ҳама пасти бекорӣ дар вилояти Хатлон (3,9 %) ба қайд гирифта шуд. Ҳамзамон, аз рӯи нишондиҳандаҳои мутлақ дар вилояти Хатлон сатҳи аз ҳама баланди шуғли нопурра бо назардошти давомнокии вақти корӣ (22940 нафар) ба қайд гирифта шуд.

Нишондиҳандаи аз ҳама пасти якҷоякардашудаи истифода накардани қувваҳои корӣ ба вилояти Суғд рост омадааст (7,5 %). Аз рӯи нишондиҳандаи сатҳи бекорӣ шаҳри Душанбе пас аз ВМКБ (26,8 %) дар байни дигар минтақаҳои маъмурию ҳудудии мамлакат бо нишондиҳандаи баланди сатҳи бекорӣ (11,5 %) қарор дошт. Дар маҷмуъ нишондиҳандаи истифода накардани қувваҳои корӣ дар шаҳри Душанбе нисбат ба нишондиҳандаи миёнаи сатҳи кишвар баланд мебошад.

Бояд қайд кард, ки соҳаи касбомӯзӣ ва таълимоти он дар Тоҷикистон аз низоме, ки солҳои 50-уми асри XX барои иқтисодиёти нақшавӣ кор карда шуда буд, боқӣ мондааст. Ҳамон вақт дар омӯзишгоҳҳо ҷавононе таҳсил менамуданд, ки бевосита ба корхонаҳо сарукор доштанд (корхонаҳои замонавӣ), калонсолон дар ҷои кор, аксар вақт дар курсҳои кӯтоҳмуддате, ки дар ҳудуди корхона ташкил карда

мешуданд, маълумоти касбӣ мегирифтанд. Низоми касбомӯзи дар Тоҷикистон ҳамон вақт инкишоф ёфт, ки он дар ҳайати Иттифоқи Шуравӣ қарор дошт ва иқисодиёти мамлакат якҷоя пеш мерафт. Мақомоти маркази ба нақашагирии хоҷагӣ аз боло ба корхонаҳо нақшаи истеҳсолиро муайян мекард. Ҳамчунин, низоми маълумоти касбӣ ҳам одатан таъйинот, яъне директиваро аз боло мегирифт, барномаҳои таълим, адабиёт, инчунин таҷҳизоти таълиму аёният, яъне ҳамаи фаъолият ба тарзи марказонида ба ҷо оварда мешуданд[78].

Бинобар он, аксар вақт дар омӯзишгоҳо чунин касбҳо омӯзонида мешаванд, ки талабот ба онҳо дар бозори меҳати замони ҳозира хеле маҳдуд аст. Ҳамин тавр, бояд қайд намуд, ки тамоми соҳаи ибтидоии касбомӯзӣ аз пешрафти имрӯзаи ҷамъият қафо мондааст.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вазъияти маълумоти касбу техникаро дар мамлакат ба ҳисоб гирифта, як қатор қарорҳое қабул намуд, ки барои пойдор гардондан ва инкишоф додани маълумоти касбҳои техникӣ равона карда шудаанд.

Як қатор литсейҳои касбӣ талаботи бозори меҳнатро ба инобат грифта, дар асоси худмаблағгузорӣ курсҳо ташкил намуда, кормандони худро аз курсҳои баландбардории маҳорати касбӣ гузаронидаанд. Бо вуҷуди ин, иҷрои вазифаҳое, ки аз консепсия бармеоянд, бо суръати хеле суст амалӣ мегардад, бинобар ин, дар низоми маълумоти касбҳои техникӣ тағйироти ҷиддӣ ба назар намерасанд.

Дар консепсияи давлатӣ вазифаҳои аввалиндараҷаи ислоҳоти таҳсилоти ибтидоии касбӣ то ҳол аниқ муайян карда нашудаанд. Сабаб дар он аст, ки Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоҳоти маълумоти касбҳои техникиро бе тайёрии ҷиддӣ, дасгирии зарурии молиявӣ, бе таъминоти меъёри ҳуқуқӣ оғоз намуда буд. Дар натиҷа мақсад ва вазифаҳои гузошташуда назарнорасанд. Аз ин

---

[78] Ниг.: Никшиева, Л. Ю. Трансформации социальной структуры Таджикистана в XX веке. Душанбе, 2003, 123 саҳ.

рӯ, литсейҳои касбӣ-техникӣ вазифаҳои бевоситаи худро монанди пештара иҷро менамоянд, зеро ин асоси пайдоиши заминаи моддӣ ва техникии онҳо ҳисоб гардидааст. Талабот ба аксари касбҳо гардида, шумораи хонандагон дар литсейҳои касбии техникӣ кам шуда истодааст. Дар ин замина барои рушди оияндаи фанҳои техникӣ, инчунин баланд бардоштани сатҳи донишу касбии аҳолӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Пезиданти кишвар солҳои 2020-2040 – ро "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф" эълон карданд[79].

**Ҷадвали 2.3.2**

**Тайёрии касбии кадрҳо ва баланд бардоштани тахассусҳои корхонаю ташкилотҳо дар минтақаҳои ҷумҳурӣ (нафар).**

| Сол | Ҳамагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | ВМКБ | Вилояти Хатлон | Вилояти Суғд | Ш. Душанбе | НТҶ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1999 | 14067 | 1801 | 453 | 6924 | 1298 | 3591 |
| 2000 | 12818 | - | 604 | 7793 | 1468 | 2953 |
| 2001 | 5736 | - | 260 | 3646 | 1723 | 107 |
| 2002 | 5991 | - | 482 | 3540 | 1969 | - |
| 2003 | 11515 | 91 | 827 | 3375 | 4117 | 3110 |
| 2004 | 11785 | 75 | 1388 | 2497 | 3334 | 4491 |
| 2005 | 13190 | 55 | 1089 | 2810 | 6359 | 2877 |
| 2006 | 15660 | 65 | 1292 | 3565 | 5361 | 5386 |
| 2007 | 11869 | 71 | 902 | 2400 | 5411 | 3085 |
| 2008 | 20411 | 1906 | 670 | 7026 | 5807 | 5002 |
| 2009 | 20932 | 2251 | 971 | 7328 | 3926 | 6456 |
| 2010 | 17785 | 1493 | 821 | 7124 | 4027 | 4320 |
| 2011 | 14180 | 1067 | 1233 | 6726 | 1703 | 3439 |
| 2012 | 20297 | 797 | 2998 | 8253 | 3836 | 4413 |
| 2013 | 19730 | 21 | 1496 | 8134 | 6501 | 3578 |
| 2014 | 22173 | 88 | 2428 | 10941 | 4769 | 3947 |
| 2015 | 21888 | 8 | 2632 | 9672 | 9390 | 4426 |
| 2016 | 29987 | 119 | 2293 | 19258 | 4880 | 3136 |
| 2017 | 46570 | 123 | 1700 | 23106 | 7393 | 14183 |
| 2018 | 53220 | 106 | 3218 | 26502 | 6351 | 17043 |
| 2019 | 49750 | 271 | 3988 | 28262 | 6140 | 11089 |
| 2020 | 35113 | 115 | 7571 | 14167 | 3375 | 9885 |

**Манбаъ:** Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон // Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30 – солагии давлатӣ маҷмӯи оморӣ. – Душанбе, 2021. с. 329.

[79] Ниг.: Паёми Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумхурии Тоҷикистон 2020.

**Ҷадвали 2.3.3**

## Таҳсилоти касбии бекорон бо мусоидати хадамоти шуғли аҳолӣ (нафар).

| Сол | Ҳамагӣ таҳсил карданд | аз ҷумла: | | Бо % нибати шумораи бекорони ба қайд гирифташуда | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | занон | ҷавонони то 29- сола | Ҳамагӣ | Занон | Ҷавонони то 29 – сола |
| 1999 | **2561** | 1398 | 1637 | 5,2 | 5,3 | 5,2 |
| 2000 | **2656** | 1467 | 1996 | 6,2 | 6,4 | 7,1 |
| 2001 | **4444** | 2594 | 2987 | 10,3 | 11,4 | 10,6 |
| 2002 | **5162** | 2940 | 4160 | 11,1 | 11,4 | 14,2 |
| 2003 | **6172** | 2900 | 3869 | 12,1 | 12,5 | 13,5 |
| 2004 | **5813** | 3423 | 4365 | 15,0 | 15,6 | 17,5 |
| 2005 | **6403** | 3875 | 5082 | 14,7 | 16,3 | 19,9 |
| 2006 | **6872** | 3907 | 5333 | 14,8 | 15,5 | 23,5 |
| 2007 | **6779** | 4099 | 4940 | 13,1 | 14,5 | 18,4 |
| 2008 | **8060** | 4789 | 5965 | 18,5 | 20,6 | 25,8 |
| 2009 | **8175** | 4973 | 5955 | 18,4 | 20,8 | 23,9 |
| 2010 | **8714** | 5180 | 4603 | 18,1 | 20,3 | 16,3 |
| 2011 | **10603** | 7057 | 8336 | 19,5 | 13,0 | 26,1 |
| 2012 | **12981** | 8666 | 9729 | 24,8 | 16,6 | 18,9 |
| 2013 | **19592** | 13613 | 13223 | 36,4 | 25,,3 | 24,5 |
| 2014 | **18226** | 13644 | 11611 | 32,8 | 24,6 | 20,9 |
| 2015 | **18397** | 13532 | 12130 | 36,0 | 26,5 | 23,7 |
| 2016 | **18540** | 13930 | 12154 | 34,9 | 26,2 | 22,9 |
| 2017 | **16710** | 12720 | 10825 | 33,6 | 25,6 | 21,8 |
| 2018 | **16632** | 13665 | 10124 | 35,0 | 28,8 | 21,3 |
| 2019 | **17900** | 14105 | 10878 | 36,6 | 28,8 | 22,2 |
| 2020 | **17958** | 13362 | 10457 | 36,0 | 26,8 | 21,0 |

**Манбаъ:** Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон // Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30 – солагии давлатӣ маҷмӯи оморӣ. – Душанбе, 2021. с.337.

**Ҷадвали 2.3.4**

## Шумораи хатмкунандаҳои муассисаҳои таҳсилотӣ (ҳазор нафар)

| Сол | Шумораи хатмкардаҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | | Шумораи хатмкардаҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ | | Шумораи хатмкардаҳои муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ | | Шумораи хатмкардаҳои мактабҳои маълумоти умумӣ (синфи 11) | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ҳамагӣ | аз он ҷумла, духтарон | Ҳамагӣ | аз он ҷумла, духтарон | Ҳамагӣ | аз он ҷумла, духтарон | Ҳамагӣ | аз он ҷумла, духтарон |
| 1999 | 13,1 | ... | 5,7 | ... | 15,7 | 5,4 | 50,3 | ... |
| 2000 | 13,6 | ... | 6,9 | 5,2 | 14,8 | 4,8 | 33,4 | ... |
| 2001 | 12,0 | 3,3 | 7,7 | 3,9 | 13,6 | 6,0 | 61,1 | 22,5 |
| 2002 | 11,6 | 2,8 | 6,5 | 3,6 | 13,7 | 5,0 | 65,2 | 24,1 |
| 2003 | 13,4 | 2,7 | 5,0 | 2,4 | 15,7 | 5,4 | 58,3 | 21,3 |
| 2004 | 14,4 | 3,3 | 7,6 | 4,9 | 13,7 | 4,7 | 59,4 | 23,2 |
| 2005 | 15,1 | 4,0 | 8,0 | 4,8 | 13,5 | 4,6 | 75,3 | 29,2 |
| 2006 | 17,1 | 4,5 | 7,5 | 4,7 | 14,1 | 5,0 | 74,9 | 29,1 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2007 | 19,3 | 5,5 | 7,8 | 5,0 | 13,7 | 4,1 | 75,8 | 29,1 |
| 2008 | 21,3 | 6,3 | 8,5 | 5,5 | 12,2 | 4,3 | 81,9 | 32,2 |
| 2009 | 23,3 | 6,4 | 9,0 | 5,9 | 10,5 | 4,5 | 86,7 | 35,7 |
| 2010 | 27,7 | 8,1 | 10,2 | 6,5 | 10,4 | 4,2 | 84,3 | 34,1 |
| 2011 | 28,0 | 8,9 | 9,4 | 5,9 | 10,6 | 4,1 | 85,9 | 35,3 |
| 2012 | 36,2 | 11,4 | 10,2 | 6,2 | 10,7 | 4,5 | 94,8 | 39,6 |
| 2013 | 29,1 | 8,5 | 10,7 | 6,7 | 11,1 | 4,2 | 107,2 | 46,5 |
| 2014 | 30,2 | 8,8 | 12,4 | 8,0 | 8,9 | 2,3 | 99,2 | 43,4 |
| 2015 | 29,5 | 8,5 | 11,8 | 7,7 | 9,6 | 2,6 | 110,2 | 50,0 |
| 2016 | 33,2 | 10,2 | 14,0 | 9,9 | 15,5 | 3,4 | 111,9 | 50,0 |
| 2017 | 38,5 | 12,9 | 17,8 | 11,4 | 13,1 | 3,4 | 119,4 | 53,7 |
| 2018 | 44,6 | 15,9 | 20,8 | 12,9 | 13,0 | 3,2 | 118,5 | 53,7 |
| 2019 | 43,2 | 16,4 | 20,8 | 13,5 | 11,7 | 3,3 | 114,7 | 53,1 |
| 2020 | 42,4 | 15,8 | 23,6 | 15,9 | 11,4 | 3,0 | 116,3 | 54,1 |

**Манбаъ:** Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон // Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30 – солагии давлатӣ маҷмӯи оморӣ. – Душанбе, 2021. с.338.

**Ҷадвали 2.3.5**

**Муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ (нафар)**

| Сол | Адади муассисаҳо (дар ахири сол), воҳид | Шумораи донишӯёни онҳо | аз он ҷумла духтарон | Қабули донишӯён | аз он ҷумла духтарон | Коргарони соҳибихтисос тайёр карда шудаанд | аз он ҷумла духтарон | Ғайр аз ни, аз рӯи карордоди хоҷагиҳо (шартномавӣ) тайёр кара шудааст |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1991 | 81 | 41861 | ... | 26018 | ... | 26045 | ... | 814 |
| 1995 | 74 | 30578 | ... | 20724 | 5123 | 16724 | ... | 755 |
| 2000 | 72 | 24450 | 8422 | 16926 | 6262 | 14842 | 4779 | 807 |
| 2005 | 71 | 24968 | 7013 | 16184 | 5378 | 13537 | 4563 | 823 |
| 2010 | 66 | 22630 | 5052 | 14041 | 4151 | 10387 | 4243 | 2194 |
| 2015 | 61 | 26276 | 5042 | 14980 | 3170 | 9577 | 2631 | ... |
| 2020 | 62 | 22491 | 4354 | 15020 | 3225 | 11436 | 2975 | 1250 |

**Манбаъ:** Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон // Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30 – солагии давлатӣ маҷмӯи оморӣ. – Душанбе, 2021. с.339.

Аз таҳлили ҷадвалҳо бар меояд, ки литсейҳои касбӣ аз сабаби набудани кадрҳои баландихтисос ва заминаи моддии техникӣ имкон надоранд, ки мутахассисҳои қобилиятноки дар бозори меҳнат рақобатпазир омода намоянд. Шахси аз ҳама муҳими дар омода кардани кадрҳои коргарӣ устои истеҳсолӣ аст, ки музди хеле ночиз мегирад. Ҳамин тавр, аз гуфтаҳои боло зикр бармеояд, ки маълумоти касбҳои

техникӣ имрӯз ба талаботи вақт ва дархости кордиҳандагон ҷавобгӯ нест.

Литсейҳои дар он шакле, ки имрӯз вуҷуд дорад, аз уҳдаи иҷрои вазифааш намебарояд, зеро дар назди муассисаҳои касбии техникӣ вазифаҳои хеле мушкил гузошта шудаанд, аз қабили додани малумоти миёна ва касбомӯзонӣ, таъмини хонандагон бо хобгоҳ ва хӯро, ки иҷрои ин талаботҳо дар шароити имрӯза ниҳоят душвор аст. Бинобар он, зарур аст, ки литсейю омӯзишгоҳҳо аз баъзе вазифаҳо озод карда шаванд. Хуб ва дуруст мешуд, агар литсейҳои аз додани маълумоти миёна даст кашанд, зеро додани маълумоти миёна вазифаи бевоситаи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ аст.

Ҳамин тавр, додани хӯрока ҳам барои онҳо мушкил, зеро маблағе, ки ҳамчун меъёр ба ҳисоби як хонанда ҷудо карда мешавад, ночиз аст.

Литсейҳои касбӣ–техникӣ бояд баҳри иҷрои як вазифа - омода кардани кадрҳои баландихтисос машғул бошанд. Дар ин ҷода ҳамкории ҳаққи кордиҳандаи литсейҳои касбӣ хеле бамаврид аст.

Сатҳи пасти ихтисосмандии омӯзгорон, устоҳои таълимӣ - истеҳсолӣ имкон намедиҳанд, ки ба хонандагон ҳадди ақали дониши зарурӣ дода шавад. Чун солҳои пештара омӯзишгоҳҳои касбӣ - техникии мамлакат ва шаҳру ноҳияҳои он аз сабаби нарасидани маблағ нақшаҳои таълимиро мустақилон таҳия ва ҷорӣ карда наметавонанд, бинобар ин кадрҳои тайёркардаи онҳо дар бозори меҳнат рақорбатпазир нестанд.

Барои фаъолият ва нигаҳдории низоми маълумоти касбӣ – техникии ҷумҳурӣ соле аз ҳисоби буҷаи мамлакат наздик 5 млн сомони ҷудо карда мешавад, ки 44 фоизи он барои гирифтани воситаҳои асоси лавозимот, маводи таълим, нигаҳдории биноҳо ва таҷҳизот равона карда мешавад, ки ин хеле ночиз аст. Қайд кардан зарур аст, ки арзиши таҳсили як нафар хонандаи омӯзишгоҳи касбӣ – техникӣ айни замон ба 160 сомони баробар аст, ки ин ҳам хеле ночиз аст.

бояд қайд намуд, ки  таҳсилоти ибтидоии касбӣ – техникӣ имрӯз ба

талботи вақту замон омода намудани кадрҳои коргарӣ ба дархости кордеҳ ҷавобгӯй нестанд. Аз бисёр ҷабҳа тағйирот дар низоми таълимот ба талаботи бозори меҳнат номувофиқ аст. Муассисаҳои таълимии давлатӣ имрӯз аз уҳдаи ташкили самаранок омода кардани мутахассисони саҳавӣ набаромада истодаанд.

Аз ин ру, бо мақсади сифатан дигаргунсозии низоми таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ бо дар назардошти хусусиятҳои минтақавӣ ва соҳавӣ, таъмин гардонидани сифати баланди қувваи корӣ ва паст кардани хавфи бекории хатмкунандагон муассисаҳои таълимии олии касбӣ заруранд.

Муаммои таълимоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ дар омода набудани муассисаҳои таълимӣ доир ба қонеъ гардонидани иқисодиёт бо қувваи кори ихтисосманд ба ҳисоб меравад. Бинобар он, гузаронидани ислоҳот ва замонавӣ гардонидани маълумоти касбӣ ва омода намудани кадрҳои коргарӣ шарт ва зарур мебошад. Барномаи азнавсозии касбҳои техникӣ ҷорӣ намудани шаклу усулҳои гунгуни талълим, гардиши бо суръати иттилоот, ҷалби мутахассисони макотиби олӣ ва ғайраро талаб менамояд. Зарурати гузаронидани ислоҳот ва азнавсозии маълумоти касбҳои техникиро вазъияти демографии ҷумҳурӣ талаб менамояд.

Қисми зиёди аҳолии Тоҷикистон дар вазифаҳои коргарӣ кору фаъолият доранд. Мувофиқи манбаҳои оморӣ пас аз панҷ сол шумораи зиёди коргарон метавонад, ба нафақа равад, ки синну соли эшон ба даври пеш аз нафақавӣ мансуб аст.

Аз сабаби он ки мутахассисони баландихтисос барои ҷустуҷӯи кор ба мамлакатҳои хориҷ мераванд, солҳои наздик иқтисодиёти мамлакат ба бухрони норасоии кадрӣ рӯ ба рӯ мегарадад. Имрӯз ҷавонон вобаста ба вазъи бамиёномада хоҳиши адои вазифаи коргарӣ надоранд, гӯё ки касби коргарӣ камэътибор бошад. Дар чунин вазъият хоҳу нохоҳ, аз як тараф нарасидани қувваи корӣ, аз тарафи дигар шумораи шахсони дорои маълумоти олии дар самти тахассусии худ фаъолият накунанда шиёд

мегардад. Бинобар ин, минбаъд барои баланд бардоштани обрӯю эътибори касбҳои коргарӣ ва муайян намудани дониши касбӣ – техникии хонанда имтиҳони касбӣ баргузор намоем.

Мутахассисони пешбарандаи корхона бояд дар коркард ва ташхиси нақшаҳои таълим ширкат варзида дар кори шурои омӯзгорон ва аттестатсияи литсейҳо фаъолона иштирок намоянд. Корхона бояд музди меҳнати омӯзгор - устои истеҳсолиро пардохт намояд, ҷиҳати дар сеххои истеҳсолӣ таҷрибаомӯзии хонандагон ва омӯзгорон мусоидат намояд, барои ба кор қабул шудани хатмкунандагон кафолат диҳад Муассисаҳои талимӣ бояд кадрҳои баландихтисосро мувофиқи барномае, ки ба талаботи корхона мувофиқат менамояд, омода кунанд, зеро чунин ҳамкорӣ барои ҳарду ҷониб - кордеҳ ва омӯзишгоҳ фоидаовар мебошад.

Ҳамин тавр, ислоҳоти низоми ибтидоии таҳсилоти касбии минтақаҳои ҷумҳурӣ дар шароити имрӯзаи мамлакат ҳатмӣ ва зарур мебошад, амалӣ гардонидани он ба иқтисодиёти мамлакат таъсири мусбӣ хоҳад расонд.

## Хулосаи боби дуюм

Барои таҳлили сабабҳои мусбӣ ва манфии муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қувваи корӣ ва усулҳое истифода мешаванд, ки дар таҳлили ҳаракати умумихалқии сармоя мавриди истифода қарор гирифтаанд. Умуман, дар натиҷаи муҳоҷират ҳаҷми кулли истеҳсолот ҳамчун натиҷаи истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ аз ҳисоби азнавтақсимнамоии байниминтақавии онҳо афзун мешавад. Вале тақсимоти даромади иқтисодӣ ва иҷтимоӣ аз муҳоҷират байни минтақаҳои равонкунанда ва қабулкунандаи муҳоҷирон нобаробар сурат мегирад. Ин барои барқарор шудани системаи васеи танзими давлатию байналхалқии чараёни муҳоҷирати меҳнатӣ оварда мерасонад.

Қайд кардан зарур аст, ки аз рӯи ҷойгиршавии мавқеи географӣ 93 % ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистонро кӯҳҳо ташкил дода, қисмати зиёди аҳолӣ

дар мавзеъҳои наздикӯҳӣ ва доманакӯҳӣ зиндагӣ мекунанд ва ҳамасола ба сар задани ҳодисаҳои гуногуни табиӣ рубару мешаванд, ки ин ба ҳаёти мардум хавф эҷод менамояд. Бинобар ин, ҳар сол бо мақсади пешгирии ҳар гуна фалокатҳо дар минтақаҳои кӯҳӣ ва дигар минтақаҳои хавфнок, накшаи кӯчонидани аҳолӣ ба минтақаҳои бехавф тартиб дода мешавад.

Истеҳсолоти имрӯза ваояндаи мамлакат афзун гардонии шумораи коргарони баландихтисосе, ки дорои маълумоти умумӣ ва касбианд, талаб менамояд. Барои истеҳсолоти замонавӣ мавҷуд будани шумораи умумии қувваи корӣ кам аст. Пешрафти прогресси илмию техникӣ, махсусан, дар давраи гузариш ба муносибатҳои бозорӣ, новобаста аз шакли моликият, афзунгардии ҳиссаи қиёсии кадрҳои муҳандисӣ-техникиро талаб менамояд. Бинобар ин омӯзишгоҳҳои мавҷуда аз сабаби набудани кадрҳои баландихтисос ва заминаи моддии техникии онҳо имкон намедиҳад, ки мутахассисҳои қобилиятноки дар бозори меҳнат рақобатпазир тайёр намоянд. Ҳамин тавр, аз гуфтаҳои боло зикр бармеояд, ки маълумоти касбҳои техникӣ имрӯз ба талаботи вақт ва дархости кордиҳандагон ҷавобгӯ нест.

Дар натиҷаи омузиш ва рафти кор маълум гардид, ки дар самти муҳоҷирати меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ то ҳоло фикру ақидаи ягона вуҷуд надорад ва олимону коршиносон нисбат ба ин раванди афзоишёбанда нуқтаи назари худро дар асоси таҳқиқотҳои гузаронидашуда ва назарияи илмии шахсӣ ифода кардаанд. Хамзамон бояд қайд кард, ки қисми зиёди олимони шинохтаи ватанӣ ва хориҷӣ самти муҳоҷирати меҳнатиро дар сиёсати кишварҳои қабулкунанда ва интиқолдиҳандаи муҳоҷирон афзалиятнок ҳисоб менамоянд.

Бо дарназардошти омузиши масъалаҳои зикргардида, пешниҳодҳои зерин манзур мегарданд:

1. Мавриди таҳлил қарор додани сабаб ва омилҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади гузаронидани таҳлили муқоисавӣ ва интихоб кардани сиёсати мақсаднок ва самараноки муҳоҷират.

2. Нақшаи муҳоҷирати дохилии аҳолӣ аз ноҳияҳои камзамин ва сераҳолии кӯҳистон ба водиҳои дорои заминҳои бекорхобидаи ҷумҳурӣ тасдиқ карда шавад.

3. Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва вазорату идораҳои дахлдор омода намудани кадрҳои баландихтисос ва дастгирии иҷтимоии аҳолиро ҳарчи зудтар ба роҳ монад.

4. таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар ҷумҳурӣ сол то сол шумораи бекорон зиёд мегардад. Бинобар ин ҳукумати ҷумҳуриро мебояд, ки дар якҷоягӣ бо давлатҳои донор созишномаҳо ба имзо расонад.

# БОБИ III. ХУСУСИЯТҲОИ ИҚТИСОДӢ – ГЕОГРАФӢ ВА ДУРНАМОИ МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ ДАР МИНТАҚАҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 3.1. Хусусиятҳои иқтисодӣ - географии муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (ВМКБ, Суғд, Хатлон ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ).

Халқи тоҷик, чун дигар одамони мамолики ҷаҳон, дар тули қарнҳо ҷараёни муҳоҷиратро аз сар гузаронидааст. Аммо бо амри тақдир тоҷикон то Инқилоби октябри соли 1917 бештар тарзи муҳоҷирати маҷбуриро аз сар мегузарониданд ва он сабабҳое дошт, ки аз ихтиёру иродаи онҳо берун буданд. Ин пеш аз ҳама ба тохтутози истилогароии хориҷӣ вобаста буд.

Муҳоҷирате, ки дар даврони сохти Шуравӣ сурат мегирифт, бо хусусиятҳои хеш фарқ мекард. Дар ин солҳо, яъне аз нимаи дувуми солҳои 20-уми қарни XX муҳоҷирати дохили ҷумҳурӣ ва аз дигар ҷумхуриҳои Иттиҳоди  Шуравӣ ба Тоҷикистон овардани муҳоҷирон ба таври мунтазам гузаронида мешуд. Он расман ба таври ихтиёрӣ ва аз рӯйи нақша сурат мегирифт.

Аммо ҷараёни таърихӣ собит кард, ки принсипи ихтиёрӣ кӯчонидани аҳолӣ ба мавзеъҳои дигар хусусияти маъмурӣ пайдо намуда, дар бисёр мавридҳо роҳу усули маҷбурӣ истифода карда мешуд. Ин муҳоҷиркунӣ аз муҳоҷирати то давраи сохти Шуравӣ унсурҳои фарқкунандаи худро дошт. Яке аз унсурҳои фарқкунанда он буд, ки қатъи назар аз камбудию норасоиҳо, каҷравию фармонравоиҳо дар ин ҷода, муҳоҷирати ин давра хусусияти ихтиёриро ба худ гирифта буд.

Равиши таърихӣ ва таҷрибаи зиндагӣ бо мисолу далелҳои мушаххасу раднопазир собит намуд, ки муҳоҷирати ин давра ба рушду камоли ҷараёни ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва маънавии халқи тоҷик як таконе дод.

Таҷрибаи таърихӣ аниқу равшан собит кард, ки сарфи маблағу вақти

сарфакардаи давлат ва ташкилотҳои салоҳиятдор барои баъд аз солҳои Ҷанги шаҳрвандӣ эҳё кардани сиёсати муҳоҷирати дохилӣ барбод нарафта, дар ин ҷода муваффақиятҳои назаррас ба даст оварда шуд.

Даҳҳо ҳазор деҳқонони камзамини минтақаҳои кӯҳиву доманакӯҳ ба водиҳо баҳри аз худ кардани заминҳои нав, рушди системаҳои обёрӣ ва ба даст овардани ҳосили дилхоҳи соҳаҳои кишоварзӣ муҳоҷир гардиданд. Натиҷаи асосии ба ҳаёт татбиқ кардани сиёсати муҳоҷирати дохилӣ ҷумҳурӣ, васеъ кардани заминҳои киштбоб, беҳтар кардани ҳолати мелиоративии онҳо, рушди соҳаҳои кишоварзӣ, пеш аз ҳама соҳаи пахтакорӣ ба ҳисоб мерафт.

Дар раванди аз худ кардани киштзорҳои нав ва ба ин васила татбиқи сиёсати муҳоҷирати дохилии ҷумҳурӣ ва баланд гардонидани маҳсулнокии меҳнат, иқтисодиёти колхозу совхозҳои навбунёд баланд баромада, сабаби ба вуҷуд омадани тағйироти куллӣ дар ҳаёти маишии муҳоҷирон гардид.

Пас аз истифода кардани заминҳои наву бекорхобида ва инкишофи обёрии водии Вахшу Ҳисор ва ноҳияҳои водии Кӯлоб минтақа ба манбаи соҳаи муҳими кишоварзӣ - пахтакорӣ мубаддал шуд. Водии Вахш ба макони истеҳсоли пахтаи қиматбаҳои маҳиннах дар қаламрави Иттиҳоди Шуравӣ табдил ёфт.

Аз ибтидои солҳои 90-и асри XX, яъне пас аз пош хурдани Иттиҳоди Шуравӣ ва пас аз Ҷанги шаҳрвандӣ, Тоҷикиситон, хосса ноҳияҳои ҷанубӣ ва марказии он зарари азиму сангини моддӣ ва маънавӣ диданд.

Барҳам хурдани Иттиҳоди  Шуравӣ оқибатхои ниҳоят вазнини иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ ва маънавиро ба бор овард.

Паст рафтани истеҳсолоти ҷамъиятӣ, беқурб шудани воситаи асосии муомилот рӯз аз рӯз паст гардидани сатҳи зиндагии мардум, афзудани шумораи ҷинояткорӣ ва дигар амалиётҳои ғайри инсонӣ аз наздик будани таркишҳои сиёсӣ гувоҳӣ медоданд. Гурезагону муҳоҷирони иҷборан ба қаламрави Афғонистон гузашта, худро наҷот доданд.

Баҳори соли 1993 танҳо дар қисмати Шимолии Афғонистгон наздик ба 60 ҳазор гурезагони тоҷик дар вазъи сангин ҳаёт ба сар мебурданд. Ба шароити сахти Ҷанги шаҳрвандӣ ва душвориҳои зиёди иқтисодӣ нигоҳ накарда, ягон шахс ва гурӯҳе аз мардуми Афғонистон барои ҷойгир кардани муҳоҷирони тоҷик муқобилияте ва ё норизоие изҳор накардаанд.

Аҳолии ноҳияҳои ҷанубӣ ва марказии Тоҷикистон, Бадахшони кӯҳӣ ба ихтиёри худ ба ҷойҳои нисбатан бехавфи ҷумҳурӣ муҳоҷир шуданд.

Ибтидои ба Ватан ва ҷову макони пешина баргаштани муҳоҷирони дохилӣ ва гурезагонро қарорҳои ийлосияи XVI Шуроӣ Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон асос гузошт.

Дар натиҷаи сиёсати дуруст пеш гирифтаи Ҳукумати Тоҷикистон, алалхусус Президенти кишвар, Ҷаноби Олӣ, Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Коммисияи оштии миллӣ бо дастгирии иқтисодиву тадорукотии башардустонаи байналхалқӣ ва қабл аз ҳама Идораи Комисияи Олии СММ оид ба гурезаҳо ва бастани Созишномаи умумии истикрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар ҷумҳурӣ раванди ба Ватан баргаштани гурезагону муҳоҷирони иҷборӣ суръат гирифт.

Ҳамин тавр, дар охири садаи XX масъалаи гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷборӣ ба таври мусбат ҳал шуда, ҳазорҳо одамон ба Ватан боз гаштанд ва дар макони аслиашон ҷойгир шуданд.

Новобаста аз он ки ҷараёни мазкур яке аз нишодиҳандаҳои беҳтарин ҳамчун ченаки сифати зиндагӣ аст, дар он баъзе норасоиҳо ба монанди давомнок, душвору серхарҷ ва шарти будани баҳисобгирии омилҳои муътадилии сиёсӣ ва амният, ҳаёти иҷтимоӣ, озодии сиёсӣ, инчунин шаффофияти нокифояи баъзе нишондиҳандаҳо ва дигар камбудиҳо ҳалли худро металабанд.

**Ҷадвали 2.1.7**

**Ҷамъбасти умумии муҳоҷирати аҳолӣ дар сатҳи минтақаҳо** (ҳазор нафар)

| | 1991 | 1995 | 2010 | 2015 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | Соли 2020 нисбат ба 2015 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ҷумҳурӣ** | | | | | | | | | |
| шумораи аҳолии кӯчидаомада, | 74,9 | 37,1 | 29,6 | 35,3 | 37,4 | 42,1 | 42,8 | 34,7 | 0,6 |
| шумораи аҳолии кӯчидарафта | 101,3 | 74,9 | 36,1 | 40,1 | 41,1 | 45,1 | 54,4 | 42,5 | -2,4 |
| афзоиши муҳоҷират | -26,4 | -37,8 | -6,5 | -4,8 | -3,6 | -2,9 | -13,6 | -7,8 | -3 |
| **Ба 1000 нафар аҳолӣ** | | | | | | | | | |
| шумораи аҳолии кӯчидаомада | 13,8 | 6,5 | 3,9 | 4,2 | 4,2 | 4,6 | 4,4 | 3,7 | 0,5 |
| шумораи аҳолии кӯчидарафта | 18,6 | 13,2 | 4,8 | 4,7 | 4,7 | 4,9 | 5,9 | 4,5 | 0,2 |
| афзоиши муҳоҷират | -4,8 | -6,7 | -0,9 | -6,4 | -4,6 | -3,2 | -14,3 | ---- | ---- |
| **ВМКБ** | | | | | | | | | |
| шумораи аҳолии кӯчидаомада | 3,6 | 1,2 | 0,5 | 3,0 | 3,3 | 3,0 | 3,2 | 2,8 | 0,2 |
| шумораи аҳолии кӯчидарафта | 5,0 | 2,0 | 1,8 | 8,5 | 8,4 | 7,3 | 8,2 | 6,9 | 1,6 |
| афзоиши муҳоҷират | -1,4 | -0,8 | -1,3 | -5,5 | -5,1 | -4,3 | -5,0 | -4,1 | -1,4 |
| **Ба 1000 нафар аҳолӣ** | | | | | | | | | |
| шумораи аҳолии кӯчидаомада | 20,9 | 6,4 | 2,4 | 2,8 | 2,5 | 2,4 | 2,5 | 2,4 | 0,4 |
| шумораи аҳолии кӯчидарафта | 29,3 | 10,4 | 8,7 | 8,6 | 7,2 | 7,3 | 8,4 | 6,2 | 2,4 |
| афзоиши муҳоҷират | -8,4 | -4,0 | -6,3 | -48,4 | -44,1 | -42,0 | -43,2 | --- | ---- |
| | **1991** | **1995** | **2010** | **2015** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **Соли 2020 нисбат ба 2015** |
| **Вилояти Суғд** | | | | | | | | | |
| шумораи аҳолии кӯчидаомада | 20,0 | 12,5 | 9,8 | 7,3 | 6,3 | 6,8 | 7,8 | 6,3 | 1 |
| шумораи аҳолии кӯчидарафта | 24,1 | 29,1 | 12,4 | 9,4 | 9,0 | 9,4 | 11,1 | 9,3 | 0,1 |
| афзоиши муҳоҷират | -4,1 | -16,6 | -2,6 | -2,2 | -2,6 | -2,6 | -3,3 | -2,9 | -0,7 |
| **ба 1000 нафар аҳолӣ** | | | | | | | | | |
| шумораи аҳолии кӯчидаомада | 12,1 | 7,1 | 4,4 | 2,9 | 2,5 | 2,6 | 2,9 | 2,3 | 0,6 |
| шумораи аҳолии кӯчидарафта | 14,6 | 16,6 | 5,5 | 3,8 | 3,5 | 3,6 | 4,1 | 3,4 | 0,4 |
| афзоиши муҳоҷират | -2,5 | -9,5 | -1,1 | -0,9 | -1,0 | -1,0 | -1,2 | -1,1 | -0,2 |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Вилояти Хатлон** | | | | | | | | | |
| шумораи аҳолии кӯчидаомада | 17,8 | 8,2 | 6,9 | 12,8 | 14,3 | 17,9 | 15,9 | 14,3 | -1,5 |
| шумораи аҳолии кӯчидарафта | 24,7 | 17,3 | 11,3 | 17,8 | 18,1 | 22,5 | 25,3 | 20,4 | -2,6 |
| афзоиши муҳоҷират | -6,9 | -9,1 | -4,4 | -5,0 | -3,7 | -4,5 | -9,3 | -6,1 | -1,1 |
| **ба 1000 нафар аҳолӣ** | | | | | | | | | |
| шумораи аҳолии кӯчидаомада | 9,6 | 4,2 | 2,6 | 4,3 | 4,5 | 5,6 | 4,8 | 4,2 | 0,1 |
| шумораи аҳолии кӯчидарафта | 13,4 | 8,7 | 4,2 | 5,4 | 5,7 | 7,0 | 7,6 | 6,0 | -0,6 |
| афзоиши муҳоҷират | -3,8 | -4,5 | -1,6 | -1,7 | -1,2 | -1,4 | -2,8 | -2,2 | -0,5 |
| | **1991** | **1995** | **2010** | **2015** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **Соли 2020 нисбат ба 2015** |
| **ш. Душанбе** | | | | | | | | | |
| шумораи аҳолии кӯчидаомада | 20,7 | **11,1** | 3,4 | 4,9 | 6,6 | 7,2 | 6,7 | 6,2 | -1,5 |
| шумораи аҳолии кӯчидарафта | 30,0 | 16,8 | 2,9 | 2,8 | 4,5 | 5,1 | 3,7 | 3,4 | -0,6 |
| афзоиши муҳоҷират | -9,3 | -5,7 | 0,5 | 2,0 | 2,1 | 2,1 | 2,9 | 2,8 | -0,8 |
| **ба 1000 нафар аҳолӣ** | | | | | | | | | |
| шумораи аҳолии кӯчидаомада | 35,4 | 21,7 | 4,7 | 6,2 | 8,1 | 8,6 | 7,8 | 7,1 | -0,9 |
| шумораи аҳолии кӯчидарафта | 51,3 | 33,0 | 4,0 | 3,6 | 5,5 | 6,1 | 4,4 | 3,9 | -0,3 |
| афзоиши муҳоҷират | -15,9 | -11,3 | 0,7 | 2,6 | 2,6 | 2,5 | 3,4 | 3,2 | -0,6 |
| **НТҶ** | | | | | | | | | |
| шумораи аҳолии кӯчидаомада | 12,9 | 4,2 | 9,0 | 9,5 | 9,3 | 9,3 | 9,6 | 7,0 | 2,5 |
| шумораи аҳолии кӯчидарафта | 17,5 | 9,8 | 7,7 | 8,1 | 7,6 | 6,2 | 12,3 | 7,6 | 0,5 |
| афзоиши муҳоҷират | -4,6 | -5,6 | 1,3 | 1,4 | 1,7 | 3,0 | -2,7 | -0,6 | 0,8 |
| **ба 1000 нафар аҳолӣ** | | | | | | | | | |
| шумораи аҳолии кӯчидаомада | 10,9 | 3,4 | 5,2 | 4,9 | 4,6 | 4,5 | 4,4 | 3,2 | 1,7 |
| шумораи аҳолии кӯчидарафта | 14,8 | 7,9 | 4,5 | 4,2 | 3,7 | 3,0 | 5,7 | 3,5 | 0,7 |
| афзоиши муҳоҷират | -3,9 | -4,5 | 0,7 | 0,8 | 0,8 | 1,5 | -1,3 | -0,3 | 0,5 |

**Манбаъ:** Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон // Демографияи солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. 30 – солагии давлатӣ маҷмӯи оморӣ. – Душанбе, 2021. с. 387.

Барои он ки ҷараёни муҳоҷирати аҳолӣ чи дар дохили кишвар ва чи берун аз он мақсаднок ва босамар идора карда шавад, бояд мо хусусият ва табиати муҳоҷирати аҳолии мамлакатро аз нуқтаи назари урфу одат, фарҳанг, маданият ва тарзи зист, сатҳи донишу малакаи кор, оила ва оиладорӣ, дигар масъалаҳои иҷтимоиёту иқтисодиёт донем, зеро маҳз ҳамин омилҳо боиси афзун ва ё кам гардидани муҳоҷирати аҳолӣ шуда метавонанд. Бо ҳамин иқдом мо метавонем самарнокии муҳоҷирати меҳнатиро бо ташкил намудани курсҳои махсуси тайёрии касбии муҳоҷирон ва чорабиниҳои фарҳангию маданӣ чи дар мамлакати равонкунанда ва чи қабулкунандаи муҳоҷир таъмин намоем.

**Харитаи 2.1.3.**

**Захираҳои меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**




**Манбаъ: таҳияи муалиф дар асоси маълумотҳои Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ.**

Мувофиқи таҳқиқотҳои Гулмирзоев Қ.Ҳ. мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ шаҳрвандони Тоҷикистонро маҷбур сохтааст, ки Ватани худро тарк намоянд (1 миллиону 300 ҳазор нафар). Таҳлили ахбороти ба дастомада, гузаронидани пурсишнома, суҳбат бо аҳолӣ имкон дод, ки сабабҳои асосии муҳоҷиратро номбар кунем: афзоиши босуръати захираҳои меҳнатӣ, мавҷуд набудани ҷои кор, паст будани музди маош ва ғайра. Қариб оилае нест, ки як нафар аъзои он дар муҳоҷирати меҳнатии берун дар хориҷи кишвар набошад ва кушиши ҷустуҷӯи ҷои кори нав накарда бошад. Наздик аз се як ҳиссаи шахсони пурсидашуда қайд кардаанд, ки яке аз аъзоёни оилаашон берун аз Тоҷикистон дар муҳоҷират қарор доранд. Аммо ҳаминро бояд қайд кард, ки ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои тобеи марказ ба 19% баробар аст. Ба ақидаи мо, чунин фарқият натанҳо аз фикру ақидаи шахсони пурсида вобаста аст, балки бо вақт ва фасли сол вобаста буда, ҷамоат ва марказҳои шуғли аҳолӣ на ҳама вақт шумораи муҳоҷиронро пурра ба қайд мегиранд. Воқеан, ҳамаи муҳоҷирони меҳнатии (95,7%) дар Русия қарордошта, дар он ҷо ба худ кор меёбанд ва оилаи худро бо даромадҳои асосӣ ва иловагӣ таъмин мегардонанд. Аммо 25% пурсидагон қайд карданд, ки ҳоло онҳо аз фаъолияти корӣ аъзои оилаи худ дар Русия фоида нагирифтаанд. Ба ақидаи пурсидагон, даромади миёнаи оилаашон аз муҳоҷирати хориҷи кишвар дар як сол аз 500 то 1500 доллари ИМА баробар аст[80].

Дар давраи пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ аз 150 млн нафар аҳолии Федератсияи Русия 142 млн нафар (яъне, 7 млн нафар аҳолӣ кам гашт) боқӣ монд. Зариби таваллуд дар Русия аз 1000 нафар зан 3-4 нафар мебошад. Солҳои ояндаи 2020-2030 аҳолии Русия ба 70-75 млн нафар меафзояд Барои пешравии иқтисодиёти ин давлат 25 млн нафар қувваи

[80] Ниг.: Гулмирзоев, К.Х. Внешняя трудовая миграция в Таджикистане в условиях трансформационного периода, Монография. – Душанбе, 2021.-158 с.

корӣ зарур аст[81].

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз сол 2019 инҷониб дар Маскав намояндагии худро оид ба танзими равандҳои муҳоҷират ташкил кардааст, то ки аз ҷиҳати ҳуқуқӣ муҳоҷирони меҳнатиро ҳифз намоянд. Дар вилояту шаҳрҳе, ки шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ зиёданд, бо онҳо намояндаи ассотсиатсия ва идораи намояндагии муҳоҷирати меҳнатии шаҳри Маскав кор мебаранд. Мувофиқи пешниҳоди давлатӣ ба қувваи кор эҳтиёҷдошта Ҳукумат шумораи коргаронро аз рӯи касбу ихтисос тавсия менамояд.

Шахсоне, ки майли муҳоҷири меҳнатӣ шудан доранд, аз курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ дар ҷумҳарӣ мегузаранд ва ё курсҳои кӯтоҳ муддати ин ё он касбро меомӯзанд ва пешакӣ медонанд, ки ба сифати кӣ ва бо кадом музди меҳнат кор мекунанд.

Пушида нест, ки аз надонистани технологияи кор, қоидаҳои бехатарӣ, низоъҳои шахсӣ ҳар сол аз Ҷумҳурӣ 600-650 муҳоҷир мефавтад. Аз сабаби он ки онҳо коргари муваққатӣ мебошанд, нафақапулӣ дода намешавад. Оилаашон бесаробон мемонад. Мувофиқи ахбороти бонкҳои миллӣ ҳамасола 2-2,5 млрд. сомонӣ даромад ворид мешавад. Агар муҳоҷирони меҳнатӣ мувофиқи Низомномаи қабулкардаи Ҳукумати Ҷумҳурӣ рафтор кунанд, пас ба хазинаи давлати худ (аз рӯи фоизи корӣ онҳо) соле зиёда аз 3 млрд. сомонӣ даромад меоваранд.

Бо мақсади гузаронидани таҳлили муқоисавӣ ва муайян кардани тамоюли муҳоҷират, зарур аст, ки афзоиш ва камшавии ҷараёни муҳоҷиратро дар минтақаҳо вобаста ба се давра - солҳои 1991-2000, 2001-2010 ва 2011-2020 таҳлил намоем, ки натиҷаҳои он дар ҷадвали 3.1.1 оварда шудааст.

[81] Ниг.: https://russinfo.net/otdyh/naselenie-zemli/chislennost-naseleniya-mira-na-2021-god-sostavlyaet.html (10.10.22).

**Ҷадвали 3.1.1**

**Ҷамъбасти умумии муҳоҷирати аҳолӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 1991–2000, 2001–2010, 2011–2021 дар худуди ҷумҳурӣ.**

| № | *Минтақаҳо* | *Афзоиш ва камшавии муҳоҷират дар се давраи тақсимшуда (% ҳазор нафар)* | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | *1991-2000* | *2001-2010* | *2011-2021* | *Ҳамагӣ* |
| 1 | Ҷумҳурии Тоҷикистон | - 366,8 | - 111,4 | - 31,8 | - 526,1 |
| 2 | шаҳри Душанбе | - 106,2 | + 14,9 | + 20,1 | - 71,3 |
| 3 | ВМКБ | - 30,0 | - 55,4 | - 10,3 | - 95,7 |
| 4 | вилояти Хатлон | -100,7 | - 60,1 | - 47,6 | - 208,4 |
| 5 | вилояти Суғд | - 102,6 | - 41,4 | - 22,1 | - 166,1 |
| 6 | Ноҳияҳои Тобеи Ҷумҳур | - 55,9 | - 15,7 | + 12,4 | - 59,5 |

**Манбаъ:** Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон // Демографияи солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30 – соли истиқлолияти давлатӣ маҷмуи оморӣ. 2021. с. 387.

Аз ҷадвали 3.1.1 бар меояд, ки дар давраи аввали солҳои 1991-2000 ҳаракати муҳоҷират дар минтақаҳои ҷумҳурӣ хеле пуршиддат буданд ва чӣ тавре дар боло зикр гардид ин давраи ҷанги шаҳрвандиро дар бар мегирад, кисадҳо ҳазор мардуми кишварро маҷбур сохт, ки манзили худро тарк карда ба дигар давлатҳо кучида раванд[82, 83, 84, 85]. Дар давраи аввали солҳои 1991-2000 дида мешавад, ки аз ҳама бештар шаҳрвандон аз пойтахти мамлакат шаҳри Душанбе 106 ҳазору 200 нафар кучида рафтаанд. Сабаб дар он аст, ки дар пойтахт шумораи зиёди аҳолии русзабон зиндагӣ мекард ва маҳз онҳо қисми асосии муҳоҷиронро ташкил намуданд.

Вилоятҳои Хатлон ва Суғд низ камшавии калони аҳолӣ дида мешуд, ки аз ин вилоятҳо мутаносибан 100 ҳазору 700 нафар ва 102 ҳазору 600 нафар муҳоҷир гардида ба дигар давлатҳо рафтанд. Камшавии аҳолӣ дар сатҳи ҷумҳуриявии он давра ҳамагӣ 366 ҳазору 800 нафарро ташкил кард,

[82] Ниг.: Тоҷикистон: 20 - соли истиқлолияти давлатӣ (маҷмуи оморӣ). Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2011. с. 66-72.

83 Ниг.: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2018. с.37-39.

84 Ниг.: Демографияи солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2020. с.252-298.

85 Ниг.: Тоҷикистон: 30 - соли Истиқлолияти давлатӣ (маҷмуаи оморӣ). Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2021. с. 52-61.

ки яку якбора ҳудуди мамлакатро тарк кардани ин шумораи аҳолӣ ба вазъи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва демографии кишвар таъсири манфӣ расонид. Зеро дар байни онҳо мутахассисони зиёд буданд, ки дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат меҳнат мекарданд ва барқарор кардани ин гуна камшавӣ дар шароити ҳозира ва давраҳои наздиктарин ниҳоят мушкил аст.

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 3.1.1. мушоҳида кардан мумкин аст, ки дар давраи аввали солҳои 1991-2000 дар ҳамаи минтақаҳои мамлакат камшавии аҳолӣ аз ҳисоби муҳоҷират дида мешавад. Аммо дар давраи дуюми солҳои 2001-2010 аллакай дар пойтахти мамлакат шаҳри Душанбе афзоиши муҳоҷират бо нишондиҳандаи +14900 нафар ба назар мерасад, гарчанде дар дигар минтақаҳо камшавии аҳолӣ аз ҳисоби кучидани шаҳрвандон идома дошт.

Ҳамзамон бояд қайд кард, ки дар давраи дуюми солҳои 2001-2010 шумораи кучидани аҳолӣ аз 366 800 нафар то 111 ҳазору 400 нафар камтар гардид ва ин вобаста ба он аст, ки он солҳо дар дохили мамлакат сулҳу салоҳ ва оромии зисту зиндагӣ барқарор карда шуд.

Дар давраи сеюми солҳои 2011-2020 коҳиш ёфтани шумораи аҳолии кишвар аз ҳисоби кучидарафтагон давом дошт, лекин миқдори онҳо нисбат ба давраи дуюм боз ҳам камтар гардид ва ҳамагӣ - 31 ҳазору 800 нафарро ташкил кард, ки ин беҳтаршавии вазъи иқтисодию сиёсиро нишон медиҳад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар ин давра дар баробари афзоиши аҳолии шаҳри Душанбе (+20100 нафар), инчунин НТҶ, низ ба нишондиҳандаи афзоиши аҳолӣ бо шумораи +12400 нафар натиҷабахш гардиданд. Дигар минтақаҳо чун пештара бақияи камшавиии муҳоҷиратро ифода менамоянд ва чунин ҳолат дар шароити ҷаҳонишавии равандҳои муҳоҷират дар миқёси ҷаҳон ҳодисаи муқаррарӣ мебошад.

Вазъияти сиёсии муташаккил ва задухурдҳои дохилии шаҳрвандӣ дар он давра зиёда аз як миллион нафар одамонро маҷбур сохт, ки тарки

Ватан намуда, ба давлатҳои хориҷа ва дигар минтақаҳои дохили мамлакат муҳоҷират намоянд. Шумораи умумии гурезаҳои кишвар, ки дар ҳудуди дигар давлатҳо паноҳ ёфта буданд ва муҳоҷирони иҷбории дохили ҷумҳурӣ, дар солҳои 1992-1998 зиёда аз 900 ҳазор нафарро ташкил дод[86] ва вазъияти ба амал омадаи он давра Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба парокандагии давлативу парешонии мардум оварда расонид.

### 3.2. Сиёсати муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир ба масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ, ки ҳалли онҳо дар сиёсати дохилӣ ва берунии давлат яке аз самтҳои муҳимтарин мебошад, диққати ҷиддӣ дода, то дараҷае танзими давлатии онро ба роҳ мондааст.

Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа, ин пешгирии афзоиши муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва танзими муҳоҷирати меҳнатӣ мебошад. Муҳоҷирати меҳнатӣ қисми асосии муҳоҷирати иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, фаъол намудани бозори меҳнат ва хоҷагии ҷаҳониро дар маҷмуъ муайян менамояд. Яке аз сабабҳои муҳоҷирати байналхалқии қувваи коргарӣ - ин нобаробарии тараққиёти иқтисодии ҷаҳон, даромад ва имкониятҳо дар давлатҳои алоҳида, алалхусус байни мамлакатҳои аз ҷиҳати саноатӣ тараққикарда ва мамлакатҳои ру ба тараққӣ мебошанд.

Маҳз бо ҳамин мақсад аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тайи солҳои охир як қатор санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқӣ қабул гардиданд. Аз ҷумла, дар бораи таъсис додани Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Инҳо имконият медиҳанд, ки душвориҳои ҷойдошта дар ин самт бо роҳи ташкил ва танзими ҷараёни муҳоҷирати меҳнатии берунӣ пешбинӣ гардида, ҳалли худро пайдо намоянд.

То замони таъсисёбии Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз солҳои 1992 то соли 2006 сиёсати муҳоҷират ба

[86] Ниг.: Бобоев, А. Муҳоҷирати аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. «Матбааи ҳисоби хоҷагӣ» -и Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 2006. с.10.

души Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ буд ва бо фармони Президенти мамлакат, аз 30 ноябри соли 2006 таҳти №9, ҳалли масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ ба салоҳияти Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шуд. Пас аз омӯзишу баррасии коршиносон андешаи таъсиси мақомоти махсуси давлатӣ, ки ба масъалаҳои муҳоҷират ҳаматарафа расидагӣ кунад ва фаъолияти мутташакилона дошта бошад, ба миён омад. Ҳамин тариқ мутобиқи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 январи соли 2011 таҳти №1014 "Дар бораи Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" интишор гардид. Бо қарори ҳукумати мамлакат аз 30 апрели соли 2011 таҳти № 229 "Дар бораи Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон"[87]. Низомнома, сохтори дастгоҳи марказӣ, нақшаи идоракунӣ ва номгӯйи ташкилотҳои системаи он ташкил карда шуд.

Вазифаҳои асосии Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз инҳо иборат аст:

- ба танзим даровардани масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷ;
- ташкил намудани таълими касбии муҳоҷирони меҳнатӣ;
- бо кор таъмин кардани шаҳрвандони мамлакат дар хориҷӣ кишвар;
- ташкил намудани робитаҳои зич бо ҳамватанони бурунмарзӣ;
- танзими муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони хориҷӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Вобаста ба масъалаҳои зикргардида Хадамоти муҳоҷират фаъолияти худро равона менамояд.

Дар умум танзими масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ ба ҳамаи ташкилоту мақомотҳои давлатию ҷамъиятӣ вобастагӣ дорад.

Муҳоҷирати аҳолӣ дар зери таъсири омилҳои мухталиф ба амал меояд. Дар шароити ҳозира дар қатори омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ,

[87] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муҳоҷират. №881. 11.12.1999.

маданию ахлоқӣ, миллӣ, табиию географӣ, нақши омилҳои сиёсӣ дар инкишофи равандҳои муҳоҷират баланд гаштааст.

Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муҳоҷирати дохилии (ихтиёрии) аҳолӣ аз мавзеъҳои кӯҳӣ, наздикӯҳӣ ва ноҳияҳои зичии аҳолиашон зиёд ва камзамин ба ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои муҳоҷирон дар интихоби озодонаи ҷойи истиқомат, обод намудани заминҳои бекорхобида дар ноҳияҳои серзамин, инкишофи минбаъдаи соҳаи кишоварзӣ бо истифодабарии захираҳои меҳнатӣ аз ҳисоби шаҳрвандони бекор, мусоидат намудан ба баланд бардории шароити зисти аъзои оилаи муҳоҷирон ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ, пешгирии муҳоҷирати дохилии ғайрирасмӣ, таҳкими дустӣ миёни миллатҳо ва халқиятҳо дар ҷойҳои сукунати муҳоҷирон ва ба ҷалби оилаҳои ҷавон ба барпо кардани инфраструктураи деҳот равона гардидааст.

Кучонидани муҳоҷирони дохилӣ (ихтиёрӣ) аз як минтақа ба минтақаи дигар танҳо дар холати мавҷуд будани кафолатномаи расмии тарафи қабулкунандаи муҳоҷирон доир ба ҷойгир кардан дар хонаҳои истиқоматӣ ё ҷудо намудани қитъаи замин барои сохтмони манзили зисти доимӣ, таъмини оби нушокӣ, хизматрасонии тиббӣ, барқ, ҷойи кор барои ҳамаи аъзои оила, мавҷудияти ҳолати санитарии муносиб ва тибқи имкониятҳои мавҷудбуда барпо намудани иншооти иҷтимоӣ, метавонад амалӣ карда шавад. Кафолатномаи мазкурро мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ба унвони Хадамоти муҳоҷират пешниҳод менамояд[88].

Муҳоҷирати дохилӣ (ихтиёрӣ) муташаккилона, мувофиқи нақшаи аз ноҳияҳои камзамини кӯҳистон ва сераҳолӣ ба водиҳои дорои заминҳои партов ихтиёрӣ кучонидани аҳолӣ барои давраи миёнамуҳлат, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегардад, ташкил карда мешавад. Дар нақшаи мазкур номгуи шаҳру ноҳияҳои интиқолдиҳанда ва шаҳрҳо ё ноҳияҳои қабулкунандаи муҳоҷирон, теъдоди оилаи муҳоҷирон

[88] Ниг.: Қарори Ҳукумати ҶТ аз 7.08.2014 №532.

ва муддати ташкили муҳоҷират нишон дода мешаванд. Теъдоди хоҷагиҳои муҳоҷирони кучонидашаванда ба як шаҳр ё ноҳия (тарафи қабулкунанда) дар як сол набояд аз 200 адад зиёд бошад. Лоиҳаи нақшаи миёнамуҳлати муҳоҷиратро Хадамоти муҳоҷират дар асоси пешниҳоди тарафи интиқолкунанда ва кафолатномаи расмии тарафи қабулкунанда таҳия намуда, барои баррасӣ ва тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд. Мувофиқи нақшаи муҳоҷират Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақшаи моҳонаи чорабиниҳоро оид ба татбиқи нақшаи муҳоҷират таҳия менамояд, ки аз ҷониби Комиссияи байниидоравӣ оид ба танзими равандҳои муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

Муҳоҷирати дохилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2008, №647 “Дар хусуси тасдиқи Низомномаи тартиби муҳоҷирати дохилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва аз 3 декабри соли 2012, №677 “Дар бораи муҳоҷирати дохилии аҳолӣ аз ноҳияҳои камзамин ва сераҳолии кӯҳистон ба водиҳои дорой заминҳои бекорхобидаи ҷумҳурӣ дар солҳои 2016-2018” амалӣ карда мешавад.

Чи тавре, ки аз ҷадвал бармеояд, тибқи муқаррароти қарорҳои амалкунандаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муҳоҷирати дохилӣ дар давоми солҳои 2005-2022 дар ҷумҳурӣ 11185 оила кучонида шуда, аз ҷониби Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғаи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи муқаррарот маблағгузорӣ карда шудаанд.

**Диаграмаи 3.2.1**

**Теъдоди оилаҳои муҳоҷирони дохилӣ, ки дар давраи солҳои 2005–2022 дар қаламрави ҷумҳурӣ кучонида шуданд (ба ҳисоби оила)**




**Манбаъ:** таҳияи муалиф дар асоси малумотҳои Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати пешгирифтаи худро дар самти муҳоҷирати дохилӣ (ихтиёрӣ) тибқи дархостҳои шаҳрвандон идома медиҳад.

Барои амалӣ гардонидани қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муҳайё намудани шароити инфрособхторӣ дар мавзеъҳои ҷойгиршавии муҳоҷирон вазорату идораҳои ҷумҳурӣ мувазаф мегарданд.

Шарти асосии дар руйхат номнавис кардани оилаҳои муҳоҷирони дохилӣ (ихтиёрӣ) бо шарти мавҷуд будани на камтар аз ду узви қобили меҳнат дар оила, ки синну солашон: мардон - аз 15-сола то 63-сола ва занон - аз 15 то 58-сола вобаста буда, аъзои оила бояд аз ҷониби комиссияи тиббӣ коршоям дониста шуда бошанд.

Сардори оилаи муҳоҷиршаванда шавҳар (зан) буда, фарзандон ва падару модароне, ки дар таъминоти сардори оила мебошанд ва ҳамроҳи онҳо истиқомат мекунанд, аъзои оила ба ҳисоб меравaнд. Қарори ба

ҳайати оилаи муоҷиршаванда дохил кардани бародарон ва хоҳарони сардори оила ва ҳамсари он (шавҳар) аз ҷониби Хадамот қабул карда мешавад.

Барои фаҳмонидани моҳияти муҳоҷиркунонии аҳолӣ ва имтиёзҳое, ки муҳоҷирон аз он бархурдор мешавнд, Хадамоти муҳоҷират якҷоя бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо чӣ дар ҷойи баромади муҳоҷирон ва чӣ дар маҳалли ҷойгиршавии онҳо ташкил кардани корҳои оммавию фаҳмондадиҳӣ дар байни аҳолӣ бо истифодаи ҷалби васеи воситаҳои ахбори омма, маълум намудани шароити иқтисодию географии шаҳру ноҳияҳо бо мақсади дар оянда ҷобаҷокунонӣ ва бо кор таъмин кардани муҳоҷиронро таҳти омӯзиш ва назорат қарор медиҳад. Бо мақсади гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ дар минтақаи нави зисти муҳоҷирон ва ҷамоату хоҷагиҳои маҳали ҷойи ҷойгиркунонӣ ва ташкилоту идораҳоро ҷалб намуда, дар ҷойҳои ҷамъиятӣ насби лавҳаҳоро вобасга ба масъалаи мазкур ташкил менамояд.

Кормандони сохторҳои маҳаллии Хадамоти муҳоҷират ҳар як оилаи муҳоҷиршавандаро бо имтиёзҳои амалкунанда ва талаботи мавҷуда дар самти муҳоҷирати дохилӣ (ихтиёрӣ) шинос менамоянд. Нисбат ба оилаҳое, ки аризаи онҳо барои муҳоҷиршавӣ рад карда шудааст, дар давоми 10 рузи кори қарори сохторҳои маҳаллии Хадамоти муҳоҷират дар шаҳру ноҳияҳо баровarda шуда, аризадиҳандагон бо он шинос карда мешаванд.

Хадамоти муҳоҷират баъд аз қабули ҳуҷҷатҳои оилаҳои муҳоҷиршаванда дар давоми 10 руз ба номи сардори оила шаҳодатномаи муҳоҷиршавиро навишта, дар дафтари қайд сабт менамояд.

Шаҳодатномаи муҳоҷирӣ дар асоси санад ва руйхати муҳоҷирон супорида мешавад.

Ба замми ин, вазорату муассисаҳо ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо мақсади таъмини ҳимояи иҷтимоию ҳуқуқии муҳоҷирони

экологӣ тадбирҳои зеринро амалӣ мекунанд:

- пардохти хароҷоти роҳ;
- таъмини воситаҳои нақлиёт ҳангоми кучонидани муҳоҷирон аз минтақаҳои хавфнок ба ҷойҳои бехатар;
- таъмини сохтмони роҳҳои нақлиётӣ, навсозӣ ва барқарорсозии роҳҳои дохилихоҷагӣ дар ҷойҳои нави сукунат;
- сохтмони муассисоти тиббӣ ва таъмини онҳо бо мутахассисони соҳа;
- таъсиси муассисаҳои томактабӣ ва тахсилоти умумӣ дар ҷойҳои нави сукунати муҳоҷирони дохилӣ;
- таъмини амнияти қаторахои нақлиётии муҳоҷирони экологӣ ҳангоми интиқоли муташаккилонаи онҳо ба ҷойҳои нави сукунат;
- ташкили корҳои зарурӣ дар кашидани хатти таъминоти оби ошомиданӣ, об барои обёрии ҳавлию полезҳо дар ҷойҳои нави сукунати муҳоҷирони экологӣ;
- созмон додани инфрасохтори деҳот.

Вобаста ба аҳамияти ин тадбирҳо дар оянда ба ин масъалаҳо эътибори бештар додан лозим аст. Зеро эҳтимоли дидани осеби руҳии муҳоҷирон ҳангоми тарки макони аҷдодӣ ва сукунат дар ҷойҳои дигар боиси бадшавии саломатӣ мегардад. Ин ҷо нобасомониҳои раванди кучиш, истифодаи бесамаронаи маблағҳои давлатӣ метавонанд оқибатҳои нохуш ба бор оваранд. Ҳарчанд ки ин маблағҳо, ҳангоми кучонидан пардохта мешававд, вале хеле ночизанд. Ҳаҷми қарзи ҷудошаванда, ҳадди ақал, бояд 10 маротиба бештар ва бе фоиз ба муҳлати накамтар аз 20 сол бошад.

Чи тавре, ки дар қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст «Кучонидашудагон ҳуқуқи баргаштанро ба мавзеи зисти пештара надоранд». Ин ҷо дуруст аст, онҳо ҳуқуқи бозпас омаданро надоранд, зеро ба ҳаёти онҳо хатар таҳдид мекунад. Кучбастагон, низ муҳоҷиронанд, вале аз онҳо бо ин фарқ мекунанд, ки ба онҳо ҳангоми

кучидан ёрӣ расонида мешавад, аммо муҳоҷирон таваккалӣ худро дар хатар мегузоранд. Ҳолати ҳайратоваре мушоҳида мешавад, ҳангоме ки кучондашудагон аксаран раванди баръаксро пешгирифта бармегарданд, вале муҳоҷирон дар ҷойҳои сукунат кардаашон боқӣ мемонанд. Аммо ин ҷо ҳеҷ чизи ҳайратоваре нест, чунки муҳоҷирон ҳамеша ҷойи беҳтарро меҷуянд ва амали онҳо дар кор ба суйи беҳсозии вазъи иқтисодиашон равона карда шудааст, ки ин қонуни муҳоҷират аст. Маҳз зери ҳамин шиор кучонидагон ё худ бояд муҳоҷирони иҷборӣ кучонида шаванд ва ин имкон хоҳад дод, то аз равандҳои баръакс пешгирӣ карда шавад. Чунончи таҳлилҳо нишон дод, кучонидагон, чун қоида, ба ҷойҳои доимии худ барнамегарданд ва минбаъд кушиш мекунанд дар ноҳияю шаҳрҳои аз нигоҳи иқтисодӣ нисбатан беҳтар маскан гиранд. Муҳоҷират метавонад то замини дарёфти сатҳи зиндагии баробар ба ҷойи пешинаи зиндагӣ идома ёбад. Вале баробарии вазъ танҳо дар ду ҳолат муҳайё мегардад. Бадшавии зиндагӣ дар макони зист бар асари таҷаммуи аз ҳад зиёди аҳолӣ боиси баландшавии сатҳи бекорӣ, пастшавии сатҳи музди меҳнат бар асари рақобати бузурги қувваҳои корӣ ва ғайра мегардад. Аммо роҳи дигаре низ мавҷуд аст, ки ин сиёсати рушди минтақавист ва баҳри халосӣ аз тамоюлоти манфӣ бояд маҳз ба рушди минтақавӣ нигаронида шавад. Ин дар ниҳояти кор ба пешгирӣ аз кучиши бенизом мусоидат намуда, барои бартараф намудани оқибатҳои манфӣ муфидаст.

Кучонидан аз минтақаҳои аз нигоҳи экологӣ хавфноки ҷумҳурӣ, асосан бар асари ярч, обхезӣ, сел, ки бештар дар ноҳняҳои куҳистон ва наздикӯҳӣ рух медиҳанд, амалӣ карда мешавад. Ярчҳо, асосан, бинобар буридани ҷангалҳо зуд-зуд руй медиҳанд. Кучонидани аҳолӣ аз минтақаҳои хавфноки экологӣ ба ҷойҳои бехатар бо дастгирии бевоситаи давлат ташкил карда мешавад. Аз ВМКБ, аз ноҳияҳои Ишкошим, Рушон, Ванҷ, Дарвоз, Шуғнон ва Роштқалъа дар солҳои 2002 ба ноҳияи Носири Хусрав 101 хонавода кучонида шуд. То имруз ҳамагӣ 18 хонавода дар ҷойҳои собиқи сукунат боқи мондаанд. Онҳое, ки боқи

мондаанд ё манбаъҳои дигари даромад доранд ё ки имконияти молиявӣ надоранд, ки ин ҷойҳои сукунатро тарк кунанд. Дар тули солҳои охир, асосан, бо сабаби набудани шароит барои ба кори кишоварзӣ машғул шудан дар натаҷаи баланд шудани сатҳи обҳои зеризаминӣ, шуршавии заминҳо ва шуршавии обҳои ошомиданӣ ва ғайра, сокинон ҷойҳои сукунатро тарк кардаанд. Мавзеъҳои вайроншуда инчунин ба саломатии онҳо асари муайяне гузоштааст. Баррасии мавзуи макони сукунат гуфтаҳои сокинони мавзеъҳои мазкурро тасдиқ мекунад. Он 75 хонаводае, ки аз деҳаи Даштаи ноҳияи Роштқалъа бо сабабҳои дар боло зикршуда ҷойҳои сукунатро тарк карданд, дар ноҳияҳои мухталифи ҷумҳурӣ маскан гирифтанд. Баъзе хонаводаҳо дар деҳаи Шарораи шаҳри Ҳисор (аз гуфтаи сокиноне, ки дар ҷойҳои нави сукунат зиндагиро давом медиҳанд), ноҳияи Рӯдакӣ (совхози Ленинград) ва ш. Душанбе сокин гардидаанд, вале ба ҷойи истиқомати пешина барнагаштаанд.

Мутобиқи накшаҳои Агентии ҳифзи иҷтамоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират (минбаъд Агентӣ) Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ дар соли 2010 кучонидани 53 хонавода аз ВМКБ, 80 хонавода аз вилоята Суғд, 247 хонавода аз вилояти Хатлон ва 195 хонавода аз НТҶ, пешбинӣ гардида буд.

Натаҷаи таҳқиқҳои миқдорӣ нишон дод, ки қатъи назар аз мавҷуд будани намудҳои гуногуни вайроншавии муҳити зист аҳолӣ сукунатро дар он ҷойҳо идома медиҳад. Сабаби асосии дигар накардани макони зист - ин мавҷуд будани муҳоҷири корӣ дар хонавода (тақрибан 55%), хоҳиши тарки ватан надоштан (34,2%) набудани захираҳои молиявӣ (8,6%) ва омода будан ба тарки ин ҷойҳои вайроншуда (1,3%) аст.

Ҳамзамон, бояд ёдовар шавем, ки фосилаи бузурге миёни имконияти молиявӣ ва омодагӣ ба тарки ҷойҳои вайроншуда бо тамоми аҳли хонавода вуҷуд дорад. Нахостани тарки ватан дар НТҶ, ва вилояти Хатлон нисбаг ба вилояти Суғд бештар ҷой дорад, ки ин пеш аз ҳама, бо мавҷудияти хонаводаҳои бузурги анъанавӣ дар ду минтақаи аввал шарҳ

дода мешавад.

Мувофиқи натиҷаи таҳқиқот дар ноҳияи Носири Хисрав, дар деҳаи Фируза-2 ҳам шуршавии замин, ҳам баландшавии сатҳи обҳои зеризаминӣ дида мешаванд ва дар ноҳияи Ҳамадонӣ, дар деҳаи Навобод (ҷойи сукунати муҳоҷирон) ва деҳаи Метантова (ҷойи пешинаи истиқомати муҳоҷирон) - баландшавии сатҳи обҳои зеризаминӣ ба мушоҳида расидааст. Сабаби муҳоҷирати иҷбории аҳолии деҳаи Метантова обхезӣ дар натиҷаи аз маҷрои худ берун шудани дарёи Панҷ мебошад, ки бар асари он заминҳои кишт ва хонаҳои сокинон вайрон шуданд.

Кучонидани аҳолӣ аз мавзеъҳое, ки зери хатари равандҳои экзогенӣ қарор доранд, дар ҷумҳурӣ амали маъмулӣ гардидааст. Тибқи нақшаи дурнамо кучонидани хонаводаҳое, ки зери хавфи экзогенӣ қарор доранд, дар давраи солҳои 2000-2004 дар тамоми ҷумҳурӣ бояд 7664 хонавода дар давраи солҳои 2005-2010 боз 7200 хонаводаи дигар кучонида мешуданд. Чунонки аз нақшаи кучонидан бармеояд, аксари ноҳияҳои ҷумҳурӣ зери таъсири ба вукуъ пайвастани ҳодисаҳои экзогенӣ қарор доранд. Қисми бештари муҳоҷирони кучонидашуда бо сабаби ярчҳо ва селҳо, ки бештар ба ноҳияҳои куҳистон ва наздикӯҳӣ дар ҷумҳурӣ хос аст ва обхезиҳо - барои ноҳияҳои воқеъ дар маҷрои соҳили дарёи Панҷ, ба амал омадаанд.

Ярч асосан, дар ноҳияҳои наздикӯҳӣ дар ҷумҳурӣ (дар водиҳои Ёвону Обикиик ва Даҳана, дар баъзе қисматҳои ноҳияи Рӯдакӣ, дар шимоли ҷумҳурӣ махсусан дар ноҳияҳои Айнӣ ва Панҷакент) зуд-зуд ба амал меоянд. Дар ин ноҳияҳо бинобар ковокии хок ярчи заминҳо ва бодхурдашавии шабакаҳои обёрӣ дида мешавад. Дар ноҳияҳои наздикӯҳии ҷумҳурӣ (меъёри боришот аз 600 то 1500 мм, ранги хок ҷигарӣ) бодхурдашавии хок аз об ва лойқашавии об хеле паҳн гардидааст. Вайроншавии хок аз таъсири бод ё эрозияи бодӣ дар ҷануби ҷумҳурӣ (нрҳияҳои Шаҳритус, Қубодиён), дар шимоли ҷумҳурӣ (ноҳияҳои Конибодом, Б. Ғафуров, Спитамен, Зафаробод), дар шарқи

ҷумҳурӣ- дар ноҳияи Мурғоби ВМКБ мушоҳида мегардад. Чунонки натиҷаҳои таҳқиқоти саҳроӣ нишон медиҳанд, дар ин ноҳияҳо чунин вайроншавии муҳити зист то ҳол сабаби муҳоҷирати аҳолӣ нагардидааст. Оилаҳое, ки дороӣ муҳоҷирони корӣ ҳастанд, изҳор доштанд, ки сабабҳои иқтисодӣ нисбат ба дигар сабабҳо чунин бартарият доранд.

- муҳоҷирати мустақилона, зеро имкониятҳои молиявии хонаводаҳо маҳдуданд;

- аксари пурсишудагон дар ҳолати муҳоҷнирони эҳтимолӣ қарор доранд ва омодаанд, то дар аввалин фурсати мусоид ҳиҷрат кунанд;

- бо мақсади коҳиш додани оқибатҳои номатлуб, ба ҳокимиятҳои маҳаллӣ зарур аст, ки барои пешгирӣ аз сурат гирифтани ҷараёнҳои номатлуби муҳоҷират тадбирҳои зарурӣ андешанд;

- асосан вайроншавии муҳити зист, ки дар айни замон сабабгори муҳоҷирати аҳолӣ мешавад, ба офатҳои табиӣ, ба мисли ярч, обхезӣ, сел ва ғайра иртибот дорад. Вале дуруст нахоҳад буд, агар ҳамаи онҳоро ба офатҳои табиӣ нисбат бидиҳем. Чунончӣ, таҳқиқи сифатӣ нишон дод, то дараҷае ҳодисаҳои зуд-зуд рухдодаи ярч аз як тараф натиҷаи сатҳи пасти фарҳанги экологии аҳолӣ ва истифодаи нодурусти замин бошад, аз ҷониби дигар сохтани манзил дар ҷойҳое, ки сохтмон қатъиян манъбуда мебошад, зеро аз он ҷойҳо селобаҳо мегузаранд (дар даҳанаи рудҳои кӯҳӣ);

- фарқ миёни муҳоҷир ва ғайримуҳоҷир вайроншавии манзилгоҳ бар асари офатҳои гуногуни табиӣ барои аввалиҳо дар тафовут ба дуюмиҳо мебошад;

- ошкор карда шудааст, ки муҳоҷирони иҷборӣ дар аксари ҳолатҳо бо ҷойҳои пешинаи истиқомат робитаҳои доимӣ доранд ва дар он ҷойҳо ба корҳои кишоварзӣ машғуланд, ки ин ҳам ҳамчун як манбаи даромади иловагӣ барои ин хонаводаҳо боқӣ мемонад;

- дар миёни муҳоҷирони кучонидашуда аз мавзеъҳои вайроншуда

вобаста ба ҷойи нави сукунат ва шароити фароҳамгардида ва аз руйи дараҷаи қаноатмандии онҳо аз ҷой ва шароит муҳоҷиронро ба се гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст:

Гурӯҳи якум онҳое, ки дар маҷмуъ аз ҷойи нави сукунат қаноатманданд, гарчӣ мехоҳанд, барои корҳои деҳқонӣ замини бештар ва барои чорво чарогоҳ дошта бошанд. Масалан, кучонидашудагон аз деҳаи Шинг ба деҳаи Саразми шаҳри Панҷакент (ин ҷо хавфи ярчу селҳо нест), аз деҳаи Камар (Чорводор) ба деҳаи Маҳмадалӣ Ғаффори шаҳри Кулоб (вале дар тафовут бо аввалиҳо эҳтимоялияти обхезӣ боқӣ мемонад, ки метавонад дар оянда сабаби муҳоҷиршавӣ гардад) мисол шуда метавонанд.

Гурӯҳи дуюмро муҳоҷироне ташкил мекунанд, ки аз ҷойи нави зист бинобар набудани об барои обёрии зироат ва номусоидиҳои дигари инфрасохторӣ қаноатманд набошанд ҳам, аз сабаби бадтар будани вазъ дар ҷойҳои пешина, ба бозпас омадан омода нестанд, вале дар гурӯҳи муҳоҷирони эҳтимолӣ боқӣ мемонанд. Мисоли ин кучонидашудагон аз деҳаи Вашанг ба деҳаи Даштикони шаҳри Истаравшан ва деҳаи Даштикон -2 ноҳияи Деваштич аз деҳаи Ревад ба деҳаи Дашти Қозиӣ ноҳияи Айнӣ, аз деҳаи Метантова ба деҳаи Навободи ноҳияи Ҳамадонӣ ва ғайра шуда метавонанд.

Гурӯҳи сеюм онҳое, ки аз як мавзеи вайроншуда ба мавзеи вайроншудаи дигар кучонида шудаанд. (Мисол, аз деҳаи Дашти ноҳияи Роштқалъаи ВМКБ ба деҳаҳои Фируза-1 ва Фируза- 2, ки дар охирин шароити зиндагӣ нисбат ба якумӣ бехтар аст, гарчӣ нишонаҳои вайроншавии замин ҳамчунон равшан дида мешавад) ва онҳое, ки ихтиёрӣ ба ин ҷойҳо кучонида шуда, ба гурӯҳи муҳоҷирони пештар, баъдан ва ҳоло муҳоҷиршудаю муҳоҷиршавандаи эҳтимолӣ шомил гардидани (онҳое, ки чун муҳоҷирони ихтиёрӣ аз ноҳияи Шуғнони ВМКБ ва аз шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон ба деҳаи Фируза-2 ноҳияи Носири Хусрав кучонида шуда буданд) ва ғайра.

Барои аксари муҳоҷирон бинобар вайроншавии муҳити зисташон муҳоҷират кардан ягона роҳи халосӣ аст.

Муҳоҷирати солҳои 1930-1970-иҷборан аз тарафи давлат барои аз худ кардани заминҳои партов кучонидашударо таҷрибадор номидан мумкин аст.

Онҳое, ки дар мавзеъҳои вайроншудаи муҳити зист зиндагиро идома медиҳанд, гарчи нишонаҳои вайроншавӣ ба мисли шуршавии заминҳо, сатҳи баланди обҳои зеризаминӣ, биёбоншавӣ ва ғайра баръало дида мешавад, вале ҷойи сукунаташонро тарк наменамоянд бо он шарҳ дода мешавад, ки онҳо манбаъҳои дигари даромад доранд ё худ манзили онҳо осеб надидааст, ё ин ки намехоҳанд мавзеъҳои бобоиро тарк кунанд ва ғайра. Ҳангоми набудани омилҳои ҷиддаи «маҷбуркунанда» чунин хонаводаҳо аз нигоҳи муҳоҷират ғайрифаъол боқи мемонанд, вале ба шумори муҳоҷирони эҳтимолӣ дохил мешаванд.

Гурӯҳи муҳоҷирони эҳтимолие пайдо шудаанд, ки бо муҳити зист пайваста буда, дар муқоиса ба онҳое, ки дар асри XX маҷбуран барои аз худ кардани заминҳои партов кӯчонида шуда буданд, худашон омодаанд ба ҷойҳои дигар куч банданд, вале мустақилона имконияти анҷом додани ин корро надоранд ва ба кумаки давлат эҳтиёӣ доранд.

Шаҳрвандоне, ки ҷойҳои тарк накардаанд аммо мехоҳанд он ҷойҳоро тарк кунанд, низ мавҷуданд, масалан деҳаи Метантоваи ноҳияи Ҳамадонӣ), гарчи хонаҳои онҳо аз таъсири ярч, обхезӣ, сел каму беш осеб дидаанд, аммо онҳо кучидан нахостанд. Ин гурӯҳро ба шумораи муҳоҷирони эҳтимолӣ нисбат додан мумкин аст, чунки обхезиҳо ва тағйирёбии маҷрои дарёи Панҷ, баҳор ва тирамоҳ дар аснои обхезӣ ба гуфтаи сокинони ин маҳал, то ҳол хавфи такроршавии обхезӣ вуҷуд дорад.

Ғайримуҳоҷироне, ки имкони тарки ҷойҳои хавфнокро доштанд, аммо ин корро накарданд, гарчи ба онҳо чунин имконият фароҳам оварда шуда буд ва аз ҷониби давлат қитъаҳои замин барои сохтмон ва

расонидани кумак дар сохтани манзил, дар ҷойҳои нав фароҳам карда шуда буд, вале онҳо аз ин имкониятҳо истифода накардаанд. Баъзеҳо, ҳатто қитъаҳои заминро фурухтанд (мисол, деҳаи Қиблаии ноҳияи Рӯдакӣ). Он гурӯҳҳое, ки умуман фикри кучиданро надоранд (хонаҳои онҳо ҳануз осеб надидаанд), ба истиснои такрори ҳодисаҳои ярч, ки ба зиндагии онҳо хатар дорад, онҳо, ки ҳамарӯза вайроншавии хонаҳои худро мушоҳида мекунанд, вале ба онҳо ёрии дубора расонида ва қитъаҳои нави замин ҷудо карда намешаванд;

- гурӯҳи дигаре ҳам фарқ карда меистад, ки дар вақташ аз ҷониби давлат кучонида шуда, бо хона таъмин карда шуда буданд, вале айни замон мавқеи ноустувор ё калобишол ишғол менамоянд (тарзи зиндагии калобанда байни зодгоҳ ва ҷойҳои нави сукунат).

Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2000 ба Конвенсияи байналхалқӣ дар бораи ҳимояи ҳуқуқи ҳамаи коргарони муҳоҷир ва аъзоёни оилаи онҳо шомил гашт ва дар асоси он давлатҳои иштироккунандаи ин Конвенсия уҳдадоранд ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзоёни оилаи онҳоро аз мавриди шиканҷа, таҳқир, ҷароҳатҳои ҷисмонӣ, таҳдид ва умуман муомилаи ғайриинсонӣ, ки шаъну шарафи инсонро паст мезанад, ҳимоя намоянд. Мутаасифона, на ҳамаи давлатҳои қабулкунандаи муҳоҷирони меҳнатӣ ба Конвенсияи байналхалқӣ шомил гардиданд ва аз ин хотир уҳдадориҳои дар боло зикршуда барои онҳо қобили қабул нестанд ва илова бар он, масъалагузории кишварҳои равонкунандаи муҳоҷирони меҳнатӣ аз ҷониби кордиҳандагони давлатҳои қабули муҳоҷирон хуб пазируфта намешавад.

Оид ба масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ як қатор мушкилотҳои ҳалталаб ҷой дорад. Аз ҷумла, асосан таваҷҷуҳ ба бозори меҳнат танҳо ба як давлат равона шудааст, ки дар баъзе мавридҳо сабаби фишороварии сиёсии давлати қабулкунанда шуда метавонад. Надоштани маълумоти ибтидоии касбӣ, паст будани сатҳи тахассус, надоштани маълумоти ҳуқуқӣ ва надонистани забони давлати қабулкунандаи

муҳоҷир, паст будани маърифати фарҳангии баъзе аз муҳоҷирон боиси мушкилоти муҳоҷирони меҳнатӣ дар хориҷи кишвар мегардад. Ғайр аз ин, боз мушкилоти зиёде, аз қабили ёфтани ҷои зист, ҷои кори мувофиқ, шароити меҳнат ва ғ. ҷой дорад.

### 3.3. Дурнамои муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

Баробари ба даст овардани истиқолияти давлатӣ дар ҷумҳурӣ ислоҳоти иқтисодӣ оғоз ёфт. Табаддулоти иқтисодиёти миллӣ аз низоми маъмурӣ-фармондеҳӣ ба иқтисодиёти бозорӣ дар назди ҷомеаи кишвар масъалаҳои зиёдеро ба миён овард, ки дар байни онҳо таъмини рушди иқтисодии самаранок аввалиндараҷа ба шумор мерафт.

Бояд қайд намуд, ки дар марҳилаи аввал дар мамлакат бӯҳрони сиёсӣ ба миён омад, ки бо Ҷанги шаҳрвандӣ ҳамрадиф буд. Ғайр аз ин оғози ислоҳоти иқтисодӣ дар Тоҷикистон бо сабаби ҷараёни дезинтегратсионӣ ва шиддатёбии ҳолати сиёсиву иқтисодии кишвар мушкилоти зиёд ба миён овард. Аз ҷумла, сар задани буҳрони трансформатсионӣ, коҳиш ёфтани суръати рушди иқтисодӣ, касод шудани танзими давлатии иқтисодиёт, паст гардидани рақобатпазирии молистеҳсолкунандагони ватанӣ, хатар ба амнияти озуқаворӣи мамлакат, паст шудани самаранокии истифодабарии омилҳои истеҳсолот ва ғайра.

Дар натиҷа нишондиҳандаи сифатии рушди иқтисодӣ нисбат ба соли 1991, коҳиш ёфт.

Бояд қайд кард, ки ин ҷараён, новобаста аз афзоиши мутлақи ММД, ба назар мерасад. Баробари ба имзо расидани аҳдномаи сулҳ байни ҳукумати қонунӣ ва мухолифин соли 1997 дар иқтисодиёти кишвар бӯҳрони трансформатсионӣ боздошт гардида, ба пешравии минбаъдаи иқтисодиёт замина гузошта шуд.

Дар натиҷаи амалҳои ободкориву барқарорсозии иқтисодиёти

кишвар миқдори корхонаву ташкилотҳо рӯ ба афзоиш ниҳод.

Новобаста ба дастовардҳои дар тӯли соҳибистиқлолии мамлакат ба миён омада барои пешрафти иҷтимоиву иқтисодии Тоҷикистон як қатор мушкилот пеш омада буд:

-бартараф намудани оқибатҳои бӯҳрони трансформатсионӣ;

-ҳавасмандгардонӣ бо мақсади рушди иқтисодии мувофиқ;

-такомули танзими давлатии иқтисодиёт;

- таъсиси тамсилаи мувофиқи тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ;

-инкишофи иқтидори инвеститсионӣ;

-таъмини шуғли пурраи аҳолии аз ҷиҳати иқтиисодӣ фаъол;

-инкишофи иқтидори истеҳсолии саноати мамлакат;

-таъмини истиқлолият ва амнияти озуқаворӣ;

-баланд намудани рақобатпазирии молистеҳсолкунандагони ватанӣ;

-баланд намудани самаранокии истифодабарии омилҳои истеҳсолот.

Бинобар ин барои бартараф намудани мушкилоти бамиёномада мувофиқи барномаи тараққиёти иҷтимоиву иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дурнамои миёна амалигардонии чунин чорабиниҳо пеш омад:

-мукаммалгардонии механизмҳои ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ;

-нигаҳдории тағйирёбии мусбати тараққиёти иқтисодӣ;

-васеъ намудани истеҳсоли молҳои истеъмолӣ;

-амалӣ намудани диверсификатсия ва модернизатсияи иқтисодиёти миллӣ;

-бартараф намудани вобастагӣ аз воридоти молҳои инвеститсионӣ.

Мушкилоти дар назди ҷомеаи мамлакат бамиёномада дар асоси сиёсати пешгирифтаи ҳукумати Тоҷикистон ҳалли худро меёбад ва сатҳи зиндагонии мардум зина ба зина баланд мешавад.

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, 4 ҳадафи миллӣ ҳамчун вазифаҳои аввалиндараҷа – расидан

ба истиқлолияти энергетикӣ; баромадан аз бумбасти коммуникатсионӣ; таъмини бехатарии озуқаворӣ ва саноатикунонии босурати кишвар арзёбӣ мегарданд.

Бояд қайд намуд, ки вазъи воқеии соҳаи энергетика ва саноати кишвар мунтазам мавриди баррасии ҳукумати мамлакат ва таҳлилу арзёбии ташкилотҳои марбутаи байналмилалӣ қарор дошта, дар ин раванд корҳои зиёд ба анҷом расидаанд. Дар даври татбиқи стратегияи қаблӣ дар соҳаи электроэнергетика ба маблағи 723,8 млн. доллари ИМА маблағгузорӣ карда, чандин лоиҳаҳои афзалиятнок амалӣ гаштаанд. Аз ҷумла, дар ин давр НОБ-и Сангтуда-1, агрегати якуми НОБ Сангтуда-2, ХИБ-500 кВт. "Ҷануб-Шимол" ва ХИБ-220 кВт. "Лолазор- Хатлон”, 265 адад нерӯгоҳи хурди барқӣ бо иқтидори зиёда аз 23287,6 кВт., ХИБ-220 кВт Тоҷикистон - Афғонистон бунёд карда, мавриди истифода қарор дода шуданд[89].

Аз соли 2007 барои гузариш ба истифодаи ангишт омода намудани корхонаҳо ва қонеъ гардонидани талаботи бо захираҳои энергетикӣ нақшаю чорабиниҳо дар самтҳои зерин таҳия гардида, ҷиҳати амалӣ намудани онҳо тадбирҳо андешида мешавад.

Ҳоло барои зиёд намудани истихроҷ, коркард ва истеҳсоли маҳсулоти нафтӣ тадбирҳои амалӣ андешида мешаванд. Дар ин роҳ оядаи наздик ба 200 ҳазор тонна дар як сол расонидани коркарди маҳсулоти нафтӣ бо ширкатҳои Русия ва Хитой созишномаҳои ҳамкорӣ ба имзо расонида шудаанд.

Солҳои охир рушди иқтисоди миллӣ, тамоюли рушди саноат нигоҳ дошта мешавад. Бунёди корхонаҳо, бо назардошти таҷҳизоти нави замонавӣ идома ёфта, корхонаҳое, ки фаъолият надоштанд ба кор даровардa мешаванд, зиёда аз 10 ҳазор ҷои кор таъсис ва барқарор карда шуданд.

---

[89] Ниг.: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон // Тоҷикистон дар рақамҳо. Душанбе, 2019. с. 82.

Ҳоло корхонаҳои саноатӣ зиёда аз 90 намуди маҳсулот истеҳсол менамоянд. Айни замон ҳаҷми умумии маҳсулоти истеҳсолшавандаи соли 2020-ум 13,9% ҳиссаи саноати истихроҷшаванда ва 61,7% ҳиссаи саноати коркардкунанда мебошад. Ба соҳаи тақсимоти нерӯи барқ, газ ва об то 24,4% ҳаҷми истеҳсолот рост меояд.

Аз ҳаҷми умумии маҳсулоти истеҳсолшудаи саноат ҳиссаи саноати хурока, энергетика (истеҳсоли барқ) ва металлургияи ранга зиёдтар аст. Зиёдшавии ҳаҷми истеҳсолот бо суръати афзоиши он дар солҳои 2018-2020 мутаносибан 4,4%, 3,1% ва 5,6% ба мушоҳида расида, ҳамчун талаботи афзояндаи истеъмолот нигоҳ дошта мешавад[90].

Бо назардошти таъмини рушди соҳаи саноат ду соли охир дар вилояти Суғд наздик 170 корхонаи нави хурду калони саноатӣ ба фаъолият шуруъ намуда, зиёда аз 7400 ҷои кор таъсис ва бори аввал дар Тоҷикистон истеҳсоли шишаи сохтмон, коғаз, лулаҳои пластикӣ ва дигар маҳсулоти ивазкунандаи воридот ба роҳ, монда шуданд.

Дар даҳ соли охир сармоягузорӣ ба иқтисодиёти вилоят зиёда аз 2 млрд. доллари ИМА-ро ташкил дод. Дар ин давра 63 корхонаи муштарак, аз ҷумла КМ “Зарафшон”, КМ “Апреловка”, КМ “Оби Зулол”, КМ "Саноати кории Тоҷикистону Хитой" ба фаъолият шуруъ намуданд. Бунёди корхонаҳои калони ресандагӣ дар ноҳияҳои Мастчоҳ, Спитамен, Зафаробод ва шаҳри Хуҷанд имконияти пурраи коркарди нахи пахтаи дар вилоят истеҳсолшавандаро муҳайё месозад.

Соли 2014 анъанаи ба истеҳсолот ҷалб намудани занон ба роҳ монда, дар заминаи корхонаи “Зиннати”-и Хуҷанд коргоҳи қолинбофии дастӣ ташкил карда шуд, ки дар он бештар аз 300 нафар фаъолият доранд. Лозим аст, ки минбаъд чунин коргоҳҳо дар дигар ноҳияҳои вилоят ташкил карда шаванд.

Бо мақсади ривоҷ додани ҳунарҳои мардумӣ инчуни ба вуҷуд омадани корхонаҳои хурду бузург дар манотиқи ҷумҳурӣ ва бо ҷои кор

[90] Ниг.: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон // Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30 – солагии истиқлолияти давлатӣ Душанбе. 2021. с. 39.

таъмин намудани аҳолӣ Пешвои миллат мухтарм Эмомалӣ Раҳмон соли 2018-ро “Соли сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” эълон намуд. Сӯзанидузӣ ва инкишоф додани дигар ҳунарҳои халқӣ минбаъд имкон медиҳанд, ки ҳарчӣ бештар занҳои бекору хонашин ба фаъолияти меҳнатӣ ҷалб карда шаванд.

Танҳо соли 2021 зиёда аз 30 корхонаи хурди сӯзанидузию руймол ва ҷомадузӣ, бофандагии анъанавии матоъҳои адрасу атлас, читгарӣ ва рангубордиҳии ғайрикимиёвӣ ташкил шуда, ба фаъолият шуруъ намуданд. Барои ривоҷ додани чунин ҳунарҳои халқӣ ва дилгармии соҳибкорон, махсусан, занон грантҳои раиси вилоят таъсис дода шуданд, ки аз он бонувони ҳунарвар дар асоси пешниҳоди лоиҳаи худ сазовори имтиёз мегарданд.

Бояд қайд намуд, ки соли 2021 ба ҷои 190 иншооти ҷашнӣ 205 иншоот мавриди истифода қарор гирифт: аз ҷумла, сехи заргарӣ ва дузандагӣ дар ҶММ "Равшан"-и шаҳри Гулистон маркази тиҷоратӣ, сохтмони корхонаи истеҳсоли шакар, маводи матбаа, истеҳсоли профилҳои алюминӣ ва пластикӣ, маҳсулоти дузандагӣ ва бофандагӣ, хобгоҳи мактаби президентӣ дар шаҳри Бустон (Чкаловск), корхонаи бастубанди меваи хушк ва маркази савдо дар шаҳри Исфара, корхонаи коркарди орд ва нигоҳдории ғалла, сехи макарон дар шаҳраки Ғафуров.

Кишоварзӣ. Яке аз бахшҳои пешбарандаи иқтисодиёти Тоҷикистон соҳаҳои кишоварзӣ мебошад. Дар натиҷаи тадбирҳои то ба ҳол андешида тараққиёти воқеии маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ таъмин гардида, дар даҳ соли охир қариб ду баробар зиёд шудааст, имрӯз ба ҳисоби миёна 23%-и маҷмуи маҳсулоти дохилии мамлакатро ташкил медиҳад.

Давоми 15 соли охир дар соҳаи кишоварзӣ 42 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи зиёда аз 3,7 млрд. сомонӣ амалӣ карда шуд.

Айни замон дар соҳаи мазкур тибқи 9 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ дар ҳаҷми 1,5 млрд. сомонӣ идома дорад.

Солҳои 2010-2014 дар ҷумҳурӣ дар майдони 50000 гектар боғу токзори нав бунёд гардида, барнома барзиёд иҷро карда шуд ва беш аз 100 ҳазор ҷойи корӣ нав муҳайё гардид.

Аз ҷониби ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаи нави рушди соҳаи боғу токпарварӣ барои солҳои 2016— 2020 қабул гардид, ки дар заминаи он 20 ҳазор гектар боғу токзори нав бунёд гардид, ки боиси муҳаё намудани ҷойҳои кории нав шуд.

Барои ҳалли мушкилоти мавҷуда бояд корҳои зерин амалӣ шаванд:

- бо мақсади ҷалби сармоягузории дохилию хориҷӣ фароҳам овардани фазои мусоиди маблағгузорӣ;

- ташкили ҷойҳои нави кори дар минтақаҳои алоҳидаи кишвар.

**Дар соҳаи саноат:**

- афзоиш додани коркарди ашёи хоми дохилӣ тавассути татбиқи дастовардҳои илму техника дар истеҳсолот;

- афзоиши ҳаҷми маҳсулот, таъмини бозор бо ашёи хушсифату арзони ватанӣ.

**Дар соҳаи кишоварзӣ:**

- баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ ва истифодаи самараноки замин;

- баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои обу замин;

- ташкили кооперативҳои истеҳсолӣ ва сари вақт гузаронидани чорабиниҳои агротехникӣ, хизматрасониҳои бойторӣ, агрономӣ, обтаъминкунӣ ва ғайра;

- ташкили корхонаҳои хурди коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар маҳалҳои истеҳсоли он.

Оид ба шуғли аҳолии мамлакат ва минтақаҳои он ҳаминро бояд қайд намуд, ки аз сабаби баланд будани суръати зиёдшавии аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол ва бозгашти муҳоҷирони меҳнатӣ аз хориҷи кишвар, хусусан аз Федератсияи Русия номувофиқатӣ байни пешниҳодот ва талабот ба ҷои кор мавҷуд аст. Роҳи ҳалли ин муаммо ва мушкилот

сурат бахшидан ба инкишофу тараққиёти иқисодиёти миллӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои моддӣ, молиявӣ ва зеҳнии кишвар ба ҳисоб меравад.

## ХУЛОСА

Натиҷаҳои асосии илмии дисертатсия омӯзиши асосҳоиназариявӣ ва методологӣ, ҷанбаҳои амалии ташаккули муҳоҷирати меҳнатӣ ба мо имкон дод, ки хулосв ва пешниҳодҳои зеринро баррасӣ намоем:

1. Дар тафовут бо кишварҳои пешрафта, ки замони авҷи муҳоҷиратро сипарӣ кардаанд ва бо муҳоҷирати доимӣ вобаста нестанд, Тоҷикистон ба анбӯҳи муттасили муҳоҷират дар шароите рӯ ба рӯ гардид, ки иқтисоди он баъди ҷанги шаҳрвандӣ дар вартаи бӯҳронӣ қарор дошт.

Муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аслан хусусияти мавсимӣ дорад, ки аксари муҳоҷирон дар аввалҳои баҳор ва тобистон ба муҳоҷират меравалд. Муҳоҷирати аҳолӣ дар таърихи башарият нақши барҷаста дошта, равандҳои сокиншавӣ, мавриди истифода қарор додани заминҳо, рушди қувваҳои истеҳсолӣ, ташаккул ва омӯзиши қавму нажод, забонҳо ва халқҳо ба он иртибот доранд. Зарурати омӯзиш ва дарки илмию фаҳмиши хусусиятҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва дигар масъалаҳои муҳоҷират, таъсири он ва ба вазъи сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодии кишвар ва соҳаҳои фарҳангию равонӣ ва ахлоқӣ дар давраи кунунӣ пеш омадааст. Ин ва дигар оқибатҳои муҳоҷират дорои хусусиятҳои мусбӣ ва манфӣ мебошад.

2. Дар солҳои охир муҳоҷират хусусияти ҳамаҷонибаи муайяни иҷтимоию-иқтисодӣ касб намуда, ба ҳаёти ҷамъиятҳои маҳаллӣ тағйирот ворид менамояд ва ба сиёсати ҷории кишварҳои соҳибистиқлол таъсир мерасонад. Чунин шакли муҳоҷирати меҳнатӣ, ба монанди муташаккилона сафарбар намудани шаҳрвандон ва дигар шаклҳои ба корравии коргарон аз Тоҷикистон ба Русия ва дигар мамлакатҳои аъзои ИДМ, натанҳо шаклан, балки мазмунан тағйир ёфт.

3. Боиси қайд аст, ки ҳиссаи зиёди муҳоҷирон ба мамлакатҳои ИДМ ба тарви ғайрирасмӣ сафар менамоянд. Паст будани сатҳи касбии

муҳоҷирони меҳнатӣ боиси ҷалб гардидани онҳо ба корҳои муздаш кам мегардад. Ғайр аз ин, сатҳи пасти забондонӣ ва қонуну қоидаҳои мамлакати воридшавии муҳоҷирон ҳуқуқи онҳо аз ҷониби намояндагони мақомоти давлатӣ ва шаҳрвандони алоҳида поймол карда мешаванд.

4. Сабабҳои асосии ҷалбкунандагии муҳоҷирати меҳнатии бурунмарзӣ дар ҷумҳурӣ барзиёдии захираҳои меҳнатӣ, набудани ҷойи кор, паст будани музди меҳнат, камбизоатӣ ва номуайяни дар оянда ба ҳисоб меравад. Ғайр аз ин, қувваи кории аз Тоҷикистон воридшуда барои кордиҳандагон арзон буда, талаботи онҳоро пурра қонеъ мегардонад.

Ҳамин тавр, чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки омилҳои иқтисодии муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷ аз эҳтиёҷи зиёд ба қувваи корӣ:

- дараҷаи нисбатан баланди музди меҳнат;
- имконияти пайдо намудани ҳуқуқи шаҳрванди доимӣ. ҷои кори доимӣ ва манзил;
- таъмин будан бо маводи хӯрокаи сифатнок ва дигар молҳо имконияти гирифтани касб ва баландбардории дараҷаи тахассусӣ иборат аст.

5. Дар замони муосир дар ҷаҳон чунин шароит ва низоми иқтисодию сиёсие ташаккул ёфтааст, ки бисёр масъалаҳои гуногунро ҳам муҳоҷирон ва ҳам мамлакатҳо бояд якҷоя ҳал намоянд. Яке аз ин масъалаҳо муҳоҷират ба шумор меравад, ки ҳамчун масъалаи доғи рӯз дар асри XXI мебошад. Ба он бисёри давлатҳо дучор гардидаанд ва бо мақсади ба танзим даровардани муҳоҷирати аҳолӣ ва ҳифзи иҷтимоию ҳуқуқии муҳоҷирон аз ҷониби давлатҳои интиқолдиҳанда ва қабулкунандаи муҳоҷирон созмонҳо ва ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ, ҷамъиятӣ ва ғайридавлатӣ тадбирҳои амалӣ андешида шуда истодааст. Лекин рӯз то рӯз афзудани шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ дар тамоми олам ва паҳлуҳои зиёд доштанаш ҳалли ин проблемаро ниҳоят душвор мегара истодааст.

6. Дар шароити имрӯза Тоҷикистон ҳамчун давлати мустақил, ки

дар арсаи байналмилалӣ қадамҳои устувори худро гузошта истодааст, оид ба ҳалли масъалаи муҳоҷират худро дар канор гирифта наметавонад. Чунки ҷараёни муҳоҷирати байналмилалӣ дар сарзамини Тоҷикистони муосир низ ногузир аст ва шумораи муҳоҷирон рӯз то рӯз афзоиш меёбад. Мувофиқи тадқиқотҳои мушахаси иҷтимоӣ ва сиёсӣ аз вазъияти имрӯзаи Тоҷикистон, чунин хулоса баровардан лозим аст, ки аз ибтидои асри XXI дар ҷумҳурӣ рӯз то рӯз шумораи муҳоҷирон меафзояд. Новобаста аз оне, ки дар ҳаёти мамлакат тағйиротҳои куллӣ ба вуҷуд омада ва Тоҷикистон дар пешрафту тараққиёт қадамҳои устувор гузошта истодааст. Тоҷикистон дар замони муосир оид ба ҳалли масъалаҳои муҳоҷират бояд фаъол бошад, чунки дар замони ҷаҳонишавӣ муҳоҷират чунин як падидае, ки боиси дур шудани насли нав аз арзиш ва урфу одатҳои миллӣ, ки бунёди ҳастии миллатанд, кушиш ба харҷ дода истодааст.

7. Бояд қайд кард, ки аз ҳамаи намудҳои муҳоҷирати аҳолӣ, ки дар ҳудуди кишварамон амалӣ мешаванд, муҳоҷирати меҳнатӣ афзалияти бештар дорад ва нақши он дар рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат ва кам кардани сатҳи камбизоатӣ баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ мебошад. Муқаррар карда шуд, ки тайи даҳсолаҳои охир раванди муҳоҷирати аҳолӣ ва алалхусус самти муҳоҷирати меҳнатӣ дар миқёси ҷаҳон, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба шакли ҷаҳонишавӣ мубаддал гаштааст.

8. Яке аз омилҳои асосии муҳоҷират омили иқтисодӣ мебошад. Қонунҳои номусоиди иқтисодӣ ва андозбандии вазнин, сабабҳои муҳоҷират шуда метавонанд. Вале ҳеҷ яке аз ҷараёнҳои муҳоҷират мувофиқи бузургии ҳаҷм бо ҷараёнҳои муҳоҷират, ки дар асоси хоҳиши аксарияти муҳоҷирон ба воситаи ҳиҷрат беҳ намудани сатҳи зиндагӣ ба миён омадааст, баробар шуда наметавонад.

9. Муайян карда шуд, ки дар солҳои 50-70-уми асри XX шумораи асосии муҳоҷирон аз давлатҳои суст тараққикарда ба давлатҳои аз

ҷиҳати истеҳсолот пешрафта дида мешуд, ҳоло бошад мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки аз солҳои 1980 сар карда, баръакс ҷойивазкунии қувваҳои корӣ, дар давлатҳои тараққикардаи дунё бештар ба амал меояд. Дар замони муосир бошад, муҳоҷирати меҳнатии байналмилалӣ аз давлатҳои суст тараққикарда ба давлатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафтаи ҷаҳон ба амал меояд.

10. Рафти муҳоҷирати меҳнатӣ нишон медиҳад, ки дар Тоҷикистон сол то сол микдори "Мардикорон" зиёд мегардад, Ҳукумати ҷумҳурӣ бо якҷоягии давлатҳои донор Созишномаи мушаххас ба имзо расонд. Мувофиқи пешниҳоди давлати ба қувваи кор эхтиёҷдошта ҳукумат шумораи коргаронро аз рӯи касбу ихтисос тавсия менамояд. Ҳарчанд муҳоҷират ҷиҳатҳои мусбӣ дорад, аммо дар баробари манофеи молӣ расондан ба буҷети оила, инчунин мушкилотеро дар муҳити хонаводагӣ эҷод мекунад. Дар ҳоле ки сардори оила ба муддати 365 рӯз ё 1 сол ба муҳоҷират меравад, ба душиі модар ҳамаи кору бори зиндагӣ, тарбияи фарзандон, таъмини оила ва дигар корҳо, ки ин масъулияти хеле вазнин аст бор мешавад.

11. Масъалаи ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатии мамлакат аз ҷумла, аъзои оилаи онҳо тайи солҳои охир яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб рафта, пайваста дар мадди назари роҳбарияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорату идораҳои дахлдор қарор дорад. Аммо, бо вуҷуди саъйю кӯшишҳо, масоили муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ барои Тоҷикистон тезу тунд боқӣ мемонанд. Муҳоҷирати меҳнатӣ аз Тоҷикистон ба ҳимояи ҳуқуқӣ эҳтиёҷ дорад.

Агар ба таърихи муҳоҷират дар Тоҷикистон назар афканем, ба чунин хулоса омада метавонем:

а) Солҳои 30-юми асри XX муҳоҷирон аз марзи Тоҷикистон, пас аз мағлуб гаштани ҳаракатҳои босмачигарӣ, ба воситаи Афғонисгон роҳи

гузаштанро пеш гирифта, дар давлатҳои номбурда умр ба сар мебаранд. Дар давлатҳои Осиёи Наздик ва Хитой ҳоло авлодони муҳоҷирони иҷборӣ зиндагӣ мекунанд.

б) Пас аз ғалабаи Иттиҳоди Шуравӣ аз болои Германияи фашисти як қисм тоҷикону узбекон, туркманҳою қирғизҳо, қазокҳою русҳо украинҳо, белорусҳо, ки дар асорати немисҳо монда буданд, аз тарси "25 сол маҳкумшавӣ" ба ватани худ барнагаштанд. Чунин шахсони асирафтодаро солҳои 1960 -85 дар ИМА, РФГ, Фаронса, Туркия дидан мумкин буд.

в) Солҳои 1941-50 мардуми тоҷик баҳри зиндагӣ аз Ватани худ баромада, ба қисми ҷануби Қазоқистон, қисми ҷануби Узбекистон куч бастанд.

г) Солҳои 1953-55 муҳоҷиркунии сиёсӣ дар Тоҷикистон ба назар мерасад. Аз тарафи Кумитаи амнияти миллӣ муайян карда шуда буд, ки дар Тоҷикистон шахсоне, ки дасташон ба одамкушию ғоратгарӣ дар давраи босмачиён олуда гаштаанд, маҷбурӣ бо аҳли оилааш кучонида, ба марзи биёбонҳо, заминҳои азхуднашудаи  Қазоқистон, Сибири Шарқӣ кучонида мешуданд.

д) Муҳоҷирати иҷбории солҳои 1991-95 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси муҳоҷиршавӣ дар як муддати кӯтоҳ гардида, қариб 1 млн нафар тарки ватан карданд. Ба давлатҳои ҳамсоя - Русия, Қрими Украина, Узбекистон, Туркманистон ва ғайраҳо куч бастанд. Ҷанги шаҳрвандӣ на танҳо боиси камшавии аҳолӣ гашт, балки мутахассисони болаёқати соҳаҳои саноати кӯҳӣ, мошинсозӣ, кимиё, олимони соҳаи тиб аз марзи Тоҷикистон баромада гардиданд.

